**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ТДУ: 35+342 (575.3)
ТБК: 67.401 (2Т)
Р- 17

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**РАЗЗОҚЗОДА ТАМКИН МУРОД**

# МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛИ МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ**

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Иброҳимов Солеҳҷон Иброҳимович

**ДУШАНБЕ − 2024**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО……………………………………………………3**

**МУҚАДДИМА ........................................................................................ 4-24**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛИ САТҲИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН……………………………………………………………… 25-72**

1.1. Ҷойи ҳокимияти иҷроия дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ…………………………………………………………………………25-39

1.2. Моҳият ва таъиноти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи давлатӣ………………………………………………………………..… 39-52

1.3. Асосҳои ҳуқуқии ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон………………………………………………...… 52-72

**БОБИ 2. НИЗОМИ МАҚОМОТИ САТҲИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН……………………………73-159**

2.1. Мафҳум ва таснифи мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон………………….……………………...……... 73-96

2.2. Вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия………...………...…… 96-115

2.3. Санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон……………. .. ……………………………...……..116-126

2.4. Самтҳои такмили ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия..........................................................................................................126-159

**ХУЛОСА .......................................................................................... 160-162**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.......................................................................................... 163-164**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ........................................................................ 165-181**

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.. ...................................................................................................182-183**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ММИҲ** – Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқӣ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ФР** – Федератсияи Россия

**ҶҚ** – Ҷумҳурии Қазоқистон

**ҶБ** – Ҷумҳурии Беларус

**ҶШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ВШО ҶТ**– Ведомости Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВСО РСС Тоҷикистон** – Ведомости Совети Олии Республикаи Совети Сотсиалистии Тоҷикистон

**АШО ҶТ** – Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**б.** – банд

**ғ.** – ғайра

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар таърихи Тоҷикистон саҳифаи навро боз намуда, ҳанӯз аз замони ба даст овардани чунин арзиши сиёсӣ Ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри пешрафт ва рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ки маҳз, ташкил, танзим ва такмили заминаи ҳуқуқӣ метавонад ба он мусоидат намояд, чораҳои муассирро то ба имрӯз амалӣ намуда истодааст. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 23 декабри соли 2023 дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» иброз намудаанд: «Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа – ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст»[1].

Албатта, таъмини иҷрои чунин ташаббусҳо ба тасвиб расонидани нақшаву барномаҳо ва консепсияҳои мукаммали давлатиро чи дар сатҳи марказ ва чи дар сатҳи маҳал талаб намуда, иҷрои босифати он нишондиҳандаи сатҳ ва сифати идоракунӣ баромад мекунад. Фаъолияти самараноки мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва нақши он дар таъмини рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ гардида, ҳамчун кафили амалишавии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дониста мешавад.

Бо фармони Президенти ҶТ аз 11 июли соли 2015, №522 тасдиқ гардидани «Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар ҶТ барои давраи то соли 2030» таҷассумгари таваҷҷуҳи роҳбари олии кишвар ба масоили рушди маҳал ва ҳалли мушкилоти он  буда, мақсади Консепсияи мазкур аз ташаккули самтҳои асосӣ ва заминаи сиёсию ташкилӣ ва ҳуқуқии идоракунии рушди

[1] Паёми Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 23 декабри соли 2022, шаҳри Душанбе. – Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj  (санаи муроҷиат: 11.10.2023).

маҳал, инчунин,  вазифаҳо барои такмили идоракунии рушди маҳал иборат мебошад[2].

Боиси қайд аст, ки фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ як навъ зуҳуроти амудии идоракунӣ буда, ҳамчун зернизоми низоми ягонаи ҳокимияти иҷроия амал менамояд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба объектҳои идора бештар наздик мебошанд ва сатҳу сифати фаъолияти онҳо ба самаранокии идораи давлатӣ таъсири бевосита мерасонад.

Рушди минбаъдаи кишвар, мукаммал ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоту сохторҳои давлатиро бо назардошти шароити муосир талаб менамояд, зеро сатҳ ва сифати фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла, мақомоти маҳаллии хокимияти иҷроия ба пешрафт ва рушди давлат таъсири мусбат хоҳад расонид. Нишондиҳандаи мусбати он фаъолияти муътадил, натиҷабахш ва самараноки мақомоти давлатӣ дониста шуда, дар ташкили иҷрои босифати қонунҳо, ки ба беҳтар намудани шароити маҳал нигаронида шудааст, инъикоси худро меёбад.

Бинобар ин, самаранокии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, танзими давлатӣ-ҳуқуқии муносиби фаъолияти мақомоти мазкур барои таъсири онҳо ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ба иҷрои Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, қарорҳои Маҷлиси Олии ҶТ, палатаҳои он – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, санадҳои Президенти ҶТ ва Ҳукумати ҶТ, қарорҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти иҷроия ва Маҷлиси вакилони халқи воҳиди дахлдор, баланд бардоштани вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолии маҳал, ки дар воҳиди маъмурӣ-ҳудудии дахлдор ба сифати  яке аз ҳадафҳои асосӣ ва вазифаи давлат ва мақомоти он дониста мешавад, муҳим мебошад. Зеро ки самаранокии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ба муассир ва ҳадафмандона амалӣ намудани меъёрҳои қонун алоқаманд дониста мешавад.

---

[2] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2015, №522 “Дар бораи Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj  (санаи муроҷиат:18.10.2023).

Мавриди қайд аст, ки омӯзиши масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия барои тавсифи дуруст ва ҳаматарафаи вазъи ҳуқуқии сохторҳои маҳаллии мақомоти ҳокимияти иҷроия, илман асоснок кардани сохтори низомноки мақомоти иҷроияи дар сатҳи маҳал фаъолиятбаранда бо мақсади муқаррар намудани қонуниятҳои пайдоиш тавсифи робитаи байни онҳо ва рушди сохторҳои онҳо, баррасии масоили аломатҳои муҳимми шабеҳият ва тафовути онҳо, вазъи ҳуқуқии онҳо, таҳлили хусусияти таъсири ташкилӣ ба объектҳои идора, масоили марбут ба салоҳияти раисони вилоят, шаҳр, ноҳия, ки ба мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сарварӣ менамояд, баррасии масъалаи дар сатҳи қонунгузорӣ ба таври тафриқавӣ мустаҳкам кардани ваколатҳои раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, иҷрокунандаи вазифаи раис дар ин сатҳ ва вазъи ҳуқуқии онҳо, бартараф намудан ва аз байни бурдани духӯрагӣ дар санадҳои қонунгузорӣ нисбат ба интиқоли ваколат дар сатҳи маҳаллӣ, муҳайё намудани шароити мусоиди ташкилию ҳуқуқӣ барои интиқоли ваколат байни унсурҳои идораи маҳаллӣ, ки ба густариши раванди ғайримутамарказгардонии идоракунӣ ҳамчун омили муҳим ба шумор меравад, шароити муосиди ҳуқуқӣ фароҳам оварда, бешубҳа бо такмили асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти ҳомилони ин сатҳи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал саривақтӣ шуморида шуда, мусбат арзёбӣ мегардад.

Боиси қайд аст, ки масоили марбут ба фаъолияти мақомоти идора дар сатҳи вилоят, шаҳр ва ноҳия бо Конститутсияи ҶТ ва Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» танзим карда мешавад.

Бо назардошти омӯзиш ва пешниҳодҳои фарогирандаи масъалаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ба санадҳои зикргардида тағйиротҳо ва иловаҳо ворид шудааст.

Аммо, санадҳои мазкур новобаста аз ин, як қатор масъалаҳоеро дар бар мегиранд, ки омӯзиш, баррасӣ ва ҳалли минбаъдаро тақозо намуда, аз он

шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар кишвар ба такмили минбаъда ниёз дорад.

Аз ин хотир, таҳқиқоти илмии дар доираи диссертатсияи мазкур анҷомдодашуда мувофиқи мақсад ва саривақтӣ арзёбӣ карда шуда, барои такмили самаранокии идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал ва рушди он заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда, барои беҳтар намудани асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти ин зинаи ҳокимияти иҷроия, таҳлили илмии созанда дар ин самт, таҳлил ва муқоисаи тарзи ташкил ва фаъолияти он бо таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи хориҷӣ ва дар ин замина, баланд бардоштани вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолии он муосидат менамояд.

Ҳадафи асоснокнамоии диссертатсияи мазкурро дар сатҳи қонунгузории миллӣ мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва фаъолияти он, такмили заминаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти мазкур ва ҳомилони он ташкил медиҳад. Аз ин хотир, мавзуи дар рисола мавриди таҳқиқ қарордода хеле мубрам буда, барои бо омӯзиши амиқтар фаро гирифтани масоили ташкилӣ-ҳуқуқии яке аз зерзинаҳои муҳимми ҳокимияти иҷроия – мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ мусоидат хоҳад кард.

Бо назардошти асосҳои дар боло зикршуда масъалаи баррасишаванда аҳаммиятнок эътироф шуда, таҳлил ва таҳқиқи он фарогирандаи мубрамии махсус хоҳад гашт.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ яке аз масъалаҳое мебошад, ки то ба имрӯз дар доираи илми ҳуқуқи маъмурии кишвар ба таври пурра мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Новобаста аз он ки сатҳи маҳаллии идора аз замони шуравӣ дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии гуногун фаъолият намуда, баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатии ҶТ рӯ ба ташаккул ниҳодааст, таҳқиқи алоҳидаи мавзуи мазкур дар адабиёти илмии ватании замони шуравӣ низ мушоҳида намешавад. Мавзуи мавриди баррасӣ масоили гуногунро фарогир

аст, ки паҳлуҳои алоҳидаи он аз ҷониби як қатор олимони кишвар ва хориҷ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Аз ҷумла, зикри таҳқиқоти густурдаи назария ва амалияи ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Б.Ҳ. Раззоқов арзанда аст, ки дар он моҳияти ин шохаи муҳаррики ҳокимияти давлатӣ, рушди шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии идора, низоми ҳокимияти иҷроия ва консепсияи рушди минбаъдаи он дар партави ислоҳоти фарогири идораи давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст[3]. Масъалаҳои марбут ба асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рисолаи номзадии Ҷ.Ш. Қодиров таҳлил шудааст[4]. Натиҷаи фаъолияти илмии олимони кишвар дар самти омӯзиш, таҳлил ва баррасии масъалаҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия назаррас арзёбӣ мегардад ва муаллиф зимни таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз онҳо бархурдор шудааст.

Ба ҷанбаҳои гуногуни масоили ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, инчунин, олимони ватанӣ С.И. Иброҳимов, Р.Н. Маъруфӣ, А.М. Диноршоҳ, И.А. Имомов, Р.Ш. Шарофзода, Х.О. Ойев, З.М. Ализода, Ҷ.Н. Ҷамшедзода, З.М. Соибов, С.А. Қиёмиддинов, Д.М. Муллоев, олимони хориҷӣ – А.П. Алехин, Г.В. Атаманчук, Д.Н. Бахрах, К.С. Белский, Г. Брэбан, В.Г. Вишняков, В.Ф. Волович, Б.Н. Габричидзе, А.А. Кармолитский, Ю.М. Козлов, И.А. Полянский, В.М. Попов, Б.В. Россинский, Г.С. Сапаргалиев, Ю.Н. Старилов, Ю.А. Тихомиров, А.И. Черкасов, В.Е. Чиркин ва дигарон дар доираи таҳқиқоти худ таваҷҷуҳ додаанд.

Зимни таҳқиқоти ин рисолаи диссертатсионӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқии ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кори

---

[3] Раззоков Б.Х. Организация исполнительной власти Республики Таджикистан: проблемы теории, законодательства, практики. Монография. – Душанбе: Империал-Групп, 2015.– 416 с.
[4] Кодиров Дж.Ш. Конституционно-правовые основы организации и деятельности местных исполнительных органов государственной власти в Республике Таджикистан: дис...к.ю.н. – Душанбе, 2021. – 207 с.

илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ: А.М. Диноршоҳ[5], Х. Ойев[6], И.А. Имомов[7], С.А. Раҷабов[8], С.Р. Раҷабов[9], С.М. Касимов[10], А.М. Барнашов[11], Ю.М. Козлов[12], Д.Н. Бахрах[13], К.С. Белский[14], И.В. Черкасов[15], Е.С. Хозикова[16], К.В. Болотина[17], Н.И. Глазунова[18], А.И. Лепешкин[19], А.И. Лукянов[20], И.А. Азовкин[21], Б.М. Лазарев[22], В.Г. Вишняков[23], Е.В. Черкасова[24], В.Е. Чиркин[25], Н.В. Ювитса[26], Ю.А. Тихомиров[27], В.А. Юсупов[28], А.М. Осавелюк[29], Ю.Н. Старилов[30], Д.М. Овсянко[31], Е.Б. Айтказинов[32], В.Г. Афанасев[33], Б.В. Россинский[34] истифода карда шудааст.

---

[5] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2007. – 211 с.
[6] Ойев Х.О. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1. – Душанбе, 2013. – 564 с.
[7] Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Нашри сеюм. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 495 с.
[8] Раджабов С.А. Таджикская ССР – суверенное государство. –Душанбе, 1959. –336 с.
[9] Раҷабов С.Р. Марҳалаи нави фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ // Давлат ва ҳуқуқ. 2004. – №4. – С.24.
[10] Касымов С.М. Городские Советы депутатов трудящихся Таджикистана на современном этапе. – Сталинабад, 1961. – 203 с.
[11] Барнашов А.М. Теория разделения властей: становление, развитие и применение. –Томск, 1988. – 100 с.
[12] Козлов Ю.М. Административное право. – М., 2005. – 554 с.
[13] Бахрах Д.Н. Административное право России. –М., 2000.– 328 с.
[14] Бельский К.С. Разделение властей и ответственность в государственном управлении. – М.,1990. – 167 с.
[15] Черкасов В.И. Местное управление в зарубежных странах: модели и тенденции эволюции // Государство и право. 2011. – №3. – С.84-92; Черкасова Е. В. Местные Советы народных депутатов и начало реформирования местного самоуправления в советский период // Молодой ученый. 2020. – № 14. – С. 210.
[16] Хозикова Е.С. Современные подходы к местному управлению и самоуправлению в зарубежных странах // Закон и право. 2018. – №9.
[17] Болотина Е.В. Муниципальное управление: теория и практика французской государственности: автореф. дис....д.ю.н. – М., 2006. – 36 с.
[18] Глазунова Н.И. Система государственного и муниципального управления: учеб. – М., 2006. – 632 с.
[19] Лепешкин А.И. Советы - власть трудящихся, I9I7-I936. – М., 1966. –575 с.
[20] Лукьянов А.И. Развитие законодательства о советских представительных органах власти // Некоторые вопросы истории, теории и практики. – М., 1978. –351 с.
[21] Азовкин И.А. Местные Советы в системе органов власти. – М., 1971. –272 с.
[22] Лазарев Б.М. Компетенция органов управления. – М., 1972. – 280 с.
[23] Вишняков В.Г. Двойное подчинение органов управления народным хозяйством. – М., 1967. – 114 с.
[24] Черкасова Е. В. Местные Советы народных депутатов и начало реформирования местного самоуправления в советский период // Молодой ученый. 2020. – № 14. – С. 210.
[25] Чиркин В.Е. Публичное управление “на местах”: некоторые вопросы росийского и зарубежного опыта // Журнал российского права. 2014. – №10. – С.41; Чиркин В.Е. Юридическое лицо публичного права. – М., 2007. –114 с.
[26] Ювица Н.В. Местное управление в Республике Казахстан: попытка создания национальной модели // Управление. 2019. – №1. – С.27.
[27] Тихомиров Ю.А. Управление на основе права. – М., 2007. – 484 с.
[28] Юсупов В.А. Научная организация исполнительной власти. –Волгоград, 1998. – 153 с.
[29] Осавелюк А.М. Вспомогательный аппарат высших органов государственной власти в механизме государства: автореф. дис. …д.ю.н. – М., 2006. – 45 с.
[30] Старилов Ю.Н. Курс общего административного права. Т.1. – М., 2002. –711 с.
[31] Овсянко Д.М. Административное право: Учебное пособие. – М., 2000. – 468 с.
[32] Айтказинов Е.Б. Конституционно-правовые основы системы региональных представительных и исполнительных органов власти Республики Казахстан: автореф. дис… к.ю.н. – М., 2010. – 28 с.
[33] Афанасьев В. Г. Общество: системность, познание и управление. – М., 1981. – 432 с.
[34] Россинский Б.В. Реализация концепций административной реформы // Вестник Университета имени О.Е.Кутафина (МГЮА). 2018. – №1. – С.34.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар ҶТ» омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳлил ва баррасӣ намудани масоили мубрам вобаста ба асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани моҳият ва таъиноти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, марҳилаҳои рушд ва ташаккули мақомоти мазкур, ошкор намудани мушкилот ва норасоиҳои ҷойдошта дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда вобаста ба ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масоил оид ба салоҳияти раиси вилоят, шаҳр, ноҳия ва дигар ҳомилони ин мақомот дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ, инчунин, роҳандозӣ намудани ҷустуҷӯ ҷиҳати дарёфт ва ҳалли масоили илмӣ дар самти такмил ва рушди минбаъдаи қонунгузории соҳавии кишвар вобаста ба фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ, ҳамчунин, масъалаҳо оид ба фаъолияти амалии ташкилӣ ва дар ин замина, таҳияву бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта дар фаъолияти ин зинаи мақомоти идораи давлатиро ташкил менамояд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар рисола вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– таҳлил намудани ҷойи зинаи маҳаллии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ;

– таҳлил намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ошкор намудани мафҳум, моҳият ва таъиноти мақомоти  маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми идораи давлатӣ;

– омӯзиши заминаҳои ҳуқуқии ташкилӣ ва муқаррар намудани марҳилаҳои ташаккул ва рушди мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили назариявӣ ва амалӣ бо мақсади муайян намудани камбудиҳо дар фаъолияти мақомоти  идораи иҷроия дар маҳал;

– таҳлили таснифи  илмии мақомоти  идораи иҷроия дар маҳал;

– таҳлил ва омӯзиши масоили вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия;

– муайян намудани самтҳои асосии такмили ташкили мақомоти идораи иҷроия дар маҳал.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҷанбаҳои ташкилӣ ва фаъолияти мақомоти  маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, мавқеи мақомоти мазкур дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, таъинот ва нақши он дар идораи маҳаллӣ, асосҳои ҳуқуқӣ ва марҳилаҳои рушд ва ташаккул, тартиби ташкил, сохтор, таснифот, низоми мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, инчунин, вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия ташкил медиҳанд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотро маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки ба танзим намудани муносибатҳо вобаста ба ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд. Ҳамзамон, мавзуи таҳқиқотро натиҷаҳо ва дастовардҳои илмӣ, ақида ва нуқтаҳои назари олимон вобаста ба асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти  маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири ду давраи асосии рушд ва ташаккули мақомоти маҳаллии ҳокимияти

иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таҳлили гузаронидашуда оид ба рушди асосҳои ҳуқуқии ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия собит менамояд, ки дар ҶТ бо назардошти хусусиятҳои тарҳи идораи маҳаллӣ он ду давраро дар бар мегирад: давраи шуравӣ ва давраи баъди қабули Конститутсияи ҶТ. Давраҳои мазкур ба консепсияҳои хоси ташкили ҳокимияти маҳаллӣ такя намуда, ҳар кадом дар навбати худ марҳилаҳои муайяни такмилу камолотро дар бар мегиранд. Тавре таҳлилҳо собит менамоянд, низоми шуравии ташкили ҳокимиятдорӣ, ҳатто, баъди ба даст овардани истиқлол ҳам то давраи муайян дар ҶТ (солҳои 1991 - 1994) дар асли худ пойбарҷо буд ва танҳо тасвиби Конститутсияи даврони соҳибистиқлолӣ ба шикасти он заминаи ҳуқуқӣ бахшид. Ба назар гирифтани талаботи санадҳои сиёсӣ, ки самтҳои минбаъдаи рушди қонунгузорӣ ва идоракунии рушди маҳалро муайян мекунанд, такмили низоми конститутсионии кишвар ва ислоҳоти маъмурӣ дар назар дошта мешавад, ки ба устувории ташкил ва самаранокии фаъолияти низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия нигаронида шудааст ва чӣ хеле ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, то ба ҳол такмили ин сатҳи ҳокимияти иҷроия идома дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии роҳандозишуда, дар маҷмуъ, ташаккул, инкишоф ва масоили ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ба даст овардани истиқлоли давлатӣ то ба имрӯз дар бар мегирад. Инчунин, бо мақсади такмил додан ва мукаммал гардонидани мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба ҷанбаҳои гуногуни ташкилӣ ва фаъолияти амалии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ аз таҷрибаи ташкилӣ ва фаъолияти амалии мақомоти мазкур дар давлатҳои хориҷӣ ба монанди Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон истифода карда шудааст. Марҳалаи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2015-2024 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро маҳсули фаъолияти илмии олимони ватанӣ ва

хориҷӣ, ки вобаста ба масоили гуногун ва паҳлуҳои алоҳидаи асосҳои назариявию ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро дар ҶТ мавриди таҳлил қарор додаанд, ташкил медиҳанд. Аз ин хотир, зимни таҳия ва омода намудани диссертатсия вобаста масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҳсули илмии олимони ватанӣ, мисли Б.Ҳ. Раззоқов, И.С. Иброҳимов, Р.Н. Маъруфӣ, А.М. Диноршоҳ, Х. Ойев, З.М. Сотиволдиев, З.М. Ализода, Ҷ.Н. Ҷамшедзода, И.А. Имомов, З.М. Соибов, Ҷ.Ш. Қодиров, С.А. Раҷабов, С.М. Касимов, К. Мухторов, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқов, Ҷ.М. Зоиров, С.А. Қиёмиддинов, П.Н. Изатуллозода, Д.Ф. Абдуллоева ва олимони хориҷӣ, мисли А.М. Барнашов, Е.С. Хозикова, Ю.М. Козлов, И.А. Полянский, Д.Н. Бахрах, В.Ф. Волович, К.С. Белский, Г. Брэбан, З.М. Черниловский, И.В. Черкасов, А.И. Черкасов, Н.Ю. Козлова, К.В. Болотина, Н.И. Глазунова, В.И. Чиркин, Н.Г. Чернишевский, В.М. Попов, А.И. Лукянов, В.Г. Вишняков, Е.В. Черкасова, В.Е. Чиркин, Г.В. Атаманчук, А.Б. Пигулкин, Ю.А. Тихомиров, Б.Н. Габричидзе, А.С. Автономов, А.М. Осавелюк, Ю.Н. Старилов, Б.В. Россинский ва дигарон истифода карда шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Зимни омода намудани таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқӣ истифода гардидаанд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳқиқи диалектикӣ, низомнокӣ ва хулосабарорӣ истифода шудаанд. Инчунин, зимни таҳқиқоти илмӣ усулҳои хусусии ҳуқуқӣ, аз қабили таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гирифтанд, ки дар натиҷа, мафҳуми мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ, асосҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил, сохтор ва таъиноти мақомоти мазкур таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Истифодаи усули диалектикӣ имкон дод, ки ташаккул ва инкишофи мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ дар даврони соҳибистиқлолии ҶТ, инчунин, заминаҳои ҳуқуқӣ ва давраҳои рушд ва ташаккули мақомоти мазкур муайян карда шаванд. Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ имкон дод, ки вазъи асосҳои ҳуқуқии ташкилӣ сатҳи маҳаллии мақомоти ҳокимияти иҷроия бо таҷрибаи ташкили

ҳамин гуна мақомот дар кишварҳои хориҷӣ муқоиса карда шавад. Ҳамзамон, усули мазкур барои муайян намудани мавқеи мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ мусоидат намуда, тавассути он таносуби муқоисавии мақомоти мазкур ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки дар сатҳи маҳал фаъолият мебаранд, ба амал бароварда шудааст. Усули мантиқӣ-ҳуқуқӣ бошад, ба муайян намудани зарурати ташкил намудани мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия мусоидат намудааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Зимни амалӣ намудани таҳқиқоти илмӣ дар доираи рисолаи диссертатсионӣ бо мақсади ҳаматарафа таҳлил ва мавриди омӯзиш қарор додани мавзуи баррасишаванда санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи кишвар ва хориҷи он, низомномаи вазоратҳо, мақомоту идораҳо, дигар санадҳои ҳуқуқӣ вобаста ба ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ барои муайян намудани ҷанбаҳои ҳуқуқии татбиқи салоҳият, сохтор, вазифа ва функсияи онҳо бо мақсади муайян намудани асосҳои ҳуқуқии он мавриди истифода қарор дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии рисола дар он зоҳир мегардад, ки он нахустин маводди таҳқиқотии мукаммал буда, масоили назариявӣ ва ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро дар ҶТ фаро гирифтааст. Дар раванди таҳқиқот масъалаҳои назариявӣ ва асосҳои ҳуқуқии ташкилӣ, фаъолияти амалӣ ва дигар норасоиҳо дар қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ маротибаи нахуст мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар натиҷаи таҳқиқоти илмии роҳандозишуда таклифҳои илман асоснок ва аҳаммияти амалидошта таҳия, коркард ва ҷиҳати минбаъд такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳа пешниҳодҳо манзур шудааст.

Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида навгонии рисола ва натиҷаи ҳалли вазифаҳои дар он гузошташударо ифода намуда, чунин гурӯҳбандӣ намудан мувофиқи мақсад шуморида мешавад:

– дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷой ва хусусиятҳои ҳокимияти иҷроия дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ муайян карда шудааст;

– дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии роҳандозишуда масоили вазъи ҳуқуқӣ, асосҳои ташкил, фаъолият, мафҳум, моҳият, ва таъиноти зинаи маҳаллии ҳокимият дар ҶТ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудааст;

– масоили вобаста ба ҷойи мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҳамкории мутақобилаи он бо дигар мақомоти идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал муайян карда шудааст;

– асосҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия мавриди баррасӣ қарор дода шуда, бо мақсади такмили шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур ба қонунгузории амалкунандаи ҶТ таклифҳои асоснок пешниҳод шудааст;

– бо омӯзиши санадҳои ҳуқуқӣ давраҳои ташаккул, рушд ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия муайян карда шудааст;

– бо омӯзиши санадҳои қонунгузории амалкунанда ва танзимкунандаи фаъолияти мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия норасоиҳо ва духӯрагии меъёрҳо муайян карда шуда, бо мақсади мутобиқ намудан ва такмили меъёрҳо пешниҳодот манзур карда шудааст;

– таснифоти мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия роҳандозӣ карда шуда, барои такмили сохтор ва вазъи ҳуқуқии унсурҳои сатҳи мазкур хулосаҳо пешниҳод шудааст;

– вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия мавриди таҳлил қарор дода шуда, баҳри такмили ваколатҳои ташкилии чунин унсури калидии сатҳи маҳал пешниҳодот манзур гардидааст;

– самтҳои асосии такмили ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар ҶТ муайян карда шуда, ҷиҳати такмил ва бартараф намудани камбудиҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда таклифҳо пешкаш гаштаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқи илмии анҷомёфта имкон медиҳад, ки барои ҳимоя чунин нуқтаҳои илмӣ-назариявӣ пешниҳод карда шаванд:

1. Асоснок шудааст, ки сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия унсури таркибии низоми мақомоти ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ҳамчун такягоҳи идораи давлатӣ баромад мекунанд. Ибораи дар қонунгузорӣ мустаҳкамшуда – «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ба муҳтавои меъёри дахлдори конститутсионӣ мувофиқат намекунад ва нақши мақомоти мазкурро коҳиш медиҳад. Аз ин рӯ, пешниҳод дорем, ки меъёри моддаи 1 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия – ҷузъи таркибии низоми ягонаи ҳокимияти иҷроияи ҶТ, ки дар доираи салоҳияти худ фаъолияти иҷроия-амрдиҳандаро оид ба идораи давлатии маҳаллӣ амалӣ менамоянд».

2. Дар қонунгузории мамлакат тавсифи идоракуни (идора)-и маҳаллӣ то ҳанӯз дода нашудааст, ки норасоӣ дар танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад. Аз ин хотир, барои мушаххас намудани фаъолияти субъектони дахлдор ворид намудани иловаро ба м.1 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» бо мазмуни зайл мақсаднок меҳисобем:

а) «Идораи маҳаллӣ – фаъолияти мақомоти маҳаллии иҷроия-амрдиҳанда дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ баҳри ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти маҳаллӣ бо назардошти манфиатҳои умумидавлатӣ ва манфиатҳои аҳолии маҳал»;

б) «Идораи давлатии маҳаллӣ – фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия дар сатҳи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба мақсади амалисозии сиёсати давлатӣ дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ».

3. Дар натиҷаи омӯзишу таҳлили қонунгузории Тоҷикистон давраҳои зерини ташаккул ва рушди сатҳи маҳаллии идораи давлатӣ муайян ва пешниҳод мегардад:

– давраи шуравӣ: (аз соли 1924 то соли 1991), ки аз таъсиси Тоҷикистон ба ҳайси ҷумҳурии шуравии сотсиалистӣ оғоз шуда, то пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ идома меёбад. Дар ин давра, ташкили ҳокимияти давлатӣ тибқи шиори «Тамоми ҳокимият ба Шуроҳо» сурат мегирад;

– давраи гузариш: (аз соли 1991 то соли 1994), ки аз истиқлол ба даст овардани Тоҷикистон шуруъ шуда, то қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол идома меёбад. Дар ин давра, унсурҳои низоми шуравии давлатдорӣ ва ниҳодҳои нави давлатӣ истифода мешаванд;

– давраи баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 1995 то ҳанӯз), ки низоми нави мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо таъсис ёфта, такмили минбаъдаи он идома дода мешавад.

4. Таснифи зерини мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия пешниҳод мегардад:

а) вобаста ба ҳудуди фаъолият: мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияи сатҳи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ;

б) вобаста ба ҳаҷми салоҳият: мақомоти салоҳияти умумӣ, ки аксарияти соҳаҳои идораи давлатиро дар миқёси воҳиди маъмурию ҳудудӣ матраҳ менамоянд; мақомоти салоҳияти соҳавӣ, ки соҳаҳои алоҳидаи идораи давлатиро идора мекунанд; мақомоти салоҳияти байнисоҳавӣ, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар соҳаи ба онҳо вогузоршудаи фаъолият амалӣ менамоянд;

в) вобаста ба тартиби таъсис: аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ таъсисёбанда; аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ таъсисёбанда; аз ҷониби раисони вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо таъсисёбанда;

г) вобаста ба тарзи ташкил: мақомоти интихобӣ; мақомоти таъинӣ;

д) вобаста ба сарчашмаи маблағгузорӣ: аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда; аз буҷети маҳаллӣ маблағгузоришаванда.

5. Муайян карда шудааст, ки мавҷудияти ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ аломати калидии мақоми давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар таърифи расмии дар зербанди 2 м.1 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» ҷойдошта як қатор аломатҳои тавсифӣ ба таври возеҳ баён намешаванд. Бинобар ин, баёни меъёри мазкур дар чунин таҳрир пешниҳод мешавад: «Мақоми давлатӣ – навъи махсуси муассисаи оммавӣ, ки дорои ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ, воситаҳои зарурии моддӣ ва сохтори ташкилии дақиқи бо тартиби меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкамшуда мебошад, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад».

6. Таҳлили вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия собит менамояд, ки мақомоти мазкур ба тасвиби санадҳои ҳуқуқӣ ваколатдор мебошанд. Санадҳои ҳуқуқии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ санадҳои аввалия набуда, санадҳои маҳсулӣ, яъне ҳамчун санадҳои дуюмдараҷа ҳисобида мешаванд. Онҳо санадҳое мебошанд, ки дар асос ва баҳри иҷрои санадҳои меъёрии қаблан батасвибрасида ва амалкунанда бароварда мешаванд. Ин санадҳо дар байни субъектҳои мушаххас муносибатҳои нави ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд ва ин санадҳо нисбати иштирокдорони ин муносибатҳо, аниқтараш, ба доираи воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдор паҳн мешаванд.

**Ҳамзамон, чунин таклифҳои хусусияти амалидошта пешниҳод карда мешаванд:**

7. Дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» масъалаҳои марбут ба ваколатҳои раис дар робита ба тасдиқи асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ташкилоту муассиса ва корхонаҳо, яъне санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо – «Низомнома» ва «Оиннома» аз танзими ҳуқуқӣ берун мондаанд. Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар бандҳои 2 ва 3 моддаи 28 мафҳуми «Низомнома» ва «Оиннома»-ро мустаҳкам намудааст.

Бо мақсади мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқии ваколатҳои раиси ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ҷиҳати тасдиқи низомнома ё

оинномаҳои ташкилоту муассиса ва корхонаҳое, ки дар маҳал фаъолият мекунанд, пешниҳод шудааст, ки зербанди 28-уми моддаи 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004, № 28 чунин мушаххасот илова карда шавад: «низомнома ва оинномаҳои онҳоро тасдиқ мекунад».

8. Тибқи санадҳои ҳуқуқӣ роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷети дахлдори маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, аз тарафи раис ба вазифа таъин ва озод карда мешаванд. Дар моддаи 20-уми Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», ки доираи салоҳияти раисро танзим менамояд, нисбат ба шахсони номбаршуда меъёри ҳуқуқӣ мавҷуд намебошад.

Бинобар ин, пешниҳод шудааст, ки дар моддаи 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» банди нав дар таҳрири зерин илова карда шавад: «Бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад».

9. Қонунгузор сарчашмаи маблағгузориро ҳамчун асоси тафриқагузории мақомоти маҳаллии идора муқаррар намуда, Ҳукумати ҷумҳурӣ бо қарори №115 аз 3 марти соли 2011 сохтори намунавии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро тасдиқ кард. Таҳлили сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд муайян намуд, ки мақомоти дар қарори зикргардидаи ҳукуматӣ нисбат ба вилояти Суғд дар як вақт ба сохтор ё нақшаи идоракунии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дохил карда шудаанд.

Бинобар ин, зарур шуморида мешавад, ки дар боби 3-юми Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» вазъи ҳуқуқии тамоми сохторҳои идоракунии маҳаллӣ, аз ҷумла, сохторҳои ба низоми мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ дохилшаванда мустаҳкам

карда шуда, нисбат ба онҳо меъёрҳои қонунгузории маъмурӣ ҷиҳати сохти ташкилӣ мутобиқ сохта шавад.

Барои ҳалли масъалаҳои ба низом даровардани сохторҳои ташкилӣ дар сатҳи маҳаллӣ дар ҳар як сатҳи воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ метавонад таҳияи Нақшаҳои идораи маҳаллӣ мусоидат намояд. Бинобар ин, дар моддаи 8 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», ки ба ваколатҳои мақомоти намояндагии маҳаллӣ бахшида шудааст, ворид намудани меъёри аз ҷониби онҳо тасдиқ намудани ин нақшаҳо бо пешниҳоди раисон мувофиқи мақсад шуморида мешавад.

10. Дар қонунгузории кишвар шакли ташкилии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мустаҳкам нашудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд дар сатҳи қонунгузорӣ шакли ташкилию ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мустаҳкам карда шаванд ва барои ифодаи он истилоҳи «садорат» қобили қабул ба назар мерасад. Барои ифодаи роҳбар (сарвар)-и идораи маҳаллӣ номи «садр» (сардор) мувофиқи мақсад шуморида мешавад.

11. Қонунгузорӣ салоҳияти раис ва вазъи ҳуқуқии иҷрокунандаи вазифаи раисро тафриқавӣ мустаҳкам накардааст. Аз ин рӯ, барои дуруст роҳнамоӣ кардани амалияи идорӣ ва пешгирӣ аз ҳолатҳои баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ пешниҳод карда шудааст, ки ба тариқи тафриқавӣ салоҳияти раис ва вазъи ҳуқуқии иҷрокунандаи вазифаи раис дар Қонуни конститусионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» мушаххас карда шавад.

12. Мувофиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» Маҷлиси вакилони халқ ҳуқуқи изҳори нобоварӣ нисбат ба раисро дорад. Инчунин, масъалаи дигар ин пешниҳоди номзадии раис ба мақомоти болоӣ, масалан, ба узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар қонунгузорӣ механизми татбиқи ин ваколатҳо ҷой надорад. Аз ин рӯ, пешниҳод карда шудааст, ки ба моддаи 13-и Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» қисми нав бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Ҳангоми баррасии масъалаи изҳори нобоварӣ ба раис ё ин ки пешниҳоди номзадии раис ба мақомоти болоӣ ба кори иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ вакили синну солаш калонтарин роҳбарӣ мекунад ва ба санадҳои он имзо мегузорад».

13. Тибқи санади қонунгузорӣ мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбиқи баъзе ваколатҳои худро дар асоси шартнома ва бо маблағгузории ин ваколатҳо ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузор менамояд. Санадҳои қонунгузорӣ тарҳи интиқоли ваколатро муқаррар намуда, номгӯйи ин зайл ваколат ё худ доираи ваколатҳои истиноии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатиро мушаххас накардаанд. Моддаҳои 8 ва 20-и Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» мувофиқан салоҳияти Маҷлиси вакилони халқ ва раиси вилоят, шаҳр, ноҳияро мустаҳкам менамоянд. Аммо муайян нашудааст, ки кадом номгӯйи ваколатҳо дар сатҳи маҳаллӣ «истисноӣ» мебошанд. Бинобар ин, пешниҳод карда шудааст, ки номгӯйи ваколатҳои истисноӣ дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» муайян карда шавад.

14. Омӯзиши низомномаи баъзе мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия муайян намуд, ки дар онҳо оид ба шакли ифодаи иродаи сохторҳои ин мақомот дар сатҳи маҳаллӣ, яъне санадҳои ҳуқуқии сохторҳои маҳаллӣ муқаррарот ҷой надорад. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ шуморида шудааст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ санадҳои ҳуқуқии ин субъектони идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал мустаҳкам карда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомада ва пешниҳодҳои дар заминаи таҳқиқоти илмӣ омодашуда барои густариш ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки асосҳои ҳуқуқии таъсис, ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро дар ҶТ, дар маҷмуъ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро танзим менамояд, мусоидат намуда, барои фаъолияти самараноки ин

зернизоми ҳокимияти иҷроия заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меоваранд. Хулосаву таклифҳо ва дастовардҳои дигари дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ноилшуда барои таъмини фаъолияти самараноки мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия саривақтӣ ва мубрам шуморида шуда, дар такмили танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар раванди идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал мусбат арзёбӣ мегарданд.

Инчунин, натиҷаи дастовардҳои илмии диссертатсияро метавон барои таҳия ва омода намудани санадҳои ҳуқуқӣ, барномаҳо, дигар санадҳои дахлдори соҳа, дар раванди тадриси фанҳои ҳуқуқии таълимии соҳа истифода намуд. Ба ғайр аз ин, истифодаи он аз тарафи шахсоне, ки ба масоили омӯзиши ҳуқуқи маъмурӣ мароқ зоҳир мекунанд, аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо истифода намудани усулҳои умумиилмӣ, усулҳои махсуси ҳуқуқӣ, омӯзиш ва таҳлили объективонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ, таҳлили адабиёти илмию таълимӣ, рисолаҳо, мақолаҳои илмӣ, дигар дастовардҳо дар соҳаи илм ва омӯзиши таҷрибаи мақомоти баррасишаванда дар дигар кишварҳо вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ асоснок мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии унвонҷӯй бо натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсионии анҷомдодашуда, хулосаҳои назариявӣ, пешниҳоду тавсияҳои амалии барои ҳимоя пешниҳодшуда, ки барои такмили қонунгузорӣ ва самаранокии ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия метавонанд мусоидат

намоянд, ҳамчунин бо таҳияву нашри мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум меёбад. Инчунин, таҳқиқоти илмии роҳандозишуда ва дар ин замина дарёфти мушкилоти соҳа ва пешкаш намудани тарзу роҳҳои ҳалли он шаҳодати саҳми муаллиф мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва омода гардида, якчанд маротиба мавриди муҳокима қарор дода шудааст. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои зерин мавриди муҳокимаронӣ қарор гардидааст, аз ҷумла:

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Социальная значимость правовых знаний в жизни российского общество» бо маъруза дар мавзуи «Правовые вопросы организации местной власти в Республики Таджикистан» (Россия, Воронеж, 2 декабри соли 2016);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Правовые проблемы укрепления Российской государственности» бо маъруза дар мавзуи «Правовые вопросы совершенствования модели местного управления в Республики Таджикистан (Томск, 31 январ - 2 феврали соли 2019);

– Форуми илмии умумидонишгоҳӣ таҳти унвони «Қонуният ва низом дар идораи давлатӣ» бахшида ба хотираи Нурулло Ҳувайдуллоев – аввалин Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маъруза дар мавзуи «Салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ» (Данғара, 19-20 марти соли 2020);

– Конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳкими давлатдории миллии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ бо маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии интиқоли ваколат дар сатҳи маҳаллӣ» (Душанбе, 21-24 апрели соли 2021);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Худидоракунии маҳаллӣ дар низоми идоракунии иҷтимоӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он» бо маъруза дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳуқуқии ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ» (Душанбе, 24 декабри соли 2021);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масоили мубрами мурофиаи маъмурӣ: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳалли он» бо маъруза дар мавзуи «Моҳияти санадҳои ҳуқуқии идораи маҳаллӣ» (Душанбе, 28 майи соли 2022);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Ҷавобгарии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳал» бо маъруза дар мавзуи «Оид ба масъалаҳои ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон намудани қоидаҳое, ки мақомоти маҳаллии ҳокимият муқаррар менамоянд» (Душанбе, 22 майи соли 2023).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз тарафи унвонҷӯй дар доираи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонида шудааст, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 мақолаи илмӣ ва дар дигар нашрияҳо 9 мақолаи илмиро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз муқаддима, 2 боб, 7 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷмии умумии диссертатсия 183 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛИ САТҲИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Ҷойи ҳокимияти иҷроия дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ

Ба гардиши илмӣ ва меъёрҳои қонунгузорӣ ворид шудани мафҳуми “ҳокимияти иҷроия” шаҳодати аз ҷониби ҷомеа эътироф гаштани аҳаммияти мустақили меҳнати идорӣ буда, дастоварди бузурги хиради инсонӣ маҳсуб меёбад. Ҳамчун маҳсули назарияи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ҷанини ин ғоя ҳанӯз дар ақидаҳои файласуфони Юнони қадим мушоҳида мешавад. Эътирофи таҷзияи ҳокимият чун қисми таркибии таълимот дар бораи давлатдории демократӣ зодаи инқилобҳои асрҳои XVII-XVIII дар Аврупо буда, дар асарҳои мутафаккири барҷастаи фаронсавӣ Ш. Монтеске пояи устувори илмӣ пайдо кард. Назарияи мазкур чун кафолати муҳим зидди истибдод ва суйиистеъмолии ҳокимияти давлатӣ, ки хоси монархияҳои феодалӣ буд, баррасӣ мегашт. Масалан, Монтеске дар рисолаи хеле ҷолиби худ “Дар бораи руҳи қонунҳо”, ки соли 1748 чоп шуда буд, чунин менигорад: «…ба манфиати таъмини озодии инсон зарур аст, ки дар давлат фаъолияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ аз ҷониби мақомоти гуногун амалӣ гарданд…»[35]

Аввалин конситутсияҳои тамаддуни башарӣ, ки дар ИМА ва Франсия қабул шуда буданд, тарҳи пешниҳодгардидаро дар ташкили давлатдории навин эҷодкорона истифода бурда, ба он ҷузъи муҳимми таъмини амалии таовуни шохаҳои ҳокимияти давлатиро илова намуданд, ки минбаъд, бо номи «низоми боздошт ва муқовимат» маъмул гардид[36]. Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ки соли 1748 қабул шуда, айни ҳол, ҷузъи Конститутсияи муосири Франсия мебошад, чунин сатрҳои абадиро дар бар мегирад: «Ҳеҷ гуна ҷомеа,

---

[35] Монтескье Ш. Избранные произведения. –М.,1955. – С.34.

[36] Яке аз арбобони намоёни сиёсию давлатии ИМА Ҷ. Мэдисон ҳамон солҳо навишта буд: “Мо бояд тарҳи дохилии раёсатро чунин таъсис диҳем, ки ҷузъҳои таркибии он бо ҳам тамос гирифта, дар як вақт чун воситаи боздошти ҳамдигар хизмат намоянд.” // Федералист. Политическое ессе А. Гамильтона, Дж. Мэдисона, Дж. Джея. –М., 1993. – С.179.

ки дар он кафолати ҳуқуқҳо таъмин нашудааст ва тақзияи ҳокимият арзи ҳастӣ надорад, наметавонад соҳиби конститутсия бошад»[37]. Дар давоми асрҳои XIX-XX тақзияи ҳокимият нуфузи ҳар чи бештар пайдо карда, бо тадриҷан ба принсипи умумэътирофи тамаддуни башарӣ ва демократия табдил ёфт[38].

Дар Иттиҳоди Шуравӣ, ки Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии иттифоқӣ шомили он буд, назарияи тақсимоти ҳокимият ва мувофиқан ниҳоди ҳокимияти иҷроия эътироф намегашт. Дар адабиёти ҳуқуқии шуравӣ дар бораи онҳо танҳо ҳангоми танқиди анъанавии назарияҳои ба ном «буржуазӣ» ёдрас мешуданд. Таълимоти номбурда барои давлатдории шуравӣ номақбул шуморида шуда, ба он назарияи «тақсимоти меҳнат» муқобил гузошта мешуд.

Фарқияти ин диди назарҳо дар муносибат ба тавсифи ҳокимият, муносибатҳои ҳокимиятӣ ва ҷойи мақомоти иҷроия дар он аён мегардад. Авввалан, дар фарқият аз назарияи «тақзияи ҳокимият» назарияи «тақсимоти меҳнат» мавҷудияти шохаҳои мустақили ҳокимияти давлатиро қабул надошт. Аз нигоҳи назарияи дуюм ҳокимият зуҳуроти ягона буда, дар фаъолияти мақомоти намояндагӣ ифода меёбад. Танҳо ҳамин мақомот ягона мақомоти ҳокимияти давлатӣ эътироф мегарданд. Ҳамаи дигар мақомоти давлатӣ аз ҷониби мақомоти намояндагӣ ваколатдор мешаванд. Дуюм, дар партави ин мавқеъ ҳокимияти иҷроия бо яке аз намудҳои ташаккулёфтаи фаъолияти давлатӣ – идораи давлатӣ иваз мегашт ва мақомоте, ки ин гуна вазифаро амалӣ менамуданд, ҳомили ҳокимият ҳисобида намешуданд. Мухтасар карда гӯем, чунин шуморида мешуд, ки дар фаъолияти ин зумраи мақомот (яъне, мақомоти идоракунии давлатӣ) хислати ҳокимияти давлатӣ зуҳур надорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ кӯшишҳои зиёди фаҳмонидани сабабҳои сар задани ин ҳолат бо назардошти таҷрибаи таърихии бунёди давлати шуравӣ ҷой доранд[39]. Мо танҳо илова дорем, ки решаи масъала аз таърихи мамолики дорои гузаштаи ғании инқилобӣ, ақидаҳои классикони марксизм маншаъ мегирад. Масалан, К. Маркс таҷрибаи 72-рӯзаи мавҷудияти Коммунаи

---

[37] Хрестоматия по истории государства и права зарубежных стран. – М.,1984. – С.209.
[38] Энтин Л.М. Разделение властей: опыт современных государств. – М., 1995.
[39] Барнашов А.М. Теория разделения властей: становление, развитие и применение. –Томск, 1988. – С.78.

Парижро таҳлил намуда, тезисро дар бораи «корпоратсияи амалкунанда» пешниҳод намуд, ки дар он ҳама ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ дар як ташкилот гирд оварда мешаванд. Ҳарчанд бесамар будани ин тарҳ аз ибтидо аён бошад ҳам, К. Маркс онро «тарҳи давлатдории ояндаи сотсиалистӣ» эълон намуда, назарияи таҷзияи ҳокимиятро сафсата номид[40].

Дар идомаи масъалаи мавриди баррасӣ қарорёфта бояд тазаккур дод, ки назарияи «тақсимоти меҳнат» монанди назарияи «таҷзияи ҳокимият» гуногунранг будани ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ ва ногузир таъсис ёфтани мақомоти таъиноти ҳархеларо эътироф менамояд. Ин шабоҳати аввали ҳарду назарияҳо мебошад. Монандии дигар дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳар ду ҳам ягонагии ҳокимияти давлатиро низ эътироф доранд. Вале минбаъд ягонагии ҳокимияти давлатӣ ва гуногунии ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятиро ҳар кадоме ба таври худ маънидод ва матраҳ месозанд.

Зимнан, дар фарқият аз принсипи «таҷзияи ҳокимият», ки ба тавсифи моҳиятӣ диққат медиҳад, принсипи «таҷзияи меҳнат» тавсифҳои ваколатии мақомоти давлатиро дар мадди аввал мегузорад. Дар натиҷа, ҳама мунокишаҳо байни Шуроҳо ва кумитаҳои иҷроияи онҳо, сермасрафии дастгоҳи давлатӣ, дахолати бесалоҳонаи ҳокимияти намояндагӣ ба фаъолияти мақомоти идора, ки дар амалияи бунёди шуравӣ ҷой доштанд, аз ҳамин сабаб сар мезаданд. Илова бар он, мавҷудияти ҳизби яккаҳукмронро низ бояд ба эътибор гирифт, ки дастгоҳи он бо ниҳодҳои давлатӣ пайваст шуда, ба ташаккули мадании давлатдорӣ монеъ гашта буд.

Ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама, ҳокимияти сиёсӣ аст. Дар доираҳои илмӣ мафҳуми ягонаи ҳокимияти давлатӣ вуҷуд надорад. Чунин ҳолат бо зуҳуроти бисёрҷабҳаи ҷомеӣ будани он маънидод мегардад. Таҳлили адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ нисбат ба ин масъала шартан ду мавқеъро ошкор месозад. Як гурӯҳ мутахассисони анъанавӣ табиати ҳокимиятро дар муносибатҳои ҳукмронии одамон аз болои одамон ё худ итоати ҳамаи аъзоёни

---

[40] Маркс К., Энгельс Ф. Соч. Т.8. – С.263.

ҷомеа ба иродаи як шахс, гурӯҳи маҳдуди нафарон мебинанд[41]. Дигар фаҳмиши ҳокимияти давлатӣ дар замони муосир ташаккул ёфт. Муаллифони он робитаи ҳокимиятро бо зӯроварии расмӣ инкор накарда, ҳамзамон, ба ҷанбаи идории он диққат медиҳанд. Масалан, яке аз асосгузорони мактаби сотсиологии америкоӣ – Н. Смелзер табиати ҳокимиятро дар қобилияти субъекти ҷомеӣ дар як вақт гузаронидани иродаи худ ва сафарбар намудани неруи ҷомеа барои ноил гаштан ба мақсадҳои гузошташуда мебинад[42]. Воқеан ҳам, бо назардошти сатҳи рушди ҷомеаи маданӣ ҳокимияти оммавӣ дар моҳияти худ нуфузи қудратиро нигоҳ дошта, вобаста ба рушди ҷомеа ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, омили муҳимтарини идоракунии ҷомеа ва таъминкунандаи тартиботи ҷамъиятӣ баромад мекунад.

Акнун ба масъалаи дигари муҳим равшанӣ меандозем: моҳияти ҳокимияти иҷроия чун яке аз зуҳуроти ҳокимияти давлатӣ дар чӣ ифода меёбад? Ҷавоб ба ин савол аз худи иборабандии мафҳум – «ҳокимият» ва «иҷроия» бармеояд. Ин истилоҳот таъиноти иҷтимоии ҳокимияти иҷроияро ошкор месозанд. Иҷро – нуқтаи асосии ҳокимияти иҷроия буда, дар низоми ҳокимияти давлатӣ вазифаи он аз татбиқи амалии иродаи давлатӣ–ҳокимиятии дар қонунгузорӣ ифодаёфта иборат мебошад. Аз ин тавсиф низоми ҳокимиятдорӣ баръало аён мегардад: ҳокимияти қонунгузорӣ меъёрҳои умумии ташкили ҳаёти давлатиро эҷод менамояд ва ҳокимияти иҷроия дар ҳаёт амалӣ гаштани ин меъёрҳоро таъмин мекунад. Зимнан, маҳз ба ҳамин мақсад дар ҳамаи мамлакатҳо дастгоҳи иҷроия таъсис дода мешавад, ки дорои ҳаҷми муайяни ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ аст. Ҳокимияти судӣ бошад, қонунҳоро аз таҳриф ва поймолшавӣ ҳифз менамояд.

Вале фикри дар боло баёнёфта иловаҳои муайянро металабад. Пеш аз ҳама, набояд фаромӯш кард, ки иҷро на танҳо ба ҳокимияти иҷроия, балки ба дигар намудҳои фаъолияти давлатӣ низ хос аст. Пас, истилоҳи иҷро бо мафҳуми ҳокимияти иҷроия якранг нест. Масалан, дар доираи фаъолияти чи

[41] Чунин нигоҳ масалан, ба олими итолиёии замони Эҳё Н. Макиавеллӣ, файласуфи инглис Т. Гоббс, мутафаккирони олмон К. Маркс ва М. Вебер, сотсиал-демократҳои рус Г.В. Плеханов ва В.И. Ленин хос буд.
[42] Смелзер Н. Социология. –М., 1992. – С.525.

мақомоти намояндагӣ ва чи судию прокурорӣ иҷронамоӣ бо муносибатҳои дохилӣ-ташкилӣ алоқаманд аст. Пас, мафҳуми иҷро бо мафҳуми ҳокимияти иҷроия шабеҳ нест. Дуюм, ҳокимияти иҷроия танҳо ба воситаи субъектҳои махсус, ки дорои ваколатҳои иҷроиявӣ мебошанд, зуҳур менамояд. Сеюм, ҳамаи мақомоти маъмули идораи давлатӣ субъекти ҳокимияти иҷроия шуда наметавонанд. Субъектҳои асосии ҳокимияти иҷроия сохторҳои нисбатан устувор ва доимии иҷроиявӣ ҳисоб меёбанд. Ин хусусият ба мақомоти идораи давлатии ваколати умум (дар фаҳмиши анъанавӣ) хос аст, зеро ҳамаи дигар сохторҳои ташкилии дастгоҳи иҷроия тағйирёбанда буда, нақши "дастгоҳи корӣ"-и субъектҳои ҳокимияти иҷроияро мебозанд [43]. Ниҳоят, иҷро танҳо дар ҳамон маврид ҷузъи ҷудонашавандаи ҳокимияти иҷроия мегардад, ки агар беистисно ҳамаи субъектҳои он дар доираи салоҳият, қатъиян дар чорчӯбаи қонуният фаъолият баранд[44].

Ҳокимияти иҷроия бо низоми идораи давлатӣ шабеҳ (монанд) нест. Идораи давлатӣ мафҳуми нисбатан васеъ буда, мазмуни он зуҳуроти махсуси фаъолияти иҷроиявиро низ дар бар мегирад. Фаъолияти иҷроия-амрдиҳанда бошад, бештар ба сохтори ҳокимияти иҷроия ишора намуда, сохторҳои ёрирасони онро низ фаро мегирад. Аз ин рӯ, ҳокимияти иҷроия чунин зуҳур (ифода)-и ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки бо он аввалан, фаъолияти сохторҳои махсуси дастгоҳи давлатӣ ва сониян, равиши бевоситаи фаъолияти ин субъектон ба таъмини татбиқи амалии меъёрҳои умумие, ки ҳокимияти қонунгузор ба мақсади танзими ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ муқаррар менамояд, алоқаманд аст. Ҳокимияти иҷроия василаи асосии идораи давлатӣ

---

[43] Чунин гузориши масъала бори аввал ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта аз ҷониби олими шинохтаи ҳуқуқи маъмурии шуравӣ ва россиягӣ Ю.М. Козлов пешниҳод гардид ва байни олимони соҳа тарафдорони зиёд пайдо намуд. Козлов Ю.М. Исполнительная власть, сущность, функции //Вестн. Моск. гос. ун-та. Сер.11. Право. 1992. – № 4. – С.12; Полянский И.А. Правовая природа исполнительной власти и ее место в организации государственной власти // Правоведение.1999. – №4. – С.25 ва ғ.

[44] Ба аҳаммияти ин ҷанбаъ баҳо дода, яке аз олимони шинохтаи муосири ҳуқуқи маъмурии Россия Д.Н. Бахрах, фикри ҷолиби таваҷҷуҳ баён кард: "…ҳангоми татбиқи босуботи усули таҷзияи ҳокимият, ҳокимияти маъмурӣ сифатҳои нав пайдо карда, ба ҳокимияти иҷроия табдил меёбад." Бахрах Д.Н. Административное право Российской Федерации. – М., 2006. – С.151.

аст ва аз ин рӯ, зарурияти айнӣ дошта, тавре дар адабиёти ҳуқуқӣ асоснок таъкид мегардад, аксаран чун фаъолияти ташкилии давлат баромад мекунад[45].

Барои консепсияи рушди ҳокимияти иҷроия фаҳмиши дурусти хосиятҳои ин шохаи ҳокимият ва нигоҳи илман асосноки ташкили сохтории он муҳим аст. Дар масъалаи ҳокимиятдории муосир ҳар чи бештар аз омили субъективӣ дур шуда, бояд ба сиёсати ниҳодӣ такя намуд. Чунин масъалагузорӣ, ки ба ташаккули нигоҳи низомнок дар бунёди давлатӣ мусоидат дорад, кафолати муҳим дар роҳи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва пешгирии суйиистеъмолии ҳокимият шинохта мешавад[46].

Маърифати хосиятҳои ҳокимияти иҷроия аз як тараф, ба истифодаи нерую нуфузи он дар рушди ҷомеа мусоидат намуда, аз ҷониби дигар, барои дар ҳадди ақал нигоҳ доштани ҷанбаҳои манфии таъсири он хизмат менамояд. Қабл аз ҳама, бояд тазаккур дод, ки хосиятҳои маъмули идораи давлатӣ – муташаккилӣ, мақсаднокӣ, муҳаррикӣ, танзимӣ ва амсоли инҳо дар табиати ҳокимияти иҷроия баръало ифода ёфтаанд[47]. Ба шарофати онҳо ҳокимияти иҷроия идораи ҳамарӯзаи муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, рушди иҷтимоӣ-маданӣ ва бунёди маъмурӣ-сиёсӣ ба роҳ мемонад. Ғайр аз ин, баъзе хосиятҳои муҳимме ҷой доранд, ки танҳо шабеҳ (хос)-и ҳокимияти иҷроия буда, мазмуни онро ошкор месозанд.

Якум, дар фаъолияти ин шохаи ҳокимияти давлатӣ таваққуф ё танаффус ҷой надорад. Ин хосият ба ҳокимияти иҷроия имкон медиҳад, ки байни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ нахуст муносибати худро ба тағйирот дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва муҳити идора муайян намояд. Дар ҳолати аз чорчӯбаи ҳуқуқ берун омадани равандҳои ҷамъиятӣ ё сар задани ҳолатҳои ғайриодии табиӣ ҳокимияти иҷроия дар кори тасдиқи тартибу танзим уҳдадор мебошад. Вале, фаъолияти бемайлони амалӣ дар моҳияти худ таваккалро низ дар назар дорад – он баъзан метавонад иродаи ҳокимияти иҷроияро аз иродаи қонунгузор ва

---

[45] Волович В.Ф. Государственная служба как институт административного права // Правовые проблемы укрепления российской государственности.– Томск, 2005. – С.5.
[46] Поппер К. Открытое общество и его враги. Т.1. – М., 1992. – С.152.
[47] Бельский К.С. Разделение властей и ответственность в государственном управлении. – М.,1990. – С.55.

талаби меъёри ҳуқуқ боло гузорад, ки ба ин имконоти ҳокимияти иҷроия ҳанӯз дар асри XIX олими олмонӣ Л. Штейн ишора карда буд[48].

Дуюм, ҳокимияти иҷроия бо хислати ҷавҳарӣ фарқ мекунад, зеро он ба объектҳои идора бештар наздик буда, ба фаъолият ва рафтори онҳо таъсири бевосита мерасонад. Дар ин маъно гуфтан мумкин аст, ки ҳокимияти иҷроия ба ҳайси «миёнарав» байни объектҳои идора ва дигар шохаҳои ҳокимият баромад мекунад. Ин хосият ба ҳокимияти иҷроия имкон медиҳад, ки дар ҷодаи иҷрои қонунҳо чораҳои амалии ташкилӣ, мутобиқсозӣ ва назоратиро анҷом диҳад. Натиҷабахшии ташкили кори мудофиаи мамлакат, таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат, фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ, расмикунонии умумии сохторҳои ғайридавлатӣ (хусусӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва ғ.) бо фаъолияти ҳокимияти иҷроия зич алоқаманд аст. Умуман, тавре олими намоёни ҳуқуқи маъмурии Франсия Г. Брэбан асоснок таъкид намудааст, «ягон самти ҳаёти ҷомеӣ вуҷуд надорад, ки батамом аз назорати маъмурӣ-ҳуқуқӣ берун бошад»[49]. Ин хосият дар он низ ифода меёбад, ки ҳокимияти иҷроия захираҳои зиёди моддӣ, техникӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ва маънавию идеологиро дар ихтиёр дорад.

Сеюм, хосияти муҳим ва ҷолиби диққати ҳокимияти иҷроия – хислати умумӣ доштани он мебошад. Умумияти ҳокимияти иҷроия дар он ифода меёбад, ки ин шохаи ҳокимияти давлатӣ на танҳо ба иҷро, балки дар ҳаҷми муайян ба фаъолияти ҳуқуқэҷодӣ ва ҳифзиҳуқуқӣ низ қодир аст. Пӯшида нест, ки дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ба чунин хислат соҳиб нестанд: яъне ҳамон тавре, ки ҳокимияти қонунгузорӣ наметавонад фаъолияти бевоситаи ҳифзиҳуқуқиро пеш барад, айнан, ҳокимияти судӣ ваколати меъёрэҷодиро надорад. Олими шинохтаи ҳуқуқи маъмурии Россия – К.С. Белский durуст таъкид дорад, ки «ҳокимияти иҷроия беш аз ҳама давлатро нусхабардорӣ мекунад,… дар сатҳи худ «қонунгузорӣ мекунад» – ба ҳуқуқэҷодӣ машғул аст, «суд мекунад» – фаъолияти ҷазодиҳиро амалӣ менамояд»[50].

---

[48] Раззоқов Б.Ҳ. Ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дастури илмӣ методӣ. –Душанбе, 2006. – С.43.
[49] Брэбан Г. Французское административное право. – М., 1988. – С.22.
[50] Бельский К.С. Феноменология административного права. – Смоленск, 1995. – С.36.

Хосияти умумии ҳокимияти иҷроия аз табиати идораи давлатӣ бармеояд ва имкон медиҳад, ки дар ҷомеа «норасоии» ҳокимияти умумӣ рух надиҳад ва дар мавриди зарурӣ нуқсони дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ҳаддалимкон рӯйпӯш гардад. Вале аз ҷониби дигар, дар ин хосияти ҳокимияти иҷроия хавфи ҷиддӣ низ ниҳон аст: он имконоти воқеии иваз ва баъзан, ҳатто, ғасб намудани дигар шохаҳои ҳокимияти давлатиро фароҳам меорад[51]. Чунин вазъият дар ҳолати камсамар ва ғайрифаъол будани ҳокимияти қонунгузорӣ ва судӣ зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, ҷомеа ба талошҳои фаъолона, самаранок, касбӣ ва илман асосноки ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ манфиатдор мебошад.

Хосиятҳои номбурдаи ҳокимияти иҷроия, ки зикри мухтасари баъзеи онҳоро зарур донистем, бевосита аз мазмуни он бармеоянд. Онҳо дар навбати худ аломатҳои шаклии ин шохаи ҳокимиятро муайян мекунанд, ки дар ин қатор, аз ҷумла, чунин аломатҳоро номбар намудан ҷоиз аст: ташкили зинавӣ, мавҷудияти сохторҳо, дастгоҳи корӣ ва миқдори зиёди хидматчиёни касбӣ. Аломатҳои номбурда ифодаи худро дар низоми ҳокимияти иҷроия меёбанд.

Ҳар як шохаи ҳокимияти давлатӣ дар ҷамъият таъиноти худро дорад. Ҳокимияти қонунгузор бо назардошти таъинот ва функсияҳояш дар навбати худ принсипҳои ҳуқуқии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакатро муқаррар менамояд ва аз ин хотир, дар ниҳояти кор ташкили ҳуқуқӣ ва шаклҳои фаъолияти хокимияти иҷроия ва судиро муайян мекунад.

Ҳокимияти иҷроия дар навбати худ ба татбиқи бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқие, ки қонунгузор қабул кардааст, машғул аст. Фаъолияти он бояд ба қонун асос ёбад ва дар доираи қонун сурат гирад. Ҳокимияти иҷроия зимни татбиқ ва иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асоси қонуният амал мекунад. Дар давлати ҳуқуқбунёд ҳар як шаҳрванд метавонад

---

[51] Ин ҳолат дар таҷрибаи давлатдории ҷаҳонӣ борҳо рӯй додааст. Ба он баҳо дода, олими намоёни шуравӣ ва россиягӣ З.М. Черниловский хеле хуб нигошта буд: "Таҷрибаи бисёрасра нишон медиҳад, ки ҳокимияти иҷроия бо тақозои "табиати худ" пайваста сӯйи соҳибихтиёрӣ ва беназоратӣ талош дорад". Черниловский З.М. Правовое государство: исторический опыт // Сов. государство и право. 1988. – №4. – С.55.

нисбат ба ҳар гуна амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва намояндагони он, аз ҷумла, мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдори он ба суд ва дигар мақомоти давлатӣ шикоят кунад.

Дар навбати худ ҳокимияти судӣ вазифадор аст, ки қонун, асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятиро аз ҳама гуна вайронкуниҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ, сарфи назар аз он ки кадом шахс содир кунад, муҳофизат намояд. Адолат дар давлати ҳуқуқбунёд аз ҷониби ҳокимияти судӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, ба се шохаи нисбатан алоҳида ва мустақил тақсим шудани ҳокимияти ягонаи давлатӣ аз суйиистеъмоли эҳтимолии ҳокимият ва пайдоиши ҳокимияти ба қонун вобастанабуда монеъ мешавад. Ҳар кадоми ин мақомот дар низоми умумии ҳокимияти давлатӣ мавқеи худро ишғол намуда, вазифа ва функсияҳои ба худ хосро, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам шудаанд, иҷро мекунанд. Мувозинати ваколатҳо тавассути тадбирҳои махсуси ташкилию ҳуқуқӣ нигоҳ дошта мешавад, ки на танҳо ҳамкорӣ, балки маҳдудияти мутақобилаи ваколатҳоро дар доираи муқарраршуда таъмин менамоянд. Бояд гуфт, ки принсипи тақсимоти ҳокимият ҳамчун таҷассуми ҳуқуқии принсипҳои волоияти қонун шинохта мешавад. Аз ин бармеояд, ки вазифаи асосии шохаи қонунгузор қабули қонунҳо мебошад, мақсади ҳокимияти иҷроия – иҷрои қонунҳои қабулкардаи ҳокимияти қонунгузор мебошад, доираи ҳокимияти судӣ – амалисозии адолати судӣ – фаъолият оид ба баррасӣ ва қабули қарорҳои қонунӣ мебошад.

Зимнан, қайд кардан ба маврид аст, ки фаъолияти ташкилӣ ва роҳбарикунанда аз ҷониби мақомоти махсуси дорои ваколатҳои давлатӣ дар асоси қонунҳо ва барои иҷрои қонунҳо бо мақсади фаъолияти ҳамарӯзаи давлат ба анҷом расонида мешавад. Фаъолият бояд дар доираи санадҳои амалкунандаи меъёрии ҳуқуқӣ роҳандозӣ гардад. Фаъолияти ҳокимияти иҷроия дар асосии сохтори ташкилии низомии амудӣ, яъне мартаботӣ – амудӣ амалӣ мешавад. Мақомоти зинаи поёнии низоми ҳокимияти иҷроия вобаста ба масъалаҳои доираи ваколат ба мақомоти болоӣ тобеъ буда, иҷрои супориш

ва фармонҳои зинаи мақомоти болоӣ барои сатҳи поёнӣ ҳатмӣ мебошад, ки чунин талабот дар санадҳо мустаҳкам карда шудааст.

Раванди татбиқи қонунҳо ва санадҳои дигари ҳуқуқӣ ба раванди иҷро алоқамандӣ дошта, самти асосии фаъолияти мақомоти иҷроияро муайян ва ташкил менамояд. Инчунин, барои мутобиқ будани объектҳои идоракунӣ ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қарорҳои қабулшудаи идоракунӣ субъектҳои идоракунӣ бояд ваколатҳои зарурии ҳуқуқӣ дошта бошанд. Инчунин, механизми татбиқи онҳо ва воситаҳои ноил шудан ба ин мақсадро дошта бошанд. Он натиҷаи истифодаи ваколатҳои зарурии ҳуқуқии идоракунӣ буда, ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия хос мебошад. Мақомоти ичроия дар баробари қабули қарорҳои идоракунӣ дар шакли баровардани шумораи зиёди санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ, ҳаҷми зиёди ваколатҳои вобаста ба расонидани таъсири бевоситаи идоракунӣ ба объектҳои идоракунӣ, таъмини риояи қоидаҳои муқарраршуда, иҷрои талаботи қонунгузорӣ ва дигар амалҳоро доро мебошад ва дар доираи санадҳои ҳуқуқӣ ба амал мебарорад.

Боиси иброз аст, ки принсипи тақзияи ҳокимияти давлатӣ асоси ҳуқуқӣ дошта, аз меъёри моддаи моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Мутобиқи муқаррароти меъёри моддаи номбаршудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад[52]. Ҳар шохаи ҳокимияти давлатии номбаршуда вазифаҳои худро амалӣ менамоянд. Аз ин бармеояд, ки моҳият ва сохтори ҳокимияти давлатӣ дар Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ ба таври ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шудаанд. Ҳокимияти давлатӣ аз дастгоҳи давлатӣ, захираҳои моддӣ, маблағҳо, механизмҳои боваркунӣ ва маҷбурӣ асос ёфта, дар раванди танзим ва идораи давлатӣ нақш, функсияҳо ва рисолати худро иҷро менамоянд. Ин гуфтаҳо

---

[52] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст. Бо тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. – Душанбе, 2016.

ифодакунандаи таъиноти иҷтимоии давлат шуморида шуда, дар татбиқи якхела ва босифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷассумгари он мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти иҷроия як шохаи нисбатан мустақили ҳокимияти давлатии кишвар дониста шуда, бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба монанди ҳокимияти қонунгузор ва ҳокимияти судӣ дар алоқамандии зич ҳамкориро роҳандозӣ менамоянд. Ҳокимияти иҷроия воситаи махсуси давлатии таъмини ҳимоя намудан ва таъмини манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, вазифаҳои ҳокимияти иҷроия бо татбиқи амалии қонунҳое алоқаманд аст, ки барои онҳо қисми муайяни ҳокимияти давлатӣ истифода мешавад. Яъне, барои фаъолияти ҳокимияти иҷроия қисми зиёда қувва ва воситаҳои давлатӣ сафарбар карда шуда, ҷиҳати таъмини босифат ва саривақтии он воситаҳои давлатӣ истифода мешаванд. Вобаста ба ин мавзуъ олимони хориҷи кишвар андешаҳо баён намудаанд, ки боиси қайд мебошад. Ба андешаи мо дар он аҳаммият, нақш ва салоҳияти мақомоти ҳокимияти иҷроия тавсифи худро ёфта, шаҳодати эътирофи нақши он дар идораи давлатӣ баҳо дода мешавад. Ба ақидаи олимони хориҷи кишвар, “мақомоти ҳокимияти иҷроия қисми таркибии дастгоҳи давлатӣ ва дорои сарбории махсуси зиёди функсияҳо буда, мақсадашон аз татбиқи амалии вазифа ва функсияҳои ҳокимияти иҷроия дар раванди идоракунӣ ва ё танзими соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маъмурӣ ва сиёсии ҳаёти ҷамъиятӣ иборат мебошад[53]. Ақидаи мазкур боиси ҷонибдорӣ буда, қайд кардан ба маврид аст, ки ба роҳ мондани идораи давлатӣ дар доираи низоми ҳокимияти давлатӣ, ки ба принсипҳои таҷзия ҳокимият асос ёфтааст, сурат мегирад. Барои амалисозии ҳокимияти иҷроия дар воқеъ захираҳои зиёди моддӣ ва молиявӣ, шумораи зиёди кормандони мақомоту идораҳои давлатӣ ва дигар воситаҳо сафарбар карда мешаванд. Маҳз, ҳокимияти иҷроия ба объектҳои идора наздик буда, нисбат ба ҳамаи равандҳои ҷамеавӣ сари вақт муносибат барқарор менамояд. Ҳокимияти иҷроия худ ҳамчун зуҳуроти ҳокимияти давлатӣ дар фаъолияти

[53] Административное право: Учебник / под ред. Л.Л. Попова. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристь, 2006. – саҳ. – 124.

воҳидҳои махсуси дастгоҳи давлатӣ хусусияти воқеӣ пайдо мекунад, ки онҳоро мақомоти иҷроиявӣ номидан мумкин аст. Бо маънои том, идоракунии давлатӣ ба сифати фаъолияти иҷроия-идоравӣ (амрдиҳанда) шинохта шуда, ҳамчун фаъолияти субъектҳои ин шохаи ҳокимият дониста мешавад. Ҳокимияти иҷроия бо имкониятҳои худ дар худ қобилият ва имконоти расонидани таъсири ҳалкунанда ба фаъолият ва дигар муносибатҳои ҷамъиятиро дошта, ин хислат ҳам нисбат ба субъектҳои инфиродӣ ва ҳам ба субъектҳои дастаҷамъӣ таъсири якхеларо доро мебошад ва нишондиҳандаи нақши ин шохаи муҳаррики ҳокимияти давлатӣ мебошад. Аз ин муҳимтарин хусусияти ҳокимияти иҷроия ҳувайдо мешавад, ки ин хусусияти махсуси давлатию ҳуқуқии онро ошкор намуда, имкон медиҳад, ки амали ин намуд фаъолият нисбат ба ҳамаи қишри ҷомеа, ки дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ширкат меварзанд, таъсирбахш буда, таъсири якхела дошта бошад.

Сифат ва мақсади асосии ҳокимияти иҷроия дар намуди махсуси фаъолияти давлат ва моҳияти татбиқи ҳуқуқии он ифода меёбад, ки ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва татбиқи манфиатҳои қонунии онҳо равона шудааст. Аз ин бармеояд, ки ба ҳокимияти иҷроия хислати татбиқи самаранок ва мусбати қонун, яъне иҷрои бевоситаи талаботи қонунгузорӣ хос аст. Кори муътадил ва самарабахши соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ зери таъсири он махсусияти мусбатро касб хоҳанд намуд. Аксарияти ваколатҳои қонуние, ки ба ҳамаи субъектҳои ҳокимияти иҷроия тааллуқ доранд, дар доираи фаъолият амалӣ ва ба иҷро расонида мешавад. Бешубҳа, субъектҳои ҳокимияти иҷроия дар ихтиёри худ миқдори зиёди захираҳои муҳимтарини ҳокимияти давлатиро доранд, аз ҷумлаи молия, ҷузъу томҳои мудофиа (ҳарбӣ), сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, муҳимтарин воситаҳои алоқа, муассисаҳои таъминкунандаи иҷро ва адои ҷазои ҷиноятӣ, сохторҳо ва хадамоти амнияти дохилӣ ва берунӣ ва ғайраҳо. Маҳз, бо истифода аз чунин захираҳо, ҳокимияти иҷроия дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ба татбиқ ва иҷрои Конститутсия ва қонунҳои

ҷумҳурӣ, қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, палатаҳои он – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқии амалкунандаи кишвар, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шуда, таъмини самаранокии ташкили чунин санадҳо, ки ба беҳтар намудани вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии кишвар муҳим мебошад, самаранокии мусбати фаъолияти ҳокимияти иҷроия маҳсуб меёбад. Зеро ки самаранокии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ба муассир ва ҳадафмандона амалӣ намудани меъёрҳои қонун алоқамандии зич дорад. Ба он хотир, ки рушди минбаъдаи кишвар мукаммал ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоту сохторҳои давлатиро бо назардошти шароити муосир талаб намуда, нишондиҳандаи арзёбии он фаъолияти муътадил, натиҷабахш ва самараноки мақомоти давлатӣ дониста шуда, бевосита инъикоси мусбати худро дар ташкили иҷрои босифати қонунҳо меёбад. Таъмини амнияти шаҳрвандон, амнияти ҷомеа, амнияти давлат, фароҳам овардани шароити мусоид барои беҳтар намудани некуаҳволии шаҳрвандон, ҷомеа, давлат, кафолат барои амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои худ, барои ҳаёту озодии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавии ҷамъият аз талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда бармеояд. Бешубҳа, суръати баланди дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва пешравии соҳаҳои ҳаёти кишвар ба фаъолияти ҳокимияти иҷроия вобаста аст. Чунин тавсифҳои ҳокимияти иҷроия дар худ ҷой, нақш ва аҳаммияти чунин шохаи муҳимми ҳокимияти давлатиро инъикос менамояд. Мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳамчун шакли ташкилии ҳуқуқии амалисозии идоракунии давлатӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуда, фаъолият менамояд. Мақомоти ҳокимияти иҷроия воситаи амалисозии ҳокимияти иҷроия мебошанд. Мақомоти ҳокимияти иҷроия талабот ва муқаррароти қонунҳоро таъмин ва

дар натиҷа идоракуниро роҳандозӣ мегардонад. Ба зиммаи ҳокимияти иҷроия гузошта шудааст, ки иҷрои амалии ин қонунҳоро ташкил намояд. Салоҳият ва имкониятҳои амалӣ намудани ҳокимияти иҷроия ба дастгоҳи идораи давлатӣ, ки онро Ҳукумат сарварӣ мекунад, вогузор карда мешавад, ки дар навбати худ мақомоти сершумори марказ ва маҳаллиро дар бар мегирад, аз қабили мақомоти наздипрезидентӣ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои наздиҳукуматӣ ва сохторҳои маҳаллии ин мақомоту идораҳо. Ин вазифаҳо, бешубҳа, бо истифода аз ваколатҳои лозимаи ҳуқуқӣ ба даст меояд. Маҳз, хамин асоси ҳуқуқӣ барои амалӣ кардани ҳокимияти иҷроия-амрдиҳанда заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меоварад. Аз ин бармеояд, ки ба зиммаи зинаи пешбари ҳокимияти иҷроия роҳбарии самараноки соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иҷрои қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, фармону амрҳои Президенти Тоҷикистон вогузор шуда, барои таъмини он масъулият доранд. Овардаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳокимияти иҷроия ба сифати як зуҳуроти ҷудонашавандаи механизми ҳокимияти давлатӣ дониста шуда, принсипҳои таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба он асоси ҳуқуқӣ мебахшад. Мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳамеша дар баробари ҳокимияти қонунгузор ва судӣ вуҷуд дошта, дар идораи давлатӣ саҳм мегузорад.

Ҳамин тавр, ҳокимияти иҷроия василаи асосии идоракунии давлатӣ мебошад. Сифат ва самаранокии идораи давлатӣ ба таври ҳалкунанда аз сатҳи фаъолияти ҳамин шохаи ҳокимият вобаста аст. Дар шароити муосир барои Тоҷикистон фаъолияти самарабахши ҳокимияти иҷроия, таъсиси низоми чандир ва муносиби мақомоте, ки идораи давлатии ҳамарӯзаро амалӣ месозанд, аҳаммияти махсус касб менамояд. Маҳз, ҳамин шохаи ҳокимияти давлатӣ, ба маҷмуи гуногунранги мақомоту ташкилотҳо, ҳайати бисёршумори кадрии хидматчиёни давлатӣ соҳиб мебошад. Тавсифи воқеии ҳокимияти иҷроия нишондиҳандаи сатҳи рушди давлат буда, аҳаммияти онро дар низоми давлатдории муосир ошкор менамояд.

Консепсияи ҳокимияти иҷроия, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудааст, сифатан нав мебошад. Моҳияти навовариҳо, пеш аз ҳама, аз он бармеояд, ки дар ҷумҳурии мо шакли идораи президентӣ ҷорӣ шуда, тақсимоти классикии ҳокимияти давлатӣ гузаронида шудааст. Аввалан, ҳокимияти иҷроия пурра ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутааллиқ дониста шуд: Президент чун сардори давлат ва ҳокимияти иҷроия тавсиф меёбад. Дуюм, ба зиммаи Президент мувофиқи Конститутсия роҳбарии Ҳукумати мамлакат вогузор гардид, яъне ӯ, ҳамзамон, Раиси Ҳукумати Тоҷикистон мебошад. Сеюм, таъсири бевоситаи ташкилию фармоишии ҳокимияти қонунгузорӣ ба фаъолияти Ҳукумати ҷумҳурӣ маҳдуд гардид. Чорум, низоми ҳокимияти иҷроия дар симои Президенти мамлакат кафили ташкилӣ пайдо намуд. Панҷум, ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таассури доимии Президенти кишвар қарор гирифта, ӯ бо истифода аз ваколатҳои муҳим ва васеи худ дар соҳаи идораи давлатӣ, ки дар Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ мустаҳкам шудаанд, ба мазмуни фаъолияти ҳамаи сатҳҳои ҳокимияти иҷроия таъсири муайянкунанда касб кард.

## 1.2. Моҳият ва таъиноти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи давлатӣ

Сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун зернизоми ҳокимияти иҷроия дар ҳаёти ҷомеа ва амалигардонии идораи давлатӣ нақши назаррас дорад. Босифат ва самаранок амалӣ намудани ҳокимияти иҷроия дар маҳал бо муассир ва ҳадафмандона амалӣ шудани меъёрҳои қонун, амалишавии ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд зич алоқаманд буда, байни олимону коршиносони соҳа яке аз нишондиҳандаҳои самаранокии идораи давлатӣ шинохта мешавад[54].

Дар таҷрибаи тамаддун рисолати сатҳи маҳаллии ҳокимияти умум аз бисёр ҷиҳат аз шакли сохти давлатӣ вобастагӣ дорад. Дар давлатҳои

[54] Пронина В.С., Петрунина О.Е. Государственное управление зарубежных стран. – М., 2001. – С.7.

федеративӣ, ки қисматҳои таркибии он бо мухторияти сиёсӣ фарқ мекунанд, унсури калидии ифодакунандаи ин сатҳ ниҳоди худидоракунии маҳаллӣ баромад мекунад[55]. Дар давлатҳои унитарӣ (ягона) ташкили ҳокимияти умум дар маҳал тобиши хос дошта, чун қоида, аз ду унсур иборат мебошад: идораи давлатии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ[56]. Вале дар ҳарду маврид ҳам дар давлатҳои демократӣ, маъмулан, низоми мунитсипалӣ амал мекунад, ки бо қонунгузории миллӣ дақиқ танзим шуда, ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ такя дорад[57].

Тоҷикистон аз замони таъсис ҳамчун ҷумҳурии шуравӣ сохти унитарӣ дошт ва воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудиро дар бар мегирифт. Аз ин лиҳоз, аз нигоҳи компаративистикаи муосир барои дарёфти сабақҳои ибратомӯз баҳри рушди давлатдории миллӣ таваҷҷуҳ ба ташкили низоми идораи маҳаллии кишварҳое, ки сохти давлатии бо Тоҷикистон шабеҳ доранд ва ба фаъолияти самарабахши ҳокимияти маҳаллӣ дастёб шудаанд (ба монанди Австрия, Чехия, Шветсия, Словакия, Венгрия, Туркия ва амсоли инҳо), ояндабахш мебошад. Ҳамчунин, назар ба тарҳи идораи маҳаллӣ дар Эрон низ муфид арзёбӣ мегардад, зеро тоҷикон бо аксарияти мардуми ин кишвар қаробати таърихии этникию забонӣ ва фарҳангӣ доранд.

Ба аксарияти кишварҳои дар боло ишорашуда анъанаҳои устувори демократӣ ва иқтисодиёти майли бозаргонӣ хос аст. Тавре ҳаёти сиёсии ин давлатҳо собит менамояд, дар аксар маврид, барои мардум (шаҳрвандон ва интихобкунандагон) дар сари қудрат будани кадом ҳизби сиёсӣ чандон аҳаммият надорад, вале масъалаҳои марбут ба ҳаҷми андозҳои маҳаллӣ, фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, томактабӣ, тандурустӣ, китобхонаҳо, нақлиёти мусофиркашонии ҷамъиятӣ, объектҳои хизматрасонии маишӣ,

---

[55] Полянский И.А. Организация исполнительной власти в субъектах Российской Федерации. –М., 2001. – С.19; Златопольский Д.Л. Российская Федерация: особенности современного развития. – М., 1992. – С. 23; Юсубов Э.С. Теория федерализма. –Томск, 1998. – С.32 ва ғ.

[56] Черкасов В.И. Местное управление в зарубежных странах: модели и тенденции эволюции //Государство и право. 2011. –№3. – С.84-92.

[57] Майер Г. Развитие муниципальной службы в Баварии // Реформа государственного управления как важный фактор социально-экономического развития страны: Материалы II Душанбинской международной научно-практической конференции (23-25 сентября 2010 г.). –Душанбе, 2011. – С.18-27.

сифати роҳҳо ва ғ. таваҷҷуҳи зиёди онҳоро бедор менамояд[58]. Матраҳи муваффақонаи ин соири (ин намуд) масоил аз танзими қонунгузорӣ ва фаъолияти самараноки мақомоти идораи давлатии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ вобаста мебошад.

Ба истилоҳоти «идораи маҳаллӣ» ва «худидоракунии маҳаллӣ» ҳамчун категорияҳои назарияи идораи давлатӣ баҳо дода, Е.С. Хозикова менависад, ки мафҳуми аввал мақомоти аз ҷониби ҳокимияти марказӣ таъиншавандаро дар назар дорад, мафҳуми дуюм бошад, мақомоти аз ҷониби шаҳрвандон бевосита интихобшавандаро дар бар мегирад. Ба андешаи олим, «таъинӣ будани яке ва интихобӣ будани дигар – фарқияти асосии ин зуҳурот мебошад»[59]. Вале таҳлили таҷрибаи хориҷ собит менамояд, ки масъала чандон якранг нест ва интихобӣ будан танҳо хоси худидоракунии маҳаллӣ маҳсуб намешавад. Новобаста ба хусусиятҳои ба давлатҳои алоҳида хос дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нисбат ба низоми идораи маҳаллӣ аз ҷониби мутахассисон, асосан, се тарҳ (модел)-и идораи маҳаллӣ ҷудо карда мешавад: англисӣ, ки маъмулан, англосаксонӣ номида мешавад, аврупоӣ, ки қитъавӣ ишора мегардад ва испанӣ, ки дар Испания, Португалия ва як қатор мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ (собиқ мустамликаи испанӣ) паҳн шудааст.

Дар тарҳи аввал – англисӣ, ки маъмулан, хоси Британия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, (ИМА), Канада, Австралия мебошад, намояндагони аз марказ таъиншаванда дар воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ мавҷуд набуда, танҳо мақомоти интихобии салоҳияти умум – шуроҳо нақши муайянкунанда мебозанд. Ин мақомоти намояндагии идораи маҳаллӣ дар доираи ваколатҳои худ фаъолияти мухтор дошта, итоати мақомоти поёнӣ ба болоӣ вуҷуд надорад. Ба ҳайси мақомоти иҷроия мир (мэр) ва комиссияҳои соҳавӣ (оид ба роҳҳои маҳаллӣ, сохтмони манзил, маориф, тандурустӣ ва ғ.) баромад

---

[58] Черкасов А.И. Правовое регулирование местного управления в странах современного мира // Федерализм, региональное управление и местное самоуправление. –М., 2000. – С.54.

[59] Хозикова Е.С. Современные подходы к местному управлению и самоуправлению в зарубежных странах // Закон и право. 2018. – №9. – С.49.

мекунанд. Мир аз ҷониби шаҳрвандон (яъне, аҳолии маҳал) ё шуроҳо интихоб мешавад, комиссияҳои соҳавиро шуроҳо таъсис дода, ба ҳайати онҳо аъзои шуро ва мутахассисони соҳавӣ шомил мегарданд. Хидматчиёни давлатӣ барои фаъолият дар комиссияҳои доимии мазкур ва мақомоти идораи маҳаллӣ киро карда мешаванд, теъдод ва шароитҳои меҳнати онҳо дар ҷаласаҳои шуроҳо тасдиқ карда мешавад.

Тарҳ (модел)-и мазкур моҳиятан ифодаи худидоракунии маҳаллӣ буда, идораи мунитсипалӣ эътироф мегардад. Назорати фаъолияти мақомоти маҳаллӣ бо тарзи бавосита тавассути вазоратҳо ва мақомоти судӣ ба роҳ монда шудааст. Тибқи консепсияи тарҳи англисӣ мақомоти маҳаллӣ қисми таркибии механизми давлат ва низоми сиёсии ҷомеа баррасӣ мегарданд. Он маҳсули озодиҳои васеи шаҳрвандӣ буда, дар шароити заиф будани дастгоҳи бюрократӣ ва сатҳи баланди мустақилияти худидоракунии маҳаллӣ ташаккул ёфтааст. Ба ҷамоаҳои худидорашаванда мухторияти васеъ на танҳо дар иҷрои дастурҳои ҳокимияти шоҳӣ, балки ҳуқуқэҷодсозӣ низ дода шуда буд. Тавре Н.Ю. Козлова қайд менамояд, “Ба мақомоти ҳудудӣ дар маҳал ҳамаи паҳлуҳои фаъолияти идорӣ то ба амал баровардани функсияҳои судию полисӣ супурда шуда буданд”[60]. Ҳамин тавр, мухторият, мустақилият ва фаъолият дар доираи ваколат – унсурҳои таркибии тарҳи идораи маҳаллии англисӣ маҳсуб мешаванд.

Тарҳ (модел)-и дигари идораи маҳаллӣ – қитъавӣ ё худ аврупоӣ дар фарқият аз тарҳи дар боло тавсиф додашуда дар як вақт фаъолияти ду намуд ҳокимиятро дар маҳал раво мебинад: намояндаи ҳокимияти давлатии аз марказ таъиншаванда ва шурои аз тарафи аҳолии воҳиди маъмурӣ-ҳудудӣ интихобшуда. Ин тарҳ (модел) ба пайванд намудани идораи давлатии мутамарказ дар маҳалҳо ва худидоракунии маҳаллӣ асос ёфта, ҳамчун ифодаи классикии аҳкоми мартаботӣ баромад мекунад, ки дар он сатҳи поёнӣ бевосита дар тобеияти сатҳи болоӣ қарор дорад. Тарҳ (модел)-и қитъавии

[60] Козлова Н.Ю. Институты самоуправления в Англии // Институты самоуправления: историко-правовое исследование. –М., 1995. –С.81.

идораи маҳаллӣ, айни ҳол, дар як қатор кишварҳои Африқо, Амрикои Лотинӣ ва Шарқи Наздик паҳн шуда, аз таҷрибаи Фаронса манша мегирад. Барои ҳамин ҳам, ин тарҳ (модел)-ро баъзан, «фаронсавӣ» низ меноманд: дар калонтарин воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудии Фаронса – минтақаҳо, ки беш аз бист ададро ташкил медиҳанд, комиссарони ҷумҳурӣ таъин карда мешаванд. Дар як вақт дар ҳар як воҳиди маъмурӣ-ҳудудии минтақа, ки департамент ном дорад, мақоми намояндагии маҳаллӣ – Шуро интихоб карда мешавад. Дар дигар сатҳи воҳидҳои маъмурӣ – ҳавза (округ) танҳо як шахси мансабдори давлатӣ – префект ба таври мутамарказ таъин мегардад. Дар сатҳи поёнии воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ – коммунаҳо ҳеҷ гуна мақомоти таъиншаванда нест, аҳолӣ шуроро интихоб мекунад ва он дар навбати худ – мири коммуна ва муовинони ӯро интихоб менамояд. Умуман, доир ба низоми мунитсипалии идораи фаронсавӣ Е.В. Болотина дар таҳқиқоти доктории худ асоснок ишора менамояд, ки дар он созиши байни ҳокимияти марказӣ ва мақомоти идораи маҳаллӣ зуҳур дорад[61].

Тавре аён мегардад, дар тарҳ (модел)-и мазкур мақомоти намояндагӣ танҳо дар воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудие таъсис меёбанд, ки қонунгузор ҷамоаи ҳудудӣ эътироф намудааст. Дар воҳидҳои маъмурии алоҳида мақомоти намояндагии маҳаллӣ метавонанд умуман, вуҷуд надошта бошанд. Хусусияти дигари тарҳи тавсифёбанда дар он аст, ки сатҳи поёнӣ ба болоӣ то ҳадди муайян тобеъ мебошад[62]. Тибқи консепсияи расмӣ дар ин кишварҳо мақомоти маҳаллӣ ҳуқуқ доранд ҳамаи амалҳоро, ба ғайр аз оне, ки қонун бевосита манъ кардааст, анҷом диҳанд. Тарҳи аврупоии идораи маҳаллӣ дар заминаи нақши таърихан пурзӯри дастгоҳи давлатӣ ташаккул ёфта, бо тавъам намудани идораи давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ фарқ мекунад. Низоми идораи маҳаллии Эрон ба ҳамин тарҳ (модел) бештар қаробат дорад ва аз таҷрибаи фаронсавӣ бештар бархурдор аст[63].

---

[61] Болотина Е.В. Муниципальное управление: теория и практика французской государственности: автореф. дис....д.ю.н. –М., 2006. – С.26.
[62] Брэбан Г. Французское административное право // Пер. с фр. –М., 1988. – С.68.
[63] Мотаманӣ М.Т. Ҳуқуқи идорӣ (бо ҳуруфоти арабӣ). – Теҳрон, 1387 (ҳиҷрӣ). – С.87-93.

Дар тарҳ (модел)-и сеюми идораи маҳаллӣ, ки мо испанӣ ишора намудем, дар баробари мақомоти намояндагӣ, ҳамаи мақомоти идора низ интихобӣ мебошанд[64]. Сарвари маъмурияти маҳаллӣ аз ҷониби шурои маҳаллӣ ё мустақиман аз ҷониби аҳолӣ интихоб мешавад. Ӯ ба ҳайси раиси шуро интихоб шуда, мақоми иҷроияи шуро мегардад ва ҳамчун намояндаи ҳукумати марказӣ дар воҳиди маъмурӣ-ҳудудии дахлдор тасдиқ мешавад. Дар ин тарҳ хизматчиёни аз марказ таъиншаванда баҳри контроли фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ пешбинӣ нашудаанд, ҳарчанд намояндаҳои ҳокимияти давлатии аз ҷониби аҳолӣ интихобшаванда ҷой дорад, ки ифодаи махсусияти он мебошад[65].

Тавофути тарҳ (модел)-и баррасишаванда дар он зоҳир мегардад, ки хизматчиёни ба таври мутамарказ таъиншавандаро барои контроли фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ пешбинӣ накарда, намояндагони ҳокимияти давлатиро, ки аҳолӣ интихоб мекунад, дар бар мегирад. Мавҷудияти чунин шахсони мансабдор робитаи ташкилии байни ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро таъмин мекунанд, ки дар тарҳи якум, яъне англисӣ мушоҳида намешавад. Теъдоди зиёди мутахассисон камбудии ин тарҳро дар он мебинанд, ки ҳокимияти умум дар сатҳи маҳаллӣ дар шахсияти як мансабдор – раиси шуро андӯхт мегардад, зеро ӯ ҳам ба мақоми намояндагии мазкур роҳбарӣ мекунад ва ҳам контроли фаъолияти онро анҷом медиҳад[66]. Чунин ҳолат боиси сар задани хавфи афзалият пайдо кардани иродаи як нафар нисбат ба аксарият мешавад, ки таъсири омили субъективиро дар идораи маҳаллӣ афзун мегардонад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар мавридҳои алоҳида ба аҳаммияти мустақили тарҳ (модел)-и шуравии идораи маҳаллӣ низ ишора мешавад, ки то ҳанӯз дар як қатор мамлакатҳои сотсиалистӣ (Чин, Куба, Кореяи Шимолӣ, Лаос,

---

[64] Бештар бо номи “иберӣ” паҳн шудааст, ки ифодаи номи ниёгони испаниҳо ва макони ҷуғрофии ҷойгиршавии ватани ҳамин тарҳ – Испания мебошад.

[65] Глазунова Н.И. Система государственного и муниципального управления: учеб. – М., 2006. — С.67.

[66] Чиркин В.У. Публичное управление на местах: некоторые вопросы российского и зарубежного опыта // Журнал российского права. 2014. – №10. – С.41.

Ветнам) ҷой дорад. Хусусияти он дар тавъам будани сохторҳои ҳизбӣ бо ҳама гуна мақомоти маҳаллии ҳокимият ифода меёбад[67]. Ин низом ба замони шуравии рушди Тоҷикистон хос буд ва нисбати он дар банди оянда рисола таваққуф карда мешавад.

Тарзи ташкили идораи маҳаллӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ дар аксар маврид нигоҳ доштани риштаи амудии муайянро аз марказ ба маҳал дар назар дорад. Дар ин «халқа»-и мартаботии идорӣ дарёфти таносуби асосноки манфиатҳои умумидавлатӣ, маҳаллӣ, гурӯҳӣ ва шахсӣ муҳим мебошад, ки дар ҳар як кишвар тавассути дар ҳадди гуногун истифода бурдани имконоти мутамарказгардонӣ ва ғайримутамарказгардонӣ ба даст омада, бо назардошти сатҳи рушди ниҳодҳои идорӣ ва омодагии аҳолӣ хислати инфиродӣ дорад. Аз ин рӯ, мо пурра ҷонибдори андешаи В.Е. Чиркин ҳастем, ки таъкид менамояд: «... идора «дар маҳал» на танҳо худидоракунии маҳаллӣ, балки идора аз ҷониби давлат низ мебошад»[68].

Бояд тазаккур дод, ки рушди ҳуқуқи байналмилалӣ ва ташаккули сохторҳои ташкилии фаромиллӣ ба тағйирот дар назарияи идораи маҳаллӣ низ боис гардид. Қабули Хартияи аврупоии худидоракунии маҳаллӣ (соли 1985[69] ва аз ҷониби Бонки умумиҷаҳонӣ ба тасвиб расидани консепсияи «идораи судманд» (соли 1990)[70] аз ҷумлаи қадамҳои устувори ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои бонуфузи он дар ин ҷода маҳсуб мешаванд. Таҳти таъсири арзиши санадҳои дар боло номбурда ҳар чи бештар самарабахшии идораи маҳаллӣ ва кафолати стандарти ҳаҷми муайяни хизматрасониҳои маҳаллӣ ба аҳолӣ дар мадди назар қарор гирифт. Ин раванд дар навбати худ афзоиши

---

[67] Конституционное право зарубежных стран: учебник для вузов. –М., 2005. – С.241.

[68] Чиркин В.Е. Публичное управление “на местах”: некоторые вопросы росийского и зарубежного опыта // Журнал российского права. 2014. – №10. – С.41.

[69] Матни санади мазкур бо забони русӣ ниг.: Европейская хартия местого самоуправления // СЗ РФ. 1998. –№36. – Ст. 4466.

[70] Консепсияи мазкур барои БУ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои сифатӣ зимни баҳодиҳӣ баислоҳоти идорӣ дар кишварҳо хизмат мекунад ва аз ҷониби Тоҷикистон онро расман қабул шудааст. Дар ин бора пурратар ниг.: Раззоқов Б.Ҳ. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии таъсиси низоми самарабахши идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҳаёт ва Қонун. 2017. –№1. – С.68.

ҳаҷми маблағгузориҳо барои рушди маҳаллӣ ва сатҳи баланди соҳибкасбии дастгоҳи маъмуриро тақозо намуд.

Тарҳи муосири идораи маҳаллӣ, ки айни замон, дар раванди ислоҳоти маъмурӣ ташаккул меёбад, ҳар чи бештар унсурҳои менеҷментро қабул карда, сифатҳои нав касб мекунад. Дар он қувват гирифтани контроли молиявии фаъолияти мақомоти маҳаллӣ ва маблағгузории онҳо вобаста ба натиҷаҳои бадастомада мушоҳида мешавад. Тавре А.И. Черкасов асоснок ишора менамояд, мақомоти маҳаллӣ аз ҳокимияти бароянда ҳар чи бештар ба таъмину ҳамоҳангсозанда табдил ёфта, идораи анъанавӣ тавассути мақомоти мунитсипалӣ бо низоми нисбатан мураккаби ҳамкории сохтору ниҳодҳои гуногун оид ба амалисозии функсияҳои ҳокимияти умум дар маҳал иваз мегардад[71]. Самтҳои афзалиятноки ислоҳоти идораи маҳаллӣ, аз ҷумла, калон кардани ҳаҷми воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ, ихтисори миқдори мақомоти маҳаллӣ, таъсиси ҳар гуна шаклҳои идораи минтақавӣ баромад мекунанд.

Ҳамин тавр, таҳлили таҷрибаи хориҷӣ собит менамояд, ки ташкил ва фаъолияти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо гуногунрангӣ фарқ мекунад. Ифодаи он идораи маҳаллии умумӣ баромад карда, интихоби тарҳ бо маҷмуи омилҳо муайян мегардад: сохти давлатӣ, хусусиятҳои таърихии рушд, махсусияти ҷуғрофӣ ва ташкили ҳудудии аҳолӣ. Ба идораи маҳаллӣ мақомоти зиёди чи намояндагӣ ва чи иҷроия сафарбар шудаанд, вале субъекти асосии он ҳомилони ҳокимияти иҷроия баромад мекунанд, ки фаъолияти хоси иҷроия-амрдиҳандаро пеш мебаранд ва идораи ҳамарӯзаи равандҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодиро дар ҳудудҳои муайян ба уҳда доранд. Агар дар тарҳи англисӣ идораи маҳаллӣ бо мафҳуми худидоракунии маҳаллӣ тавъам бошад, пас, тарҳи аврупоӣ ба ягонагии ҳокимияти давлатӣ ва идораи маҳаллӣ асос ёфтааст, дар тарҳи испанӣ намояндаҳои аз марказ таъиншаванда ҷой надошта, ҳокимияти давлатӣ мустақиман аз ҷониби аҳолӣ ташкил мешавад.

[71] Черкасов А.И. Местное управление в зарубежных странах: реформы и тенденции развития // Российский юридический журнал. 2013. –№1. – С.98.

Идораи маҳаллӣ дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон бо як қатор ҳаҷми хосиятҳо ва равандҳои умумӣ фарқ мекунад, ки зикри бархе аз онҳоро зарур меҳисобем:

– афзудани доираи масъалаҳои аҳаммияти маҳаллидошта;

– ҷалби оммаи васеи шаҳрвандон ба иштирок дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои аҳаммияти маҳаллидошта;

– қувват гирифтани майлони васеъшавии ҳудуди воҳидҳои маъмурӣ;

– ҷорӣ намудани технологияҳои муосири менеҷмент дар ҷараёни идораи умум;

– гузариш аз функсияи назоратӣ ба хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар маҳал;

– васеъшавии ваколатҳои мақомоти маҳаллӣ дар соҳаи молия ва дақиқ муайян шудани сарчашмаҳои маблағгузории онҳо барои иштироки фаъолона дар амалисозии сиёсати миллии иқтисодӣ.

Барои Тоҷикистон дар таҷрибаи ҷаҳонӣ намунаҳои зиёди ибратомӯз мавҷуданд. Аз ин махзани зеҳнӣ баҳри такмили низоми идораи маҳаллӣ бояд оқилона ва бо назардошти сатҳи рушди ҷомеа ва тағйирот дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода бурд. Мақомоти маҳаллӣ дар кишварҳои хориҷ аз ҳаҷми васеи ваколатҳо ҷиҳати ихтиёрдории моликият ва идораи нисбатан самараноки он бархурдор мебошанд. Илова бар он, қонунгузорӣ объектҳои моликияти давлатӣ ва коммуналиро дақиқ тафриқа намуда, мафҳумҳои муайнкунандаи сатҳи мазкурро равшан тавсиф медиҳад. Назардошти ин омилҳо, бешак, зимни такмили минбаъдаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ муфид арзёбӣ мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳи идораи маҳаллӣ ҷузъи таркибии идораи мутамаркази президентӣ маҳсуб ёфта, чунин сохтори ташкилӣ, тавре олими шинохтаи соҳавӣ асоснок таъкид менамоянд, «дар таҷрибаи навини давлатдории Тоҷикистон муфид ва мувофиқи мақсад будани худро собит намуда, имкон дод, ки дар кишвар дар муҳлати кӯтоҳи таърихӣ риштаи бо

сабабҳои маълум гусастаи идора дубора пайваст гардад…»[72] Боиси қайд аст, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон накши муҳим мебозанд. Ин зернизоми ҳокимияти иҷроия ба объектҳои идора бештар наздик мебошад. Аз ин хотир, сатҳу сифат ва самаранокии фаъолияти онҳо ба сифат ва самаранокии идораи давлатӣ таъсири бевосита мерасонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳи идораи маҳаллӣ асоси конститутсионӣ дорад. Асосҳои вазъи ҳуқуқии унсурҳои тарҳи идораи маҳаллӣ дар боби VI Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудаанд. Тағйиру иловаҳое, ки дар натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ аз 22 майи соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуданд, боби мазкурро дар таҳрири нав баён кард – «Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ».

Идоракунии маҳаллӣ ташкил ва фаъолияти сохторҳои иҷроияро дар доираи воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ – вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо дар назар дошта, ду унсури ба ҳам зич алоқамандро дар бар мегирад:

1) сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия;

2) сохторҳои иҷроияи ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот.

Мутобиқи таҳрири нави моддаи 78-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия роҳбарӣ менамояд. Ӯ, ҳамзамон, ба мақомоти намояндагии маҳаллӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳия, ки Маҷлиси вакилони халқ эътироф шудааст, роҳбарӣ мекунад. Раиси вилоят, шаҳр, ноҳияро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамояд. Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия ба сифати сарварӣ ҳам мақоми намояндагӣ ва ҳам мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал, яъне дар воҳиди дахлдори маъмурию ҳудудии ҷумҳурӣ баромад мекунад. Масъалаҳои ташкил ва фаъолияти ҳокимияти маҳаллӣ бо Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» танзим мегардад. Қонуни конститутсионии мазкур бори

[72] Раззоқов Б.Ҳ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сардори ҳокимияти иҷроия. –Душанбе, 2010. Саҳ. –178.

нахуст дар таҷрибаи сохтмони маъмурӣ нигоҳи низомнокро мустаҳкам намуда, дар таҳрири минбаъда аз 3-юми декабри соли 2009 унсурҳои ҳокимияти иҷроияро дар сатҳи маҳаллӣ чунин номбар кард:

– раиси вилоят, шаҳр, ноҳия;

– сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия;

– сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия.

Бояд гуфт, ки Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии шакли идораи президентӣ дар шоҳроҳи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ собитқадамона пеш меравад. Тибқи моддаи 6-и Конститутсияи мамлакат халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки онро бевосита ва ё тавассути вакилони худ амалӣ мегардонад[73]. Дар ин меъёри конститутсионӣ моҳиятан ташкили демократии давлатдорӣ мустаҳкам гардида, он ҳамчун асоси устувори ҳуқуқӣ барои зуҳури ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ баромад мекунад. Падидаҳои номбурда аз як тараф давлат ва аз ҷониби дигар ҷомеаи шаҳрвандиро муаррифӣ намуда, ҳамгироӣ ва ҳамкории унсурҳои низоми идораи иҷтимоӣ – идораи давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро ифода менамоянд. Кишвари соҳибистиқлоли мо дар ибтидои роҳи демократӣ қарор дорад ва ба таври сунъӣ тезонидани ин раванд ба салоҳи кор нест. Тавре олимони соҳавӣ Б.Ҳ. Раззоқов ва А.Ё. Комилбек асоснок таъкид менамоянд, “ҷомеа бояд имкониятҳои худро воқеъбинона арзёбӣ намуда, дар «укёнуси пурталотум»-и ҷаҳони имрӯза дар заминаи ризояту ваҳдати миллӣ, сулҳу осоиш ва таъмини амният пеш равад»[74].

Ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ низомҳои мураккаби бо ҳам дар тамос мебошанд, ки тавассути онҳо ҳокимияти умумӣ амалӣ мегардад.

---

[73] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ─Душанбе, 2016. ─ 64 с.

[74] Раззоқов Б.Ҳ., Комилбек А.Ё. Баъзе масоили мубрами рушди давлатдории миллии тоҷикон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30 – солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Таҳкими давлатдории миллии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ”. –Душанбе, 2021. – С.13-23.

Агар аввал тобиши баръалои сиёсӣ дошта бошад, пас, дуюм – ғайрисиёсӣ буда, ба тавъамии манифатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ асос ёфтааст. Мустақилияти худидоракунии маҳаллӣ маънии истиқлоли мутлақро аз давлат надорад. Ҳамзамон, давлатикунонии худидоракунии маҳаллӣ роҳи бунбаст буда, ба таҳрифи моҳияти ин зуҳуроти ҷамъиятӣ ва иваз шудани он бо идораи давлатӣ меорад. Аз ин рӯ, яке аз сабабҳои асосии нокомиҳо дар бунёди худидоракунии маҳаллӣ ба таври матлуб ташаккул наёфтани механизми ҳамгироии ниҳодҳои он бо давлат дар симои мақомоти маҳаллии он мебошад, ки зарурати таҳияи василаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ҳамкорӣ ва ҳамгироии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳотро тақозо менамояд.

Худ зуҳуроти идораи маҳаллӣ ҳамчун шакли ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроия-амрдиҳанда барои ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти маҳаллидошта бо назардошти манфиатҳои умумидавлатӣ ва манфиатҳои аҳолии ҳудуди шинохта мешавад. Нақши идораи маҳаллӣ дар рушду инкишофи вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии маҳал аз салоҳиятнокӣ ва соҳиби касбияти баланд будани ҳомилони ин сатҳи ҳокимияти давлатӣ таҷассум меёбад. Аз ин хотир, дорои дараҷаи касбияти баланд ва салоҳиятнокии ҳомилони мақомоти иҷроия-амрдиҳанда дар сатҳи маҳал дар инкишоф ва рушд маҳал таъсири ҳалкунанда дорад. Ташкили сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, саҳеҳ ва муайян кардани салоҳияти мақомоти мазкур, такмили сохтор, рушди заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти мазкур ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва танзими ҳуқуқии он мувофиқи талаботи замон ба ҳисоб рафта, ҳамчун ифодаи ҳадафҳо ва таъиноти иҷтимоии он баромад менамояд, ки дар навбати худ ба фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои қонунии шаҳрвандон равона шудааст. Дар баробари ин, ҳамчун нишондиҳандаи таъиноти иҷтимоии давлат ва мақомоти он баҳо дода мешавад.

Боиси қайд аст, ки масоили фаъолияти мақомоти намояндагию иҷроияи маҳаллӣ ва тамос (муносибат)-и байниҳамдигарии онҳо бо ташкили идораи

маҳаллӣ алоқаманд мебошад. Идораи маҳаллӣ унсури ташкили ҳокимияти маҳаллӣ маҳсуб ёфта, фаъолияти сохторҳои иҷроияро дар воҳидҳои марзиву маъмурии ҷумҳурӣ – вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо дар назар дорад, ки дар ташкили ҳокимияти маҳаллӣ унсурҳои он ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллиро фаро мегирад.

Боиси қайд аст, ки қолаби ташкилии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи идораи мутамарказ маҳсуб ёфта, дар доираи салоҳият идораи давлатиро дар сатҳи маҳаллӣ амалӣ менамояд. Фаъолияти мақомоти намояндагию иҷроияи маҳаллӣ ва муносибати байниҳамдигарии онҳо бо ташкили самараноки идораи маҳаллӣ алоқамандӣ дорад. Идораи маҳаллӣ ба сифати унсури ташкилии ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ фаъолияти сохторҳои иҷроияро дар воҳидҳои марзиву маъмурии ҷумҳурӣ, яъне дар ҳудуди вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо дар назар дорад, ки дар ташкили ҳокимияти маҳаллӣ унсурҳои он ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллиро фаро мегирад.

Дилхоҳ мақомоту идораҳо ва сохторҳои он дар раванди идораи давлатӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ иштирок намуда, вазифа ва функсияҳои худро иҷро ва амалӣ менамояд. Дар натиҷа, барои таъмин ва рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ки мақсад ва мароми давлат ва мақомоти он мебошад, чораҳои зарурирo меандешанд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ҳамчун зернизоми мақомоти иҷроия дар ташаккул ва рушди маҳал нақши муҳимро иҷро менамоянд. Мақомоти мазкур доимо бо аҳолии маҳал дар тамос ва муносибати наздик қарор дошта, барои барқарор намудани муносибати муносиб ба ҳамаи равандҳо ва ҷараёнҳо мавриди ҳаракат қарор доранд. Натиҷаи рушд ва инкишофи маҳал, муҳайё намудани шароити мусоиди ташкилӣ ва ҳуқуқӣ барои татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, маҳз, ба салоҳиятнокӣ ва касбияти ҳомилони ин зернизоми ҳокимияти иҷроия алоқамандӣ дошта, нақши онҳо дар ин самт муҳим мебошад. Дар навбати худ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсонро арзиши олӣ эътироф намуда,

давлат ва мақомоти он ҳамчун кафили амалишавии он дониста мешаванд. Бинобар ин, фаъолияти бомароми мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, салоҳиятнокӣ ва соҳибкасбии ҳомилони мақомоти мазкур, ки дар натиҷаи мустаҳкам намудани заминаи ташкилӣ-ҳуқуқии муносиб ба даст оварда мешавад, дар рушди маҳал назаррас арзёбӣ гардида, таҷассумгари таъиноти иҷтимоии мақомоти идораи давлатӣ дар ин сатҳ шинохта мешавад.

## 1.3. Асосҳои ҳуқуқии ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қабл аз тавсифи асосҳои ҳуқуқии ташкили тарҳи ҳокимияти иҷроия дар маҳал таваққуфи мухтасарро дар таҳаввули қонунгузории Тоҷикистон нисбат ба сатҳи дахлдор муфид меҳисобем, зеро нигоҳ ба таърих ва дар ин замина, таваҷҷуҳ ба таҷрибаи рушду такомули шаклҳои ташкилии идора ба дарки комили моҳияти тағйироте, ки дар низоми мақомоти иҷроия сурат доранд, имкон медиҳад.

Тавре олими соҳаи ҳуқуқи маъмурии ватанӣ асоснок ишора менамояд, «таҳқиқи қонуниятҳо, муқаррарсозии омилҳое, ки зери таъсири онҳо низоми мақомоти идораи давлатӣ ташаккул меёбанд – проблемаи мураккаб ва бисёрҷабҳа буда, ҳалли онҳо барои баланд бардоштани самаранокӣ ва асосҳои илмии фаъолияти ҳокимияти иҷроия аҳаммияти ҳалкунанда дорад»[75]. Воқеан ҳам, илми ҳуқуқи маъмурӣ вазифадор аст, ки қонуниятҳои объективии инкишофи мақомоти идораро ошкор карда, онҳоро ба давраҳои муайяни инкишофи мамлакат мункасир гардонад. Байни шаклҳои ташкилӣ, таҷрибаи таърихӣ ва муайянсозии роҳҳои ҳалли масъалаҳои пайдошавандаи стратегӣ ва ҷории сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ ва фарҳангии инкишофи мамлакат, хусусан, дар марҳилаҳои гардишноки навсозӣ, ҳамбастагии зич ва ворисӣ вуҷуд дорад. Нигоҳ ба таърих ба пешгирии такрорёбии камбудиҳо ва

[75] Раззоқов Б.Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия. – Душанбе, 2007. – С.68.

истифодаи таҷрибаи мусбати гузашта имкон медиҳад. Бе таърихи идора назарияи идора низ арзи вуҷуд надорад[76].

Зуҳури Тоҷикистон дар харитаи сиёсӣ (соли 1924) бо шакли ҷумҳурии шуравии сотсиалистӣ алоқаманд буда, қолаби давлатдорӣ дар он тибқи таълимот дар бораи пурраҳокимиятии Шуроҳо ташкил шуда буд: дар воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ мақоми олии ҳокимият – Съезд (Анҷуман)-и Шуроҳо ва давраи байни он – кумитаи иҷроияи Шуроҳо ҳисоб мешуд, мақоми доимоамалкунандаи ҳокимият дар давраи ҷаласаҳои кумитаи иҷроияи Шуроҳо раёсати он баромад менамуд, ки аз байни аъзоёни кумитаи иҷроия Шуроҳо ташкил меёфт[77]. Ин қолаб дар Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон соли 1929 муқаррар шуда, дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1931 тамдид ёфт[78]. Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1937 ба он баъзе тағйирот ворид намуд: даъвати Анҷуманҳо барҳам дода шуда, дар сатҳи воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – Шурои вакилони меҳнаткашони вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳот эътироф шуданд[79], мақомоти маҳаллии иҷроия ва амрдиҳанда дар ин сатҳҳо кумитаи иҷроия муайян шуд[80]. Ҳамин тарҳ дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978 низ нигоҳ дошта шуда, номи нави Шуроҳо – Шурои вакилони халқ мустаҳкам гардид.

Ба конститутсияҳои давраи шуравии рушди Тоҷикистон баҳо дода, давлатшиноси маъруфи ватанӣ А.И. Имомов таъкид менамояд, ки дар ташкили ҳокимиятдорӣ онҳо аз мавқеи назарияи ленинии ташкили ҳокимияти

---

[76] «Бидуни таърихи мавзуъ, — навишта буд файласуф ва нависандаи маъруфи рус Н.Г.Чернишевский, – назарияи мавзуъ нест, вале бидуни назарияи мавзуъ ҳатто андеша дар бораи таърихи он вуҷуд надорад, зеро дар бораи мавзуъ, аҳаммият ва сарҳади он мафҳуме нест». Чернышевский Н.Г. Избранные философские произведения. – М., 1950. Т.1. – С.304.

[77] Раджабов С.А. Таджикская ССР – суверенное государство. – Душанбе, 1959. – С.34.

[78] Съезды Советов в документах. Сборник документов 1923-1937 г.г. Т.7. – М., 1965. – С.375.

[79] Дар ин давра мақомоти маҳаллӣ дар ҳамаи воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудии ҷумҳурӣ вазъи ҳуқуқии шабеҳ доштанд, вале баъзе истисно нисбати Вилояти Мухтори Кӯҳистон Бадахшон мушоҳида мешавад, ки ин ҷанбаъ дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ муфассал баррасӣ гаштааст. Раззоқов Б.Ҳ. Масоили ҳуқуқии идораи минтақа (дар мисоли Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон). – Душанбе, 1997. – С.56-57.

[80] Съезды Советов в документах… – С.687.

давлатӣ баромада, тарҳи ягонаи ҳокимияти давлатиро муқаррар мекарданд[81]. Ягонагии ҳокимияти давлатӣ дар он ифода меёфт, ки мақомоти иҷроия ва амрдиҳанда бевосита дар назди мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатии онҳоро ташкилу интихоб намуда ҳисоботдиҳанда буданд.

Дар низоми давлатдории шуравӣ Шуроҳо мақомоти намояндагии дастаҷамъӣ эътироф мешуданд, ки аз ҷониби аҳолӣ мустақиман барои давраи муайян интихоб мегаштанд. Зуҳури ин мақомот бо таҷрибаи Россия рабт дошта, минбаъд, ҳамчун намуна ба ташкили ҳокимиятдорӣ дар ҳамаи ҷумҳуриҳои шомили Иттиҳоди Шуравӣ ва як қатор давлатҳои лагери сотсиалистӣ таҳмил дода шуд[82]. Шуроҳо аз поён, яъне шаҳраку деҳот оғоз карда, то боло, яъне зинаи олӣ таъсис ёфта, дар ҳар як сатҳ тамоми ҳокимият ба онҳо тааллуқ дошт ва ягона мақомоти ҳокимияти давлатӣ эътироф мешуданд, ки ҳамаи дигар мақомоти давлатӣ (ғайр аз прокуратура) тавассути онҳо расмиёт меёфт.

Вазъи ҳуқуқии Шуроҳо ҳамчун асоси сиёсии давлат ва нақши онҳо дар таъмини рушди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, таъсис ва инкишофи давлатдории сотсиалисӣ дар адабиёти ҳуқуқии он давра ҳамаҷониба баррасӣ шуда[83], аз ҷониби олимони соҳаи давлатшиносии шуравӣ таҳқиқоти алоҳидаи марбут ба фаъолияти шуроҳои маҳаллӣ низ анҷом ёфтааст[84]. Арзандаи таъкид аст, ки олимони соҳаи ҳуқуқи ватанӣ низ дар ин ҷода саҳмгузор буданд[85].

Махсусияти Шуроҳои маҳаллӣ ҳамчун ташкилоти давлатии идорӣ дар он ифода меёфт, ки мақомоти мазкур функсияҳои намояндагӣ ва иҷроияро тавъам менамуданд. Ба салоҳияти онҳо тибқи қонунгузории шуравӣ баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои аҳаммияти маҳаллидошта дар ҳудуди дахлдор, аз ҷумла,

[81] Конститутсияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф // Зери назари Ф.Раҳимӣ, А.Шамолов. – Душанбе, 2014. –С.173.
[82] Попов М. В., Казеннов А. С. Советы как форма власти. – СПб., 2013. – С.34.
[83] Лепешкин А.И. Советы - власть трудящихся, I9I7-I936. – М., 1966; Лукьянов А.И. Развитие законодательства о советских представительных органах власти // Некоторые вопросы истории, теории и практики. – М., 1978.
[84] Азовкин И.А. Местные Советы в системе органов власти. – М., 1971.
[85] Касымов С.М. Городские Советы депутатов трудящихся Таджикистана на современном этапе. – Сталинабад, 1961; Раҷабов С.Р. Советҳои маҳаллӣ ва қонунияти сотсиалистӣ. –Душанбе, 1984 ва ғ.

роҳбарӣ ба бунёди давлатӣ, хоҷагӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ, тасдиқи нақшаҳои инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ ва буҷети маҳаллӣ, роҳбарӣ ба мақомот, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои давлатии зертобеъ шомил буданд. Ғайр аз ин, Шуроҳои маҳаллӣ дар таъмини риояи қонунҳо, ҳифзи тартиботи давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ҳуқуқҳои шаҳрвандон, таҳкими иқтидори мудофиавии мамлакат вазифадор буданд.

Қонунгузории шуравӣ дар такя ба таълимоти марксистӣ-ленинӣ назарияи таҷзияи ҳокимияти давлатиро инкор карда бошад ҳам, ба гардиши ҳуқуқӣ мафҳуми «мақомоти иҷроия ва амрдиҳанда»-ро ворид намуд, ки аз нигоҳи идорӣ ҷолиби диққат мебошад. Дар сатҳи маҳаллӣ он кумитаҳои иҷроияи Шуроҳоро дар назар дошт, ки на танҳо ба Шуроҳои дахлдор, балки мақомоти болоӣ низ итоат мекарданд. Кумитаҳои иҷроияи Шуроҳои маҳаллӣ аз идораю шуъбаҳо иборат буданд, ки номгӯйи онҳо мустақиман дар меъёрҳои конститутсионӣ пешбинӣ шуда буд. Ба низоми итоати дутарафаи шуъба ва идораҳои кумитаҳои иҷроия баҳо дода, олимони соҳаи ҳуқуқи маъмурии ватанӣ С.И. Иброҳимов ва Р.Н. Марифхонов таъкид менамоянд, ки он «имконияти воқеӣ доштани назардошти манфиатҳои марказу маҳалро дар бар гирифта, мувозинати соҳавӣ, ҳудудӣ ва функсионалии низоми идоракунии давлатиро инъикос менамуд»[86].

Низоми шуравии идораи маҳаллӣ, ки дар умқи худ ифодаи принсипи сентрализми демократӣ буд, ба назари мо, ба тарҳи идораи иберӣ шабоҳати зиёд зоҳир менамуд. Вале он се фарқияти ҷиддӣ дошт: якум, бо мақомоти давлатӣ тавъам будани сохторҳои ҳизби яккаҳукмрон – ҳизби коммунистӣ, дуюм, таъсири манфиатҳои идоравӣ ва сеюм, инкор кардани худидоракунии маҳаллӣ. Ин тавофутҳо барои самаранок амалӣ намудани салоҳияти Шуроҳои маҳаллӣ монеъ шуда, моҳиятан, онҳоро ба яке аз унсурҳои таркибии «низоми

[86] Иброҳимов С.И., Марифхонов Р.Н. Таъсис ва инкишофи таърихии мақомоти марказии идоракунии давлатӣ // Конститутсияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф... –Душанбе, 2014. – С.597; Лазарев Б.М. Отделы и управления исполкомов местных Советов // Исполнительный комитет местных Советов народных депутатов. – М., 1983. – С.143-145; Вишняков В.Г. Двойное подчинение органов управления народным хозяйсвтом. – М., 1967. – С.71.

маъмурӣ-фармонфармоӣ» табдил дода буд. Дар охири солҳои 80-уми асри гузашта бо эълони сиёсати ба ном «бозсозӣ» аз ҷониби роҳбарияти сиёсии Иттиҳоди Шуравӣ такмили сохтори ташкилии Шуроҳо кӯшиш шуд: раёсати Шуроҳои маҳаллӣ ва раиси Шуро таъсис ёфт, ки баъзе аз функсияҳои қаблии кумиҷроияҳоро амалӣ менамуданд: тайёрии иҷлосияҳои Шуро, ҳамоҳангсозии кори комиссияҳои доимии он, ташкили таҳсили вакилони маҳаллӣ ва ғ.[87]. Дар радифи ин иқдомҳо нақши ҳизби коммунистӣ коҳиш дода шуда, бори нахуст ба гардиши ҳуқуқӣ истилоҳи «худидоракунии маҳаллӣ» ворид гардид[88].

Дар заминаи ислоҳоти конститутсионӣ қонун аз 23 феврали соли 1991 «Дар бораи худидоракунии маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллӣ дар ҶШС Тоҷикистон» ба тасвиб расид, ки тибқи он низоми сезинагии худидоракунии маҳаллӣ муқаррар шуд: зинаи аввал – шаҳрак, деҳот, зинаи дуюм – шаҳр, ноҳия ва зинаи сеюм – вилоят[89]. Тибқи санади қонунгузории мазкур меҳвари худидоракунии маҳаллӣ – Шуроҳо эътироф ёфта, доираи салоҳияташон дар ҳар як зинаи худидоракунӣ дақиқ пешбинӣ гардид. Шиносоӣ бо қонунгузории давраи баррасишаванда собит менамояд, ки дар он дар партави демократикунони (демократизатсия)-и ҷомеа ва низоми сиёсӣ дар сатҳи маҳаллии идора як навъ дуализми идорӣ инъикос ёфт: шуроҳо мақомоти муайянкунандаи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи худ боқӣ монда, ҳамзамон, унсури асосии низоми худидоракунии маҳаллӣ дар зинаи дахлдор эътироф шуданд[90]. Вале дар шароити зудтағйирёбандаи ҳаёти сиёсии мамлакат матраҳи масъалаи таносуби салоҳият ва функсияҳои раёсати шуроҳои маҳаллӣ ва кумитаҳои иҷроияи онҳо ҳар чи мураккаб мешуд, дар аксарият Шуроҳо

[87] Черкасова Е.В. Местные Советы народных депутатов и начало реформирования местного самоуправления в советский период // Молодой ученый. – 2020.–№ 14. –С . 210.
[88] Мухторов К. Асосҳои конститутсионии ташкили худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Конститутсияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф.... – Душанбе, 2014. – С.518.
[89] ВШО ҶТ. 1991. – №8. – М.144.
[90] Таҳрири нави м.126 Конститутсияи (Қонуни Асосии) ҶШС Тоҷикистон (соли 1978) чунин баён дошт: "Низоми худидоракунии маҳаллӣ дар ҶШС Тоҷикистон Шуроҳои маҳаллии депутатҳои халқ, мақомоти ҳудудии худидоракунии ҷамъиятӣ, раъйпурсии маҳаллӣ, маҷлисҳои шаҳрвандон ва шаклҳои дигари демократияи бевоситаро дар бар мегирад". ( АШО ҶТ. – 1992. – №2. – М.8).

низоъҳои дуру дароз байни раёсат ва кумиҷроияҳо оғоз шуд, дар ҳолатҳои алоҳида «Шуроҳои пурқувват» кумитаҳои иҷроияро барҳам дода, иҷрои функсияҳои иҷроия ва амрдиҳандаро ба уҳдаи раёсати Шуро вогузор намуданд. Чунин натиҷаи амалӣ аз он гувоҳӣ медод, ки тарҳрезии Шуроҳо ва дастгоҳи иҷроияи онҳо ба тағйироти кул ниёз дорад.

Бо ҳамин маҷмуи муаммоҳо дар ташкили идораи маҳаллӣ Тоҷикистон ба саҳифаи нави рушди худ ворид гардид, ки бо касби истиқлоли давлатӣ алоқаманд мебошад[91]. Бинобар такмили низоми идораи давлатӣ, ки бо таъсиси мансаби президент дар ҷумҳурӣ рабт дошт[92], мақоми қонунгузор ба хотири пурзӯр намудани ҳокимияти иҷроия ва таъмини амалисозии чораҳои фаврӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти бозорӣ аз моҳи январи соли 1992 ба Президенти ҷумҳурӣ ҳуқуқ дод, ки раисони кумиҷроияҳои Шуроҳои депутатҳои халқи вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳриро дар мувофиқа бо Шуроҳои дахлдор таъину озод намояд[93]. Минбаъд, тибқи қонун аз 30 апрели соли 1992 Президент метавонист ин иқдомро бидуни розигии Шуроҳои мазкур анҷом диҳад[94]. Бо қонун «Дар бораи шакли идораи президентӣ» мақоми қонунгузор ба муҳлати муайян як қатор ваколатҳои конститутсионии худро ба Президент вогузор намуд[95].

Дигаргунсозиҳои ташкилӣ-ҳуқуқии номбурда дар шароити мураккаби сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат роҳандозӣ шуда, ба таъмини набзи ягона ва роҳбарии мутамаркази равандҳои ҷадиди ҷомеӣ нигаронида шуда буданд. Дар онҳо кӯшиши гузариш ба шакли идораи президентӣ ва пайваст намудани ниҳодҳои идораи маҳаллӣ ба он мушоҳида мешавад, ки мазмуни қонун «Дар бораи шакли идораи президентӣ» собит менамояд. Вале иқдомоти қонунгузори ватанӣ вазъиятро ба эътидол оварда натавонистанд, зеро идораи

[91] Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09 сентябри соли 1991 «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» // АШО ҶТ. – 1991. №18. – М.238.
[92] ВСО РСС Тоҷикистон. –1990. –№23. – М.371.
[93] АШО. ҶТ. – 1992. – №5. – М.59.
[94] Ҳамон ҷо. – №12. – М.196.
[95] Ҳамон ҷо. – М.197.

давлатӣ дар сатҳи марказӣ номуназзам шуда, талошҳои минбаъдаи пурзӯр намудани нақши ниҳоди президентӣ таъсири муайянкунанда надоштанд[96].

Вазъияти пуртазоди ҷамъиятию сиёсӣ ва масъалаҳои марбут ба шакли раёсати ҷумҳурӣ боиси муҳокимаи доманадор дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Хуҷанд, ноябри соли 1992) гардид. Нақши таърихии Иҷлосияи мазкур дар он мебошад, ки бо такя ба арзишҳои волои миллӣ тавонист ба аксари зуҳуроти номатлуб дар ҳаёти давлатӣ баҳои ҳуқуқӣ дода, фаъолияти ниҳодҳои зиёди давлатӣ ва ҷамъиятиро воқеъбинона матраҳ созад. Бо Қонун аз 27 ноябри соли 1992 шакли идораи президентӣ ва мувофиқан мансаби президент барҳам дода шуда, дубора Шурои Вазирон таъсис ёфт[97]. Шурои Вазирон чун мақоми олии иҷроия ва амрдиҳанда тавсиф дода мешуд, ки назди Шурои Олии мамлакат масъул ва ҳисоботдиҳанда мебошад. Мақоми мазкур ҳамаи масоили идораи давлатиро ба истисноӣ он масоиле, ки мувофиқи Конститутсия ба ваколати Шурои Олӣ ва Раёсати он дохил буданд, ҳаллу фасл менамуд.

Бинобар бозгашт ба шакли идораи қаблӣ, таҳрири тозаи меъёрҳои конститутсионӣ тартиби нави ташаккули ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти маҳаллии идораро пешбинӣ карданд. Аз ҷумла, м. 134-и Қонуни Асосӣ муқаррар мекард, ки раисони кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ аз ҷониби Шуроҳои маҳаллии дахлдор дар мувофиқа бо Раёсати Шурои Олӣ ва Шурои Вазирони ҷумҳурӣ интихоб ё озод карда мешаванд[98]. Ба амалияи таъину озод намудани мансабдорони мазкур дар ин марҳилаи рушди муносибатҳои идорӣ таваҷҷуҳ дода, олими ватанӣ Б.Ҳ. Раззоқов менависад, ки номзади мушаххасро ба ин мансабҳо Раиси Шурои Вазирон ба Раёсати Шурои Олӣ манзур менамуд ва баъди гирифтани розигии он барои интихоб

[96] Равандҳои идории ин марҳилаи ҳассоси рушди ҷумҳурӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ муфассал равшанӣ ёфтаанд. Тахиров Ф.Т. Значение действующей конституции в развитии современной национальной государственности таджикского народа // Известия АН Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. 2006. – №3. – С.41; Ҳамидов Х. Такомули Қонуни Асосии Тоҷикистони муосир. – Душанбе, 2005. – С.96-108.
[97] АШО ҶТ. 1992. – №21-22. – М.289-290.
[98] ВШО ҶТ. –1993. – №7-8. – М.84; – №13. –М.259-260.

ба мақоми дахлдори намояндагии ҳокимият пешниҳод мекард[99]. Дар маҳалҳое, ки дар натиҷаи задухӯрдҳои мусаллаҳона Шуроҳои маҳаллӣ фаъолият намекарданд, Раёсати Шурои Олӣ бо пешниҳоди Раиси Шурои Вазирон ба таври истисноӣ то баргузории иҷлосияи Шурои вакилони халқи дахлдор иҷрокунандаи вазифаи раиси кумитаи иҷроияро таъин менамуд[100].

Бо назардошти таҳрири меъёрҳои конститутсионӣ ва андӯхти таҷрибаи идорӣ аз 25 июни соли 1993 ба қонун «Дар бораи худидоракунии маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллӣ» тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд[101], ки зикри бархе аз онро зарур медонем. Аввалан, мақоми қонунгузор бо назардошти вазъи ҳуқуқии воҳиди маъмурию ҳудудӣ нисбат ба зинаҳои идораи маҳаллӣ нигоҳи тафриқавӣ зоҳир намуд. Аз ҷумла, бинобар вазъи мухтор доштани Кӯҳистони Бадахшон раиси кумитаи иҷроияи Шурои вакилони халқи ВМКБ аз ҷониби Шурои дахлдор бо пешниҳоди Раиси Шурои Вазирон интихоб мегардид, вале номзад аз ҷониби раиси Шурои вакилони халқи ВМКБ манзур шуда[102], қаблан бо Раёсати Шурои Олии ҷумҳурӣ мувофиқа мегашт. Илова бар он, иқдоми дигари ҷолиби диққати қонунгузор он мебошад, ки раисони кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳои шомили ВМКБ аз ҷониби Шурои дахлдор бо пешниҳоди раиси кумитаи иҷроияи ҳамин вилоят, ки бо раёсати Шурои вакилони халқи ВМКБ мувофиқа шудааст, интихоб ё озод мешуданд. Сонияն, навовариҳои қонунгузорӣ шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоятиро низ фаро гирифтанд: раисони кумитаҳои иҷроияи онҳо аз ҷониби Шурои дахлдор бо пешниҳоди Раиси Шурои Вазирон таъину озод мешуданд, ки ба таклифи раисони кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ (шаҳрӣ) асос ёфта, бо Раёсати Шурои Олӣ мувофиқа шудааст. Раисони кумитаҳои иҷроияи Шуроҳои шаҳраку деҳот аз ҷониби Шурои дахлдор бо пешниҳоди раисони кумитаҳои иҷроияи сатҳи болоӣ интихоб ва озод мешуданд.

---

[99] Озод намудани мансабдорони мазкур низ бо ҳамин тартиб анҷом меёфт. Раззоков Б.Х. Государственная администрация Таджикистана на рубеже веков: правовые аспекты развития. –Душанбе, 2011. – С.80.
[100] ВШО ҶТ. 1993. – №9-10. – М.134.
[101] Ҳамон ҷо. – №17-18. – М.373.
[102] Ҳамон ҷо.

Тавре аён мегардад, дар қонунгузорӣ бо назардошти таҷрибаи қаблӣ нисбат ба бунёди риштаи амудии идора ду тарзи ташаккули сатҳи роҳбарикунанда дар идораи маҳаллӣ зуҳур ёфт: тарзи якум бо додани мустақилияти ташкилӣ ба худи мақомоти маҳаллӣ алоқаманд буд: ин қоида ба сатҳи шаҳраку деҳот ва шаҳру ноҳияҳои ВМКБ дахл дошт; тарзи дуюм бо расмиёти мураккаби мувофиқасозии номзади хосташуда бо мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ рабт дошт, ки дар навбати худ ба ду намуд тақсим мешуд: а) пешниҳод оид ба номзадии раиси кумитаи иҷроия аз мансабдори маҳаллӣ, яъне роҳбари мақоми намояндагӣ (нисбати ВМКБ) ё мақоми иҷроия (нисбат ба шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят, инчунин ноҳияҳои пойтахти ҷумҳурӣ) бармеомад; б) раиси Ҳукумати ҷумҳурӣ дар мувофиқа бо Раёсати Шурои Олӣ мустақиман пешниҳодро нисбат ба номзадии раиси кумитаи иҷроия ворид менамуд (нисбат ба вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ).

Мусаллам аст, ки дар дилхоҳ аз тарзҳои тавсифёфта расман сухани ниҳоӣ ба Шурои маҳаллӣ тааллуқ дошт. Вале ҳатто дар мазмуни расмиёти муқарраршуда як навъ майлони тақвияти мустақилияти ташкилии роҳбарони мақомоти иҷроия–амрдиҳанда аз Шуроҳои маҳаллӣ аён мегардад. Мақоми намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки раиси кумитаи иҷроияро интихоб мекард, минбаъд, дар озод намудани ӯ аз мансаб озодии пурра надошт. Тибқи қонунгузорӣ Шурои маҳаллӣ аз ин ҳуқуқи худ тавассути масъалагузорӣ дар назди мақомот ё шахси мансабдоре, ки бо таклиф, пешниҳод ё розигии онҳо интихоб шудааст, бархурдор шуда метавонистанд[103].

Рушди қонунгузорӣ нисбат ба идораи маҳаллӣ гувоҳи он мебошад, ки мақоми қонунгузор ба масъалаи дарёфт ва пешниҳоди номзади арзанда ба мансаби раиси кумитаи иҷроияи Шурои маҳаллии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ диққати ҷиддӣ медод. Кумитаҳои иҷроия, ки мақомоти иҷроия-амрдиҳандаи Шуроҳои маҳаллӣ маҳсуб мешуданд, чун такягоҳи идораи давлатӣ баромад менамуданд, зеро фаъолияти ташкилкунандагии давлатро дар маҳал амалан

[103] ВШО ҶТ. 1993. – №17-18. – М.373.

ифода мекарданд. Аз сатҳи соҳибкасбӣ ва салоҳиятнокии роҳбарони мақомоти иҷроия-амрдиҳанда дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, масъулият ва эътимоднокии онҳо иҷрои саривақтӣ ва муваффақонаи санадҳои мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва марказии идораи давлатӣ вобастагӣ дошт.

Таҷрибаи фаъолияти мақомоти маҳаллии идора ва тамоси онҳо бо мақомоти марказӣ зимни таҳияи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тариқи раъйпурсии умумихалқӣ (6 ноябри соли 1994) қабул гардид, ба назар гирифта шуд[104]. Ҳамчун санади эътибори олии ҳуқуқӣ Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон дастгоҳи шуравии ташкили ҳокимияти давлатиро барҳам дода, дар такя ба суннатҳои ниёгон, арзишҳои пешқадами сиёсию ҳуқуқии тамаддун ва таҷрибаи таърихӣ ба эъмори давлатдории навини миллӣ асос гузошт[105]. Ормонҳое, ки дар дебочаи ин санади тақдирсоз дарҷ шудаанд, инчунин, тавсифҳои моҳиятии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, ягона, дорои шакли идораи президентӣ ва иҷтимоӣ, ки аз м.1-уми он бармеоянд, барои миллати тоҷик бесобиқа буда, ба сифати қутбнамои дигаргунсозиҳои сиёсиву ҳуқуқӣ хизмат менамоянд[106]. Фаъолияти ҳамаи мақомоти умумӣ мувофиқи фалсафаи нави давлатдории миллӣ ба пурраҳокимиятии халқ такя дорад, ки нисбати таҳкими рукнҳои он дар афкори ҳуқуқии ватанӣ андешаҳои ҷолиб баён шудаанд[107].

Асосҳои вазъи ҳуқуқии унсурҳои ҳокимияти маҳаллӣ дар боби VI Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда шуданд[108]. Дар боби мазкур меъёрҳои конститутсионӣ ду намуд мақомоти маҳаллӣ – мақомоти намояндагӣ ва мақомоти иҷроияро ёдрас намуда, моҳиятан, тарҳи ташкили

[104] Достиев А. С. Конституция Республики Таджикистан 1994 г.: история разработки, принятия и основные положения. –Душанбе, 2001. – С.144.
[105] Эмомалӣ Раҳмон. Сарқонун роҳи рушди давлати моро мунаввар мекунад // Ҷумҳурият. 2009, 10 ноябр.
[106] Ба фаъолият шуруъ намудани Маҷлиси Олӣ ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузор, Президент ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия, Суди конститутсионӣ ҳамчун ниҳоди ҳифзи меъёрҳои конститутсионӣ, низоми нави мақомоти маҳаллӣ саҳифаи тозаи рушди Тоҷикистонро боз намуданд. Имомов А.И. Нақши Конститутсия дар бунёди давлатдории миллии тоҷикон. – Душанбе, 2011. – С.203; Хакимов Ш.К. Историко-культурные основы и специфика формирования конституционализма в Таджикистане. – Душанбе, 2015. – С.342; Зойиров Р., Хакимов Ш. Эволюция Конституции как Основного Закона (историко-теоретическое и сравнительно-правовое исследование). – Душанбе, 2004. – С.254.
[107] Холиқов А. Ғ. Андешаи давлати миллӣ.–Душанбе, 2013. – С.166.
[108] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. – С.26.

ҳокимияти маҳаллиро дар кишвар муқаррар сохтанд. Мақомоти намояндагии маҳаллӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳия мувофиқи Конститутсияи мамлакат Маҷлиси вакилони халқ эътироф шудааст. Дар қисми якуми м.78-и Конститутсия дар матни қаблӣ таъкид мешуд, ки ҳокимияти иҷроияро дар маҳал намояндаи Президент – раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия амалӣ мегардонад. Раиси вилоят, шаҳр, ноҳияро Президенти Тоҷикистон таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамояд. Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, ки ҳамзамон, намояндаи Президент дар маҳал эътироф мешуд, сарвари мақомоти намояндагӣ ва иҷроия дар воҳиди дахлдори маъмурию ҳудудии ҷумҳурӣ (мувофиқан, – вилоят, шаҳр, ноҳия) мебошад. Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия дар назди мақомоти иҷроияи болоӣ ва Маҷлиси вакилони халқи дахлдор масъул аст[109].

Тарҳи идораи маҳаллӣ, ки аз мазмуни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ба ҳеҷ як аз тарҳҳо (моделҳо)-и дар таҷрибаи ҷаҳонӣ маъмул шабоҳати пурра надошта, дар худ аломатҳои алоҳидаи тарҳи қитъавӣ ва ибериро тавъам намудааст. Аз ин хотир, тарҳи идораи маҳаллӣ дар ҷумҳурӣ хислати омехта дорад. Дар сатҳи се намуди воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ – вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ҳокимияти давлатӣ амал намуда, сатҳи шаҳраку деҳот фазои фаъолияти мақомоти худидоракунӣ эътироф мешавад, ки дар симои ҷамоатҳо ифода меёбад. Зимнан, дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст ишора мешавад, ки принсипи таҷзияи ҳокимият дар давлати унитарӣ, ки Тоҷикистон шомили он аст, нисбат ба воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ татбиқ намешавад[110]. Мақомоти маҳаллӣ ҳар кадом дар доираи салоҳияти худ фаъолият бурда, ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар мусоидат менамоянд[111].

Тарҳи бо Қонуни асосӣ муқарраршудаи идораи маҳаллӣ, сараввал, дар мазмуни қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми декабри

---

[109] Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 1994. – С.25.
[110] Зоиров Дж.М. Конституционный принцип единства и разделения власти в механизме обеспечения институтов государственности // Известия АН РТ. Отделение общественных наук. –2008. – №1. – С.65; Алиев З.М. Асосҳои конститутсионии ташкили ҳокимияти ичроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлат ва ҳуқуқ. – 2003. – №1. – С.12.
[111] Раззоқов Б.Ҳ. Ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дастури илмӣ-методӣ. –Душанбе, 2006. – С.15.

соли 1994 «Дар бораи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал» ривоҷ ёфт. Зимнан, ин аввалин қонуни конститутсионие маҳсуб мешавад, ки бевосита дар заминаи меъёрҳои конститутсионӣ қабул шуда, тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро танзим менамуд[112]. Бояд тазаккур дод, ки ба таҳлили мазмуни санади қонунгузории мазкур, ки беш аз даҳ сол дар ҳаёти ҳуқуқии мамлакат мавриди амал қарор дошт, дар адабиёти ҳуқуқии маъмурии ватанӣ чандон аҳаммият дода нашудааст. Ба ин нигоҳ накарда, Б.Ҳ. Раззоқов ҳанӯз соли 1997 ба боби панҷуми ҳамин қонуни конститутсионӣ, ки ба вазъи ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳал бахшида шуда буд, дахл намуда, ишора кардааст, ки «дар ин боб қонунгузор бори аввал дар назария ва амалияи ҳуқуқӣ мафҳуми «ҳукумати маҳаллӣ»-ро истифода мебарад, ки таҷассуми шакли нави ташкилии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия мебошад»[113]. Ба тавофути сохтори ҷадиди идораи маҳаллӣ аз замони шуравӣ дахл карда, А.И. Имомов таъкид кардааст, ки акнун кумитаҳои иҷроия интихоб карда намешаванд, ҳокимияти иҷроия аз мақомоти дастаҷамъӣ ба мақомоти яккасардор табдил дода шуданд[114]. Дар Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал» ишора ҷой дошт, ки ҳукумати маҳаллӣ аз мудириятҳо, шуъбаҳо ва дигар воҳидҳо иборат буда, сохтор, тартиби ташкил ва фаъолияти онҳо бо низомномаҳои дахлдори аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқшаванда муайян карда мешавад. Ҳамчунин, дар он ду муқаррароти аз нигоҳи идорӣ муҳим ҷой дошт, ки таъкиди онҳоро муфид медонем: а) сохтор ва шумораи кормандони мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳаллҳо аз тарафи раис бо маслиҳати Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ҳадди маблағи дар буҷете, ки Маҷлиси дахлдор тасдиқ намудааст, муқаррар ва тағйир дода мешуд; б) роҳбарони воҳидҳои сохтори ҳокимияти иҷроия аз ҷониби раиси вилоят, шаҳр, ноҳия бо маслиҳати мақомоти болоии идораи

---

[112] АМО ҶТ. 1995. №21. М.218.
[113] Раззоқов Б.Ҳ. Масоили ҳуқуқии идораи минтақа. –Душанбе, 1997. – С. 72.
[114] Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 1997. – С. 377.

давлатӣ ба мансаб таъин ва озод карда шуда, қарор дар ин бора ба тасдиқи Маҷлиси дахлдор пешниҳод мегашт.

Вобаста ба мавриди амал қарор гирифтани Қонуни конститутсионии мазкур баёни чанд мулоҳизаро зарур медонем. Аввалан, худи номгузории он ба тасвиби нави қонунгузор дар ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимият ишора менамуд. Бо эҳтимоли зиёд қонунгузор зимни истифодаи ибораи «дар маҳал» ба меъёрҳои конститутсионӣ такя намуда буд, ки гувоҳи он таҳрири қаблии моддаи 78 Конститутсияи ҷумҳурӣ шуда метавонад[115]. Дуюм, ҷолиби диққат мебошад, ки қонунгузории миллӣ вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳияро дар баробари вазъи ҳуқуқии Маҷлиси маҳаллӣ дар боби алоҳида – боби шашум мустаҳкам намуда буд. Ба андешаи мо, ба таври тафриқавӣ муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии мақомоти иҷроия дар маҳалро (боби 5) ҳамчун қадами масъулу устувор дар роҳи мураттабгардонии сохтори ташкилии идораи давлатии маҳаллӣ эътироф намудан мумкин аст, зеро мақомоти баррасишаванда аз танзими анъанавии сатҳи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ берун монданд ва иқдоми қонунгузор ин норасоии ҳуқуқиро то андозае бартараф кард. Ва сеюм, дар баробари қабули Қонуни конститутсионии мазкур қонунгузории мамлакат амали Қонун «Дар бораи худидоракунии маҳаллӣ ва хоҷагии маҳалли»-ро салоҳ донист[116]. Дар сурате ки тибқи Конститутсияи даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон тасвиби нави ташкили ҳокимияти давлатӣ дар маҳал муқаррар шуд, ин амали қонунгузор ҳайратовар мебошад, зеро амали низоми сезинагии худидоракунии маҳаллиро роиҷ донист. Пас, аён мегардад, ки дар марҳалаи аввали Истиқлоли давлатӣ мақоми қонунгузор пойбанди фаҳмишҳои анъанавии хоси замони шуравӣ монда, нисбат ба ташаккули ниҳоди худидоракунии маҳаллӣ ҳанӯз нигоҳи тафриқавӣ надошт.

Рушди минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани Қонуни конститутсионии

---

[115] Қисми 1 моддаи мазкур чунин баён дошт: "Ҳокимияти иҷроияро дар маҳал намояндаи Президент – раиси вилоят, шаҳр, ноҳия амалӣ менамояд." (Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1994. – С.12.)
[116] АМО ҶТ. 1995. №21. М.219.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» рабт дорад[117]. Қонуни конститутсионии мазкур ба амали ду санади қонунгузорӣ – қонуни конститутсионӣ «Дар бораи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал» ва қонун «Дар бораи худидоракунии маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллӣ» хотима бахшида, ба ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тасҳеҳи зиёд ворид намуд. Бесабаб нест, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ қабули он ҳамчун марҳилаи нав дар фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баҳогузорӣ шудааст[118]. Дар адабиёти маъмурӣ-ҳуқуқии ватанӣ низ ишора мешавад, ки дар фарқият аз санади қаблии қонунгузорӣ он меъёрҳои конститутсиониро саҳеҳтар намуда, унсурҳои таркибии тарҳи ҳокимияти маҳаллиро дақиқ кард[119].

Бо андешаҳои баёншуда нисбат ба санади қонунгузории дар боло номбаршуда мо низ ҳамфикр буда, ба чанд навоварии вориднамудаи он ба ҳаёти ҳуқуқӣ ва идорӣ ишора менамоем. Аввалан, таҳрири нави номгузории Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» (минбаъд – Қонуни конститутсионӣ) аз тағйирот дар мавқеи қонунгузор нисбат ба тарҳи ташкили ҳокимияти давлатӣ бо назардошти сохти давлатии ҷумҳурӣ гувоҳӣ медиҳад. Сониян, дар Қонуни конститутсионӣ се гурӯҳи ваколатҳо – вогузоршаванда, муштарак ва истисноӣ мустаҳкам шуда, тавсиф ёфтанд, ки барои рушди муносибатҳои идорӣ дар сатҳи маҳаллӣ аҳаммияти муҳимми амалӣ дорад. Баъдан, Қонуни конститутсионӣ дар сатҳи маҳаллӣ консепсияи ҳокимияти давлатии ягонаро мустаҳкам кард, ки дар ду намуд зуҳур меёбад: мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ. Ниҳоят, қонунгузории кишвар аз афзалияти мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ дар низоми ҳокимияти давлатии маҳаллӣ бармеояд.

---

117 Ҳамон ҷо. 2004. №5. М.339.

118 Раҷабов С.Р. Марҳалаи нави фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ // Давлат ва ҳуқуқ. 2004. – №4. – С.24.

119 Раззоқов Б.Ҳ. Ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дастури илмӣ-методӣ. – Душанбе, 2006. – С.89.

Дар баробари ин, Қонуни конститутсионӣ чанд навовариҳои ташкилиро низ ворид намуд. Якум, раиси вилоят, шаҳр, ноҳия (минбаъд – раис) чун мақоме тавсиф дода шуд, ки ҳокимияти иҷроияро дар доираи воҳиди маъмурию ҳудудии дахлдор амалӣ намуда, ба мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ сарварӣ менамояд. Дуюм, Қонуни конститутсионӣ аз ибораи «ҳукумати маҳаллӣ» даст кашида, барои ифодаи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии идораи маҳаллӣ мафҳуми дигар – «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»-ро ворид намуд. Сеюм, ба таври алоҳида вазъи ҳуқуқии дастгоҳи раис мустаҳкам шуд, ки чун сохтори ёрирасон ва таъминкунандаи фаъолияти раис тавсиф ёфта, ба уҳдаи он таъминоти иттилоотию таҳлилӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ва моддию техникии фаъолияти раис вогузор шудааст. Чорум, Қонуни конститутсионӣ шакли фаъолияти ҳокимияти иҷроияи маҳаллиро пешбинӣ намуд, ки «машварат» муайян шудааст. Зимнан, машварат ҳамчун мақоми машваратии назди раис тавсиф меёбад, ки барои баррасии масъалаҳои дахлдор даъват карда мешавад. Ин иқдоми қонунгузор боиси таҳсин мебошад, зеро ҳамчун қадами навбатӣ ҷиҳати бартараф намудани норасоӣ дар таъмини шакли ташкилии фаъолияти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия баррасӣ мешавад. Ва панҷум, бори аввал дар таҷрибаи қонунэҷодкунии ҷумҳурӣ дар қ.3 м.3 Қонуни конститутсионӣ нигоҳи низомнок нисбат ба тарҳи ҳокимияти иҷроия дар сатҳи маҳаллӣ мустаҳкам шуда, унсурҳои он чунин баён ёфтанд: раиси вилоят, шаҳр, ноҳия; идораҳо, кумитаҳо, шуъбаҳо ва дигар сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия. Минбаъд, мақоми қонунгузори кишвар бо назардошти тавсияҳои илмӣ ба мавқеи худ тасҳеҳ ворид намуда[120], тавассути тағйиру иловаҳо аз 3 декабри соли 2009 ба Қонуни конститутсионӣ таҳрири нави моддаи номбурдаро чунин мустаҳкам кард:

[120] Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ба норасоии ҷойдошта дар таъмини ҳуқуқии фаъолияти гурӯҳи сохторҳои иҷроия дар сатҳи маҳаллӣ ишора шудааст. Раззоқов Б. Ҳ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарвари ҳокимияти иҷроия. –Душанбе, 2010. – С.180-181.

раиси вилоят, шаҳр, ноҳия; сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия; сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия[121].

Ислоҳоти сеюми конститутсиониро, ки 22 майи соли 2016 иқдом шуд, ҳамчун марҳилаи навбатӣ дар таъмини асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимият баррасӣ намудан мумкин аст. Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба мавзуи мавриди назар ду ҷанбаи таваҷҷуҳовар доранд: таҳрири номи боби шашум ва қ.1 м.78 [122]. Тағйири аввал тавассути мушахассот дар номгузорӣ унсурҳои ташкили ҳокимияти маҳаллии умумиро мустақиман муқаррар кард: мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунӣ. Ва зимни тағйири дуюм ибораи «намояндаи Президент» аз вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия лағв шуда, ҷой ва нақши ӯ дар тарҳи идораи маҳаллӣ дақиқ гардид[123]. Баъди ислоҳоти мазкур тағйиру иловаҳои дахлдор ба қонунгузории ҷорӣ низ ворид карда шуданд[124].

Мусаллам аст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти эҳтиёҷи ҷомеа ва зарурати ташаккулу фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ минбаъд низ такмил хоҳад ёфт. Дар Конспепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст, такмили идораи давлатӣ бо таваҷҷуҳ ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун унсури тақвияти низоми конститутсионии кишвар баррасӣ

---

[121] АМО ҶТ. 2009. –№12. –М.814.

[122] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. – С.26.

[123] Бояд тазаккур дод, ки нисбат ба меъёри дар қ.1 м.78 нигоҳи интиқодӣ ҳанӯз соли 2010 дар адабиёти ҳуқуқӣ баён шуда буд. Аз ҷумла, Б.Ҳ. Раззоқов чунин таъкид дошт: "Дар қ.1 м.78 Сарқонун омада, ки «Ҳокимияти иҷроияро дар маҳал намояндаи Президент – раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия амалӣ мегардонад». Ин маврид дуруст мебуд, гӯем, ки раис ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия роҳбарӣ менамояд. Аз ин рӯ, меъёри дар боло зикргардида камбудии методологӣ дорад. Ҳокимияти иҷроия дар доираи як маҳал ба як шахс мутааллиқ дониста намешавад, зеро акси ҳол мансаби раис чун «ҳокими мутлақи маҳал» зуҳур меёбад, ки воқеан чунин нест". (Раззоқов Б.Ҳ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарвари ҳокимияти иҷроия. –Душанбе, 2010. – С.192-193). Хуб аст, ки қонунгузори миллӣ зимни таҳрири меъёрҳои конститутсионӣ ба мавқеи илмию коршиносӣ пайваста аҳаммият медиҳад.

[124] АМО ҶТ. 2017. – № 5. Қ. 1. –М . 268.

мегардад [125]. Ҷустуҷӯ ва дарёфти василаҳои ҳуқуқии таъминкунандаи мураттабсозии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ марбут ба ташкили ҳокимияти маҳаллӣ ва таъмини самарабахшии фаъолияти ҳомилони он идома хоҳад ёфт. Дар ин радиф ифодаи мушаххаси намуди фаъолияти субъектоне, ки дар сатҳи маҳаллӣ дорои ваколатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ мебошанд, аҳаммияти муҳимми илмию амалӣ касб мекунад.

Дар адабиёти илмӣ идораи маҳаллӣ ҳамчун унсури таркибии зуҳуроти маҷмуӣ – идораи оммавӣ арзёбӣ гашта, дар навбати худ ба низоми давлатӣ ва мунитсипалӣ тафриқа меёбад[126]. Масъалаи таносуби зуҳуроти мазкур барои аксар давлатҳои муосир, ки дар ҷустуҷӯйи тарҳи миллии идораи маҳаллӣ ҳастанд, мубрам мебошад. Дар ҳамаи мамлакатҳо идораи маҳаллӣ ҳамчун сатҳи алоҳидаи идораи давлатӣ ва рушди худидоракунӣ дар сатҳи маҳаллӣ баррасӣ мегардад. Механизми дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ташаккулёфтаи амалишавии идораи маҳаллӣ аз мавҷудияти шаклҳои гуногун гувоҳӣ медиҳад. Зимнан, дар ин маврид, ба ҳайси чи объекти идора аз ҷониби ҷамоаи маҳаллӣ ва чи идораи давлатӣ, маҳз, ҳудуд баррасӣ мегардад[127]. Аз ин рӯ, дар раванди таъсиси механизми самарабахши идораи ҳудудҳо масъалаи тафриқаи вазъи ҳуқуқии ҳамаи субъектони идора ва ваколатҳои онҳо дар низоми ягонаи идора ва менеҷмент аҳаммияти муҳим касб мекунад.

Идораи давлатии маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун василаи муносибкунонии идораи давлатӣ зарур мебошанд. Дар дилхоҳ ҳолат давлати муосири демократӣ бидуни кафолат ё ҳадди ақал эътирофи падидаҳои баррасишаванда идораи матлуби равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин карда наметавонад. Дар аксар кишварҳое, ки аз лонаи низоми шуравӣ баромада, сохти давлатии шабеҳи Тоҷикистон доранд, муносибатҳои

---

[125] Портали ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: реҷаи дастрасӣ: portalihuquqi.tj: (санаи муроҷиат: 10.12.2022).

[126] Чиркин В.Е. Публичное управление: Учебник. –М., 2004. – С.65; Атаманчук Г.В. Теория государственного управления: курс лекции, – М., 2006. – С.51; Глазунова Н.И. Система государственного и муницпапального управления. –М., 2006. – С.10; Пигулькин А.Б. Система государственного управления: Учебник для вузов. –М., 2000. – С.39 ва ғ.

[127] Ювица Н.В. Местное управление в Республике Казахстан: попытка создания национальной модели // Управление. 2019. –№1. – С.27.

ҷамъиятӣ марбут ба ҳокимияти маҳаллӣ тавъам танзим шудаанд. Масалан, дар ҶБ Қонун «Дар бораи идораи маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ» мавриди амал қарор дорад, ки асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии идора ва худидораи маҳаллиро муайян менамояд. Тибқи м.2 Қонуни мазкур идораи маҳаллӣ ҳамчун шакли ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроия ва амрдиҳанда барои ҳалли масъалаҳои аҳаммияти маҳаллӣ аз лиҳози манфиатҳои умумидавлатӣ ва манфиатҳои шаҳрвандон фаҳмида мешавад, ки аз се сатҳи ҳудудӣ – вилоятӣ, асосӣ ва ибтидоӣ иборат буда, кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, шаҳрак ва деҳот ва маъмурияти ноҳияҳои шаҳриро фаро мегирад[128]. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон Қонун «Дар бораи идораи давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ» эътибори ҳуқуқӣ дорад, ки дар он мафҳуми идораи давлатии маҳаллӣ чунин мустаҳкам шудааст: «фаъолияте, ки мақомоти маҳаллии намояндагӣ ва иҷроия ба мақсади амалисозии сиёсати давлатӣ дар ҳудуди дахлдор, рушди он дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Казоқистон пеш мебаранд, инчунин, барои вазъи кор дар ҳудуди дахлдор масъул мебошанд»[129].

Тавре аён мегардад, дар қонунгузории Беларус идораи давлатии маҳаллӣ унсури таркибии идораи маҳаллӣ баррасӣ шуда, бо сохторҳои иҷроияи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ тавъам баррасӣ мегардад. Боиси таваҷҷуҳ мебошад, ки дар ин маврид, қонунгузори Беларус субъектҳои идораи маҳаллиро дар симои мақомоти иҷроия – амрдиҳанда комилан дуруст номбар мекунад, ки ба нигоҳи дар илми ҳуқуқи маъмурӣ маъмул пурра мувофиқат мекунад[130]. Дар қонунгузории Қазоқистон ҷанбаи таваҷҷуҳовар нигоҳи тафриқавӣ ба ниҳоди идораи давлатии маҳаллӣ мебошад. Вале ба ҳайси субъектони идора дар ин сатҳ эътироф намудани мақомоти намояндагӣ баҳснок аст. Фаъолияти мақомоти намояндагӣ хислати иҷроия-амрдиҳандагӣ

---

[128] Национальный правовой Интернет-портал Республики Беларусь: реҷаи дастрасӣ: https://pravo.by (Санаи муроҷиат: 07.02.2023).

[129] Информационно-правовая система нормативных правовых актов Республики Казахстан «Адилет»: реҷаи дастрасӣ: https://adilet.zan.kz/rus (Санаи муроҷиат: 12.02.2023).

[130] Козлов Ю.М. Административное право. – М., 2005. – С.52.

надорад ва аз ин боис ин доираи мақомотро шомили субъектони роҳбарӣ дар сатҳи маҳаллӣ эътироф намудан ҷоиз аст[131].

Бо назардошти махсусияти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон идораи маҳаллӣ ташкил ва фаъолияти сохторҳои иҷроияро дар доираи воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ – вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо дар назар дошта, ду унсури ба ҳам зич алоқамандро дар бар мегирад: сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва сохтори иҷроияи ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот[132]. Падидаи аввал ифодаи идораи давлатии маҳаллӣ буда, дуюм бо худидоракунии маҳаллӣ рабт дорад. Вале дар қонунгузории мамлакат мафҳуми «худидоракунӣ» мустаҳкам шуда, тавсифи «идораи маҳаллӣ» то ҳанӯз дода нашудааст, ки норасоӣ дар танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳалӣ мебошад. Дар фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2015, ки бо он «Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» тасдиқ шудааст, ибораҳои «идоракунии маҳаллӣ» ва «идоракунии маҳаллии давлатӣ» фаровон истифода мешаванд[133].

Бинобар ин, баҳри мушаххас намудани намуди фаъолияти субъектони дахлдор ворид намудани иловаро ба м.1 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» бо мазмуни зайл мақсаднок арзёбӣ менамоем[134]:

---

[131] Дар назарияи идораи давлатӣ мафҳумҳои “роҳбарӣ ва “идора” тафриқавӣ баррасӣ шуда, мазмуни зуҳуроти аввал ба мақсаду вазифагузорӣ ва дуюм – ба иҷрои онҳо нигаронида шудааст. Масъалаи мазкур дар асарҳои яке аз олимони шинохтаи ҳуқуқи маъмурии шуравӣ ва россиягӣ В.Ф. Волович васеъ таҳлил шудааст. Волович В.Ф. Государственное руководство и управление сельским хозяйством СССР: административно – правовое исследование. – Томск, 1979. – С.51-54.

[132] Раззоқов Б.Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия. –Душанбе, 2007. – С.34.

[133] Портали ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: реҷаи дастрасӣ: portalihuquqi.tj (Санаи муроҷиат:12.11.2022).

[134] Мо ҷонибдори мавқеи он олимони ватанӣ ҳастем, ки баҳри дар қонунгузории ҷорӣ ҳар чи бештар ривоҷ додани истилоҳу мафҳумҳои дар Конститутсияи мамлакат муқарраршуда даъват доранд (Раҳимов М.З. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:ташаккул ва проблемаҳо // Маводҳои Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва проблемаҳо”. –Душанбе, ММҚнПҶТ, 2016. – С.27; Раззоқов Б.Ҳ. Баъзе масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқии тасдиқи истилоҳоти конститутсионӣ дар қонунгузории маъмурӣ // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ “Забон ва сифати қонун”. –Душанбе, 2010. – С.140; Ойев Х.О. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1. –Душанбе, 2013. – С.185 ва ғ.) Аз ҷумла, ибораи “идораи давлатӣ”, ки дар м.27 Қонуни Асосӣ мустаҳкам шудааст, мувофиқан истифодаи ибораи “идораи маҳаллӣ”-ро тақозо менамояд.

– идораи маҳаллӣ – фаъолияти мақомоти маҳаллии иҷроия- амрдиҳанда дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ баҳри ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти маҳаллӣ бо назардошти манфиатҳои умумидавлатӣ ва манфиатҳои аҳолии маҳал;

– идораи давлатии маҳаллӣ – фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия дар сатҳи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба мақсади амалисозии сиёсати давлатӣ дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамин тавр, таҳлили ретроспективи (гузаштанигарии) - и рушди асосҳои ҳуқуқии ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия собит менамояд, ки дар Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои тарҳи идораи маҳаллӣ он ду давраро дар бар мегирад: давраи шуравӣ ва давраи баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Давраҳои мазкур ба консепсияҳои хоси ташкили ҳокимияти маҳаллӣ такя намуда, ҳар кадом дар навбати худ марҳилаҳои муайяни такмилу камолотро дар бар мегиранд. Тавре таҳлилҳо собит менамоянд, низоми шуравии ташкили ҳокимиятдорӣ, ҳатто, баъди ба даст овардани истиқлол ҳам то давраи муайян (солҳои 1991-1994) дар асли худ пойбарҷо буд ва танҳо тасвиби Конститутсияи даврони собҳибистиқлолӣ ба шикасти он заминаи ҳуқуқӣ бахшид. Бо дарназардошти талаботи санадҳои сиёсӣ, ки самтҳои минбаъдаи рушди қонунгузорӣ ва идоракунии рушди маҳалро муайян мекунанд, такмили низоми конститутсионии кишвар ва ислоҳоти маъмурӣ дар назар дошта мешавад, ки ба устувории ташкил ва самаранокии фаъолияти низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия нигаронида шудааст.

Аз ин хотир, овардаҳои болоиро ба назар гирифта, бо мақсади мушаххас намудани намуди фаъолияти субъектони дахлдор дар сатҳи маҳал ворид намудани иловаро ба м.1 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» бо мазмуни зайл мақсаднок арзёбӣ намудан зарур аст:

– идораи маҳаллӣ – фаъолияти мақомоти маҳаллии иҷроия- амрдиҳанда дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ бахри ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти маҳаллӣ бо назардошти манфиатҳои умумидавлатӣ ва манфиатҳои аҳолии маҳал;

– идораи давлатии маҳаллӣ – фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия дар сатҳи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба мақсади амалисозии сиёсати давлатӣ дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

# БОБИ 2. НИЗОМИ МАҚОМОТИ САТҲИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Мафҳум ва таснифи мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар механизми амалишавии ҳокимияти иҷроия ҳаҷми бештари дастгоҳи давлатӣ сафарбар шудааст. Тавассути ин сохторҳо давлат вазифа ва функсияҳои худро амалӣ менамояд, нақши худро мебозад, рисолати худро иҷро мекунад ва бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкориро ба роҳ мемонад. Аз иҷрои сифатноки функсияҳои давлат на танҳо устуворӣ ва дарозумрии он, балки қобилияти мутобиқ гардонидани худ ба шароитҳои тағйирёбандаи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, вокуниши матлуб ба таҳдиду ситезаҳои дохилию хориҷӣ таҳти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ вобаста мебошанд[135]. Маҳз, бо ҳамин сабаб, тавсифи дуруст ва объективии аломату хусусиятҳои ҳомилони ҳокимияти иҷроия, тафриқаи илман асосноки онҳо аз дигар унсурҳои дастгоҳи давлатӣ аҳаммияти калони илмию амалӣ касб мекунад[136]. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки нисбат ба мавзуи мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ аз ҷониби олимону мутахассисон андешаҳои зиёди арзандаи диққат баён шудаанд.

Сараввал таваққуфро ба мавқеи яке аз олимони шинохтаи ҳуқуқи маъмурии ватанӣ – Б.Ҳ. Раззоқов зарур медонем, ки аз ҷониби муҳаққиқони миллию хориҷӣ бунёдгузори таълимоти илмӣ дар бораи ҳокимияти иҷроияи Тоҷикистон эътироф шуда[137], дар монографияи худ «Ҳокимияти иҷроияи

---

[135] Яке аз олимони шинохтаи ҳуқуқи маъмурии Россия Ю.М. Тихомиров дар ин маврид ҷолиб навиштааст: “Ҳаёти давлат дар фаъолияти мақомоти он ифода меёбад. Дар тақдири онҳо мисли оина табаддулоту ислоҳот, марҳилаҳои рушди тадриҷии эволютсионӣ ва манфиатҳои иҷтимоӣ инъикос меёбанд”. Тихомиров Ю.А. Управление на основе права. –М., 2007. – С.54.

[136] Юсупов В.А. Научная организация исполнительной власти. –Волгоград, 1998. – С.12.

[137] Степаненко Ю.В. Рецензия на диссертацию Б.Х. Раззокова “Проблемы теории и практики организации исполнительной власти Республики Таджикистан” // Административное право и процесс. 2015. – №10. – С.67-70; Дугенец А.С. Рецензия на диссертацию Б.Х. Раззокова "Проблемы теории и практики организации исполнительной власти Республики Таджикистан" // Административное право и процесс. 2016. – №3. – С.82-86; Ализода З.М., Джамшедов Д.Н. Рецензия на монографию Б.Х. Раззокова «Государственная администрация Таджикистана на рубеже веков: правовые аспекты развития. –Душанбе: «Ирфон», 2011. – 232с.

Тоҷикистон: масъалаҳои ҳуқуқии ислоҳоти ниҳодӣ» ба гардиши илмӣ мафҳуми «бунёди ниҳодии ҳокимияти иҷроия»-ро ворид ва асоснок намудааст. Ба андешаи олим, ибораи мазкур маҷмуи мақомоту муассисоти давлатиро дар бар мегирад, ки дар амалисозии воқеии вазифа ва функсияҳои идораи давлатӣ саҳмгузор мебошанд[138].

Чунин тарзи масъалагузорӣ арзанда (боис)-и дастгирӣ аст ва ба андешаи мо, аз ду ҷониб муфид арзёбӣ мегардад: аввалан, он имкон медиҳад, ки доираи васеи мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои махсус фаро гирифта шаванд, ки ба сохтори ташкилии ҳокимияти иҷроия бевосита шомил набошанд ҳам, баҳри ташкили муносиб ва фаъолияти матлуби он хизмат менамоянд; сониян, ба ин васила, тақдири як зумра мақомоти давлатӣ, ки ҷойи онҳо дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ номуайян монда, боиси хулосаҳои баҳсноки илмӣ мегардад[139], дақиқ шавад ва муқаррароти конститутсионӣ дар бораи таҷзияи ҳокимият дар бунёди минбаъдаи давлатдории миллӣ рушди босубот касб намояд[140]. Гузориши масъала аз он ҷиҳат низ аҳаммияти муҳим дорад, ки дар таҳқиқоти навини маъмурӣ-ҳуқуқӣ муҳаққиқони ватанӣ ба мавзуи таносуби ҳомилони ҳокимияти иҷроия ва идораи давлатӣ даст зада, ба дарёфти хулосаи

// Известия Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН РТ. 2012. –№3. – С.116-118; Муллоев Д.М. Настольная книга государственных служащих. Б.Х. Раззоков «Президент Республики Таджикистан – глава исполнительной власти» (на тадж. языке). –Душанбе: «Ирфон», 2010. – 356с. // Вестник Института повышения квалификации государственных служащих Республики Таджикистан. 2011. – №1. – С.86-90; Ибрагимов С.И., Гадоев Б.С., Б.Х. Раззоков «Государственное управление в Республике Таджикистан: правовые проблемы теории и практики» (на тадж. языке). –Душанбе: «Ирфон», 2007. – 236с. // Давлат ва ҳуқуқ. 2008. –№1. – С.116-119; Буриев И.Б., Нематов А.Р., Б.Ҳ.Раззоқов «Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳукукии назария ва амалия». –Душанбе: «Ирфон», 2007. – 236с. // Ҳаёт ва Қонун. 2008. –№1. – С.85-91; Орипов Т.О., Б.Ҳ. Раззоқов Ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастури илмӣ-методӣ. –Душанбе: «Ирфон», 2006. –127с. // Ҳаёт ва Қонун. 2007. –№2. – С.177-180; Касымов С.М., Раджабов С.Р., Б.Х. Раззоков «Исполнительная власть Республики Таджикистан». Научно-методическое пособие (на тадж. языке). –Душанбе: «Ирфон», 2006. –127с. // Давлат ва ҳуқуқ. 2007. – С.107-110.

[138] Раззоков Б.Х. Исполнительная власть Таджикистана: правовые проблемы институционального реформирования. –Душанбе, 2013. – С.7.

[139] Масалан, ба андешаи З.М. Соибов як қатор мақомоти давлатӣ, ба монанди Прокуратура, Палатаи ҳисоб, Бонки миллӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ шомил намебошанд. Соибов З.М. Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ: дис. ...д.и.ҳ.. –Душанбе, 2023. – С.53.

[140] Оқилона ва дуруст мебуд иқтидори зеҳнии мактаби ҳуқуқию давлатшиносии кишвар ба таҳия ва роҳандозии консепсияҳое равона гардад, ки мазмуни муқаррароти конститутсиониро оид ба таҷзияи ҳокимият ошкор менамоянд.

мантиқан асосноки тафриқаи онҳо дастёб намешаванд ё мушкилӣ мекашанд[141].

Дар мавқеи олими номбурда иқтидори қолиби илмию методологӣ ниҳон аст, зеро имкон медиҳад, ки аз соири унсурҳои шомили бунёди ниҳодии ҳокимияти иҷроия доираи субъектони асосии он бо назардошти вижагиҳои хоса ҷудо карда шавад: доштани салоҳияти нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқии маъмурӣ, ки ба доираи номаҳдуди шахсон нигаронида шудааст ва гузариш аз расмиёти махсуси қонунигардонии фаъолият (масалан, интихобот, тасдиқ)[142]. Ба шарофати ин нигоҳи консептуалӣ субъектони ҳокимияти иҷроия аз идораи давлатӣ чи дар сатҳи марказӣ ва чи дар сатҳи маҳаллӣ ба осонӣ тафриқа шуда, дар сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия «нуқтаҳои такягоҳи»-и идораи давлатӣ муайян мегарданд.

Вале, қабл аз таҳлили унсурҳои сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия таваққуфи мухтасарро дар тавсифи мақоми давлатӣ зарур медонем, ки дарки дурусти мавзуъ аз он манша мегирад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ аксарияти олимон дар он ақидаанд, ки мафҳумҳои «мақомоти давлатӣ» ва «мақомоти давлат» ҳаммаъно бошанд ҳам, мафҳуми «мақомоти ҳокимияти давлатӣ» нисбат ба онҳо мазмуни васеътар дорад[143]. Ба ин мавқеъ ҳамовозӣ зоҳир намуда, Суди конститутсионии ФР зимни баррасии баҳси мушаххаси ҳуқуқӣ баён дошт, ки дар дастгоҳи давлатӣ мақомоти ҳокимияти давлатиро аз мақомоти давлатӣ бояд фарқ кард. Мақомоти гурӯҳи дуюм зимни амалӣ намудани ваколатҳои ҳокимиятӣ салоҳияти қабули санадҳои ҳуқуқии амали берунаро надоранд, вале ҳарду ҳам бо мафҳуми «мақоми давлатӣ» фаро гирифта мешаванд[144].

Мавқеи мақоми контроли конститутсионии Россия асоснок ва арзандаи таваҷҷуҳ мебошад. Воқеан ҳам, механизми сохтории фаъолияти давлат хеле

[141] Киёмиддинов С.А. Административно-правовой статус антикоррупционного ведомства Республики Таджикистан: автореф. дис...к.ю.н. –Душанбе, 2022, – С.19; Изатуллозода П.Н. Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф....н.и.ҳ. –Душанбе, 2023, – С.17.
[142] Раззоков Б.Х. Организация исполнительной власти Республики Таджикистан: проблемы теории, законодательства, практики. –Душанбе, 2015. – С.156.
[143] Ҳарчанд баъзе олимон фарқиятро байни ин мафҳумҳо намебинанд. Авакьян С.А. Конституционное право России: Учебный курс. 4-е изд. перераб. и доп. Т.2. –М., 2010. – С.376.
[144] СЗ РФ. 1997. –№22. – Ст.2664.

гуногунранг мебошад: дар он баъзе унсурҳо ба иҷрои амалии вазифа ва функсияҳои давлат бевосита сафарбар шуда, дигар унсурҳо ба он мусоидат мекунанд ва сеюмин – рисолати махсуси худро иҷро намуда, дар муомилоти маданӣ ширкат меварзанд. Зимнан, чи дар мавриди аввал ва чи дуюм мақоми давлатӣ худро ҳамчун сохторе зоҳир мекунад, ки дорои ваколатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Ба маънии дигар, дилхоҳ мақоми давлатӣ дорои ваколати ҳокимиятӣ буда, на ҳар кадоми он ба салоҳияти нашри санадҳои ҳуқуқии барои иҷрои ҳатмӣ берун аз муҳити дастгоҳи худ ё ба ибораи дигар умумиҳатмӣ соҳиб аст. Пас, аён мегардад, ки дилхоҳ мақоми ҳокимияти давлатӣ мақоми давлатӣ аст, вале на ҳар сохтори расмӣ мақоми ҳокимияти давлатӣ эътироф шуда метавонад[145]. Идомаи андеша ба хулосаи мантиқӣ меорад, ки мафҳуми «мақоми ҳокимияти иҷроия» бо мафҳуми «мақоми ҳокимияти давлатӣ» решапайвандӣ дошта, аз он бармеояд. Вале бо назардошти қаробати умумии категорияҳои баррасишавандаи оммавӣ-ҳуқуқӣ дарёфти аломатҳои асосии мақоми давлатӣ (мақомоти давлатӣ) аз нигоҳи методологӣ муфид арзёбӣ мегардад[146].

Фаҳмиши маъмурӣ-ҳуқуқии мақоми давлатӣ аз тавсифи он ҳамчун ташкилоте манша мегирад, ки ҳамгироии он бо дигар ҷузъҳои механизми давлатӣ дастгоҳи давлатиро ташкил медиҳад[147]. Ин зайл ташкилот махсус барои иҷрои вазифа ва функсияҳои давлат таъсис дода шуда, назди он масъул мебошад. Ҳайати он аз коллективи кормандон иборат мебошад, ки аксарият хидматчиёни давлатӣ буда, бо ягонагии мақсад ва навъи фаъолият муттаҳид гаштаанд. Ба он як қисми фонди ягонаи амволи давлатӣ ҷудо шуда, дорои басти хароҷот (смета), фонди музди меҳнат, биною таҷҳизот ва ғ. мебошад ва

[145] Тасдиқи ин хулосаро дар муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дарёфт намудан мумкин аст. Аз ҷумла, дар қ.2 м.10 таъкид шудааст: “Давлат ва ҳамаи мақомоти он... вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷрои намоянд”. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе, 2016. – С.4.
[146] Вожаи “мақом” ифодаи шакли мушаххас ва вожаи “мақомот” – шакли ҷамъи зуҳурот маҳсуб меёбад, ки зимни ҳуқуқэҷодсозӣ аксар маврид сарфи назар мегардад. Фарҳанги забони тоҷикӣ. –Душанбе, 2014. – С.167.
[147] Габричидзе Б.Н., Чернявский А.Г. Административной право России. –М., 2006. – С.98; Автономов А.С. Правовая онтология политики: к построению системы категорий. –М., 1999. – С.265; Тихомиров Ю.А., Тихомирова Л.В. Юридическая энциклопедия. –М, 1997. – С.291; Осавелюк А.М. Вспомогательный аппарат высших органов государственной власти в механизме государства: автореф. дис. …д.ю.н. –М., 2006. – С.25.

аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад. Мақоми давлатӣ бо сохтор ва воҳидҳои корӣ (штат), баҳамитоатии воҳидҳои таркибӣ, бунёди дақиқи дохилии мартаботӣ ва муқаррарсозии меъёрии уҳдадориҳои хидматӣ фарқ мекунад. Тартиби таъсис, салоҳият ва сохтори он дар санадҳои ҳуқуқӣ муайян мегардад[148].

Аломатҳои номбаршуда баҳри эъмори зербинои устувори ҳуқуқӣ ба фаъолияти мақомоти давлатӣ хизмат мекунанд. Аз ҷониби дигар, баррасии мақоми давлатӣ ба ҳайси ташкилот имкон медиҳад, ки дар маънии маҷозӣ риштаи пайваст сӯйи ҳуқуқи маданӣ кашида шавад[149], зеро мақомоти давлатӣ дар дилхоҳ маврид ҳамчун шахси ҳуқуқӣ баромад мекунанд ва аз ин боис, мавқеи олимоне, ки мақоми давлатиро як навъи муассисаҳои оммавӣ баррасӣ мекунанд[150], дуруст ба назар менамояд. Ҳамзамон, зимни тавсифи мақоми давлатӣ бояд дар назар дошт, ки он муассисаи оммавии навъи махсус буда, ба ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятие соҳиб аст, ки барои воридшавӣ ба муносибатҳои мухталифи идорӣ, амалисозии ҳар чи самараноки фаъолияти ташкилӣ ва зимни зарурат – расонидани хизматрасонии босифат ба аҳолӣ имкон медиҳанд.

Бояд тазаккур дод, ки мавҷудияти ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ аломати калидии мақоми давлатӣ маҳсуб меёбад. Он дар мазмуни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, №233 «Дар бораи хизмати давлатӣ» бевосита ёдрас мегардад. Аз ҷумла, дар зербанди 2 м.1 Қонуни мазкур чунин таъкид мешавад: «мақоми давлатӣ – ҷузъи таркибии дастгоҳи

---

[148] Бахрах Д.Н. Административное право: Часть общая. Учебник. –М., 1993. – С.75-76; Он же. Исполнительный орган государственной власти (понятие, правовой статус) // История становления и современное состояние исполнительной власти в России // Отв.ред. Н.Ю. Хаманева. – М., 2003. – С.66; Оболонский А.В. Человек и государственное управление. –М., 1987. – С.131-132. Аксари аломатҳои номбурда дар адабиёти умуминазариявии ҳуқуқӣ ҳам номбар мешаванд. Проблемы общей теории государства и права. Учебник для вузов //Под общ.ред. В.С. Нерсесянца. –М., 2006. С. –567-568; Теория государства и права. Курс лекций // Под ред. Н.И.Матузова, А.В. Малько. –М., 2006. – С.97-99; Теория государства и права: Учебник для вузов// Под ред. М.М. Рассолова. –М., 2004. – С.145-147; Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. –Душанбе, 2005. – С.224-225.

[149] Масалан, дар қонунгузории мадании Олмон мафҳуми расмии мақоми давлатӣ бевосита мустаҳкам карда шудааст. Гражданское Уложение Германии. –М., 2007. – С.46.

[150] Чиркин В.Е. Юридическое лицо публичного права. –М., 2007.– С.116-118; Волович В.Ф. Административное право. Учебно-методический комплекс. –Томск, 2005. – С.35.

давлатӣ, ки тибқи салоҳият ва сохтори муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколати давлатию ҳокимиятиро дар шакли ташкилию ҳуқуқии ба худ хос амалӣ менамояд»[151]. Дар таърифи расмии муаррифишуда, тавре аён аст, як қатор аломатҳои номбаршуда ёдрас мешаванд. Ҳамзамон, ҷойи пӯшида нест, ки он ноқис баён шудааст. Бо ба эътиборгирии аломатҳои қаблан номбаршуда, ки дар такя ба афкори илмӣ зикр намудем, чунин баёни мақоми давлатӣ, ба андешаи мо, мақсаднок аст: «мақоми давлатӣ – навъи махсуси муассисаи оммавӣ, ки дорои ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ, воситаҳои зарурии моддӣ ва сохтори ташкилии дақиқи бо тартиби меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкамшуда мебошад, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад».

Ҳамаи аломатҳои мақоми давлатӣ, ки ба ҳайси асосӣ ҷудо карда шуданд, бо ҳам зич алоқаманд буда, маҳаки тафриқаи онҳо аз дигар ташкилотҳои давлатӣ хизмат мекунанд. Онҳо имкон медиҳанд, ки аз шомил донистани ҳама гуна сохтори расмӣ ба сифати мақоми давлатӣ пешгирӣ карда шавад, зеро чунин зуҳурот дастгоҳи давлатиро таҳриф намуда, боиси худсарӣ, зиёдравӣ, ғасби ғайриқонунии ваколат ва суйиистемолӣ мегардад[152]. Таъсис ва рушди ниҳодҳои давлатӣ бояд дар заминаи нигоҳи амиқи илмӣ сурат гирифта, дигаргунсозиҳои ташкилии рӯякӣ пешгирӣ шавад. Аз ин рӯ, бо назардошти пешниҳоди дар боло овардашуда дар таҳрири нав баён намудани мафҳуми мақоми давлатиро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» мақсаднок меҳисобем.

Аломатҳои маъмули мақоми давлатӣ ба мақомоти ҳокимияти иҷроия пурра мувофиқ меоянд. Ҳамзамон, ба ин тоифа мақомоти давлатӣ як зумра хусусиятҳо хос аст, ки онҳоро аз дигар мақомоти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ (масалан, қонунгузор ё судӣ) фарқ мекунонад. Дар масъалаи мазкур дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ андешаҳои мухталиф

[151] АМО РТ. 2007. –№3. – М.166.
[152] Мутаассифона, тавре олимони соҳавӣ ишора доранд, дар дар таҷрибаи идории миллӣ ҳанӯз таҳрифҳо ва нофаҳмиҳо зиёд мушоҳида мешаванд. Раззоқов Б.Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия. –Душанбе, 2007. – С.134-136.

баён шудаанд. Як зумра олимон ҳомилони ин шохаи ҳокимияти давлатиро бо фаъолияти дастгоҳи идораи давлатӣ шабеҳ медонанд[153]. Гурӯҳи дигари олимон мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳамчун қисми механизми давлатӣ баррасӣ менамоянд[154]. Дар илми ҳуқуқи маъмурӣ мафҳуми мақоми ҳокимияти иҷроия маъмулан тавассути шарҳи ваколатҳои иҷроия-амрдиҳандаи ин сифат мақомот тавсиф дода мешавад[155]. Дар адабиёти маъмурӣ-ҳуқуқии тамоюли муттаҳид намудани ҳомилони ҳокимияти иҷроия тахти мафҳуми «мақомоти маъмурӣ» низ мушоҳида мешавад[156]. Мо ҷонибдории худро бо андешаи асосноки олими намоёни ҳуқуқи маъмурии Россия – Ю.Н. Старилов иброз медорем, ки мақоми ҳокимияти иҷроияро ҳамчун қисми низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ баррасӣ менамоянд[157] ва бо ин васила, арҷгузории худро ба принсипи ба тариқи меъёрӣ мустаҳкамшудаи таҷзияи ҳокимият собит месозад.

Тибқи чунин нигоҳ мақоми ҳокимияти иҷроия ҳамчун ниҳоди нисбатан маҳсур ва мустақил баррасӣ шуда метавонад, ки аз ном ва бо супориши давлат дар муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ворид мешавад[158]. Ин ду аломати муҳимми расмии мақоми ҳокимияти иҷроия баҳри дарёфти аломати калидии мазмунӣ мусоидат мекунанд: фаъолияти он хислати иҷроия-амрдиҳанда дорад, ки моҳиятан ба “амалишавии талаботи қонунҳо, ташкили иҷрои онҳо, татбиқи меъёрҳои умумии ҳуқуқ ба ҳаводиси мушаххаси ҳаёт” нигаронида шудааст[159]. Илова бар он, мақомоти ҳокимияти иҷроия баҳри амалисозии воқеии вазифаю функсияҳои давлат сафарбар шуда, идораи ҳамарӯзаи соҳаҳои иқтисодӣ, рушди иҷтимоӣ ва маъмурӣ-сиёсиро ба уҳда доранд[160]. Онҳо мақомоти зерқонунӣ эътироф мешаванд, ки фаъолияти худро дар асос ва баҳри иҷрои

[153] Административное право Украины: Учебник //Под ред. Ю.П. Битяк. – Киев, 2003. – С.63.
[154] Нижник Н.Р., Машков О.А. Системный подход в организации государственного управления. Учебное пособие. – Киев, 1998. – С.84.
[155] Романовская О.В. Понятие исполнительной власти // Новая правовая мысль. 2012. –№3. – С 24.
[156] Бахрах Д.Н. Административное право России. –М., 2000. – С.58.
[157] Старилов Ю.Н. Курс общего административного права. Т.1. –М., 2002. – С.618.
[158] Габричидзе Б.Н., Чернявский А.Г., Ким-Кимэн А.Н. Административное право: Учебник. –М., 2005. – С.68.
[159] Козлов Ю.М. Административное право. –М., 2005. – С.215.
[160] Овсянко Д.М. Административное право: Учебное пособие. –М., 2000. – С.51.

қонунҳо пеш мебаранд[161]. Ва ниҳоят, ин зергурӯҳи мақомоти давлатӣ ваколати нашри санадҳои ҳуқуқиеро доранд, ки барои ашхоси мухталиф ҳатмӣ мебошад. Аломати мазкур имкон медиҳад, ки ҳомилони ҳокимияти иҷроия аз дигар сохторҳои иҷроия, ки дар механизми давлатӣ фаъолият доранд, дақиқ ҷудо карда шаванд[162].

Дар партави аломати охирини дар боло номбаршуда масъалае арзандаи таваҷҷуҳ мебошад, ки ба баёни дурусти истилоҳотии шакли ҳокимияти иҷроия дахл дорад. Дар қонунгузории Тоҷикистон ибораи «мақоми ҳокимияти иҷроияи давлатӣ» васеъ истифода мешавад[163] ва мувофиқан нисбати сатҳи маҳаллии идора ибораи «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» роиҷ дониста мешавад[164]. Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ин зайл ифодаи истилоҳӣ мавриди интиқод қарор ёфта, таъкид мешавад, ки он аҳаммияти мустақили доираи мақомоти баррасишавандаро, ки баҳри амалисозии воқеии вазифа ва функсияҳои ҳокимияти иҷроия ҳамчун шохаи алоҳидаи ҳокимият сафарбар шудаанд, коста месозад[165]. Воқеан ҳам, зимни тавсифи дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, масалан, қонунгузорӣ ё суд аз истилоҳоти монанд истифода намешавад, яъне ҳамон тавре, ки ибораи «мақоми ҳокимияти қонунгузории давлатӣ» гардиш надорад, ҳамин зайл ибораи

[161] Тихомиров Ю.А. Административное право и процесс: полный курс. –М., 2003. – С.52; Ойев Х.О. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1. –Душанбе, 2013. – С.145.

[162] Бояд тазаккур дод, ки дар сатҳи қонунгузории миллӣ мафҳуми расмии "мақоми иҷроия" ҷой дорад. Аз ҷумла, дар м.2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омада: "мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ – шакли ташкилии амалисозии идоракунии давлатиест, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуда, фаъолият менамояд" (АМО ҶТ. 2012. №4. М.278). Ба таърифи мазкур баҳо дода, муҳҳақиқи ватанӣ Ҷ.Ш.Қодиров асоснок ишора менамояд, ки он хислати умумӣ дошта, махсусияти фаъолияти мақомоти баррасишавандаро сарфи назар менамояд (Кодиров Дж.Ш. Конституционно-правовые основы организации и деятельности местных исполнительных органов государственной власти в Республике Таджикистан: дис.... к.ю.н. –Душанбе, 2021. – С.30). Умуман, нисбати мазмуни Қонуни мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ нигоҳи интиқодӣ вуҷуд дорад. Масалан, Б.Ҳ. Раззоқов консепсияи онро хилофи сохтори конститутсионии мамлакат меҳисобад. Раззоков Б.Х. Государственная администрация Таджикистана на рубеже веков: правовые аспекты развития. – Душанбе, 2011. – С.176-177.

[163] АМО ҶТ. 2001. –№4. –М.215.

[164] АМО ҶТ. 2004. – №5. –М.339.

[165] Раззоков Б.Х. Исполнительная власть Таджикистана: правовые проблемы институционального реформирования. – Душанбе, 2013. – С.14.

«мақоми ҳокимияти судии давлатӣ» низ нопайдост[166]. Биноан, истилоҳоти дуруст бевосита дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад ва он илман асоснок мебошад: дар қисми 6 моддаи 69 ибораи «мақомоти ҳокимияти иҷроия» истифода мегардад[167], ки робитаи зотии сохторро бо шохаи алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ дар назар дорад ва маҳз он бояд дар қонунгузории ҷорӣ ба ҳайси ифодаи истилоҳӣ қабул гардад. Мунаққидон метавонанд эрод гиранд, ки ибораи «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» низ дар Конститутсияи мамлакат ҷой дорад. Дар воқеъ, зимни ислоҳоти сеюми конститутсионӣ (аз 22 майи соли 2016) м.78 Конститутсияи мамлакат дар таҳрири нав баён шуда, ибораи мазкур ҷой гирифт. Вале дар назарияи конститутсияшиносӣ, тавре олимони варзидаи соҳаи давлатшиносӣ иброз медоранд, меъёрҳои қаблан баёншудаи конститутсионӣ нисбат ба минбаъда афзалият доранд ва ихтилофу ноҷурӣ миёни онҳо бо ҳамин васила матраҳ мегардад[168]. Азбаски м.69 пештар ва мувофиқан дар боби 4 баён шудааст, нисбати ба м.78, ки дар боби 6 мустаҳкам мешавад, афзалият дорад. Аз ин рӯ, бо назардошти мазмуни меъёри дар боло номбурдаи конститутсионӣ дар сатҳи маҳаллӣ мувофиқан ибораи «мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия» роиҷ дониста мешавад. Бо назардошти таҳлили андешаҳо мо чунин мафҳуми мақомоти ҳокимияти иҷроияро, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ баён шудааст, ояндабахш меҳисобем: «ниҳоди мустақили давлат, ки ба мақсади иҷрои қонунҳо фаъолияти иҷроия-амрдиҳандаро дар раванди идораи давлатии соҳаҳои иқтисодиёт, рушди иҷтимоӣ ва маъмурӣ-сиёсии ҳаёти ҷомеа амалӣ

[166] Дар қонунгузории Россия ибораи "мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ" истифода шуда, таъкид мегардад, ки он бо мафҳуми "мақомоти ҳокимияти иҷроия" ҳаммаъно мебошад. СЗ РФ. 1999. –№42. – Ст.5005.

[167] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. – С.22.

[168] Хабриева Т.Я., Чиркин В.Е. Теория современной конституции. – М., 2019. – С.21; Авакьян С.А. Конституция России: природа, эволюция, современность. –М., 2000. – С.63; Кутафин О.Е. Источники конституционного права Российской Федерации. –М., 2013. – С.28; Кокотов А.Н. О прямом действии Конституции Российской Федерации // Актуальные проблемы российского права. 2013. –№12. – С.154; Юсубов Э.С. Теория федерализма в России. –Томск, 1998. – С.37.

менамояд ва тавассути тартиби махсус салоҳияти ҳуқуқмуайянкуни (меъёрэҷодкуни)-ро соҳиб шудааст»[169].

Азбаски мавзуи таҳқиқи мо ба сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия бахшида шудааст, ба тавсифи мафҳуми мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия диққат медиҳем. Сатҳи мазкур унсури таркибии низоми ягонаи ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад [170] ва тавсифҳои зотии мақоми ҳокимияти иҷроия пурра ба он дахл дорад. Илова бар он, дар низоми ҳокимияти иҷроия ин мақомот ба аҳолӣ бештар наздик буда, дар воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдор фаъолият мебаранд[171].

Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» таърифи зуҳуроти баррасишаванда (дар моддаи 1) дар чунин таҳрир баён шудааст: «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – мақомоте, ки дар ҳудуди воҳидҳои маъмурию ҳудуди дахлдор иҷрои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро таъмин менамоянд»[172].

Таърифи дар қонунгузорӣ мустаҳкамшуда хислати умумӣ дошта, вижагиҳои хоси мақомоти сатҳи мазкурро дар бар намегирад. Аз ин ҷиҳат таърифи пешниҳодкардаи олими ватанӣ – Ҷ.Ш. Қодиров афзалияти бештар дорад. Олим (муаллиф) ба чунин аломатҳои «мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ» ишора менамояд: ягонагии ташкилӣ-сохторӣ, баамалбарории функсияҳои иҷроия-амрдиҳанда; фаъолият дар доираи воҳиди маъмурию ҳудудии муайян; ҳисободиҳанда ва масъул будан дар назди мақомоти болоии ҳокимияти давлатӣ; маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ;

---

[169] Раззоков Б.Х. Организация исполнительной власти Республики Таджикистан: проблемы теории, законодательства, практики. –Душанбе, 2015. – С.159.
[170] Раззоков Б. Х. Система исполнительной власти Таджикистана: правовые проблемы организации // Правовые проблемы укрепления Российской государственности. Ч.33. –Томск, 2006. – С.68.
[171] Кодиров Дж.Ш. Конституционно-правовые основы организации и деятельности местных исполнительных органов государственной власти в Республике Таджикистан: автореф. дис.... к.ю.н. –Душанбе, 2021. – С.12.
[172] АМО ҶТ. 2004. –№ 5. –М.339.

бевосита ба амал баровардани ваколатҳои худ[173]. Дар заминаи ҷамъбасти афкори илмӣ ва аломатҳои номбурда ӯ мафҳуми зерини мақомоти баррасишавандаро пешниҳод намудааст: «мақоми яккасардори ҳокимияти иҷроия, ки дорои салоҳияти дахлдор буда, функсияҳои идораи давлатиро дар ҳудуди воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ амалӣ менамояд, иҷрои Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин мекунад ва аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад»[174].

Арзандаи таваҷҷуҳ аст, ки Ҷ.Ш. Қодиров дар таърифи баёнкардаи худ ба таъиноти ин навъи мақомот дар сатҳи маҳаллӣ ишора менамояд – амалӣ намудани «функсияҳои идораи давлатӣ» дар воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдори ҷумҳурӣ. Вале ба мавқеи муаррифишуда мо ду эрод дорем: аввалан, мақоми яккасардори ҳокимияти иҷроия тавсиф додани мақомоти маҳаллии иҷроия ҳайратовар мебошад, зеро дар амалисозии идораи давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ маҷмуи мақомоти давлатии фаъолияти хислати иҷроия-амрдиҳанда дошта сафарбар шудаанд. Ба ибораи дигар, ҳокимияти иҷроия дар маҳал ба як шахси мансабдор ба пуррагӣ тааллуқ надорад. Чунин нигоҳ, тавре дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ бамаврид таъкид мешавад, нуқси методологӣ низ дорад, зеро ба хулосаҳои зеҳнии иштибоҳӣ нисбат ба қолаби ҳокимияти иҷроияи Тоҷикистон боис мегардад[175]. Сониян, бо миқёси “воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ” маҳдуд намудани амали мақомоти баррасишаванда низ чандон дуруст ба назар наменамояд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар амалияи идораи давлатӣ мақомоти иҷроия дар сатҳи маҳаллӣ бидуни назардошти ҳудуди воҳидҳои маъмурӣ (масалан, тафриқаи минтақавӣ дар вилояти Хатлон) ё дар дохили воҳиди маъмурӣ (масалан, дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе) низ таъсис меёбанд.

---

[173] Кодиров Дж.Ш. Конституционно-правовые основы организации и деятельности местных исполнительных органов государственной власти в Республике Таджикистан: дис.... к.ю.н. –Душанбе, 2021. – С.49.
[174] Кодиров Дж.Ш. Конституционно-правовые основы организации и деятельности местных исполнительных органов государственной власти в Республике Таджикистан: дис.... к.ю.н. –Душанбе, 2021. – С.50.
[175] Раззоқов Б.Ҳ. Ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурииии Тоҷикистон: Дастури илмӣ-методӣ. –Душанбе, 2006. – С.101.

Бо назардошти баёни мавқеи худ ва дар такя ба тавсифи дар боло зикршудаи мақомоти ҳокимияти иҷроия мо пешниҳод дорем, ки меъёри дахлдори Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар таҳрири зерин баён карда шавад: «мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия – ҷузъи таркибии низоми ягонаи ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар доираи салоҳияти худ фаъолияти иҷроия-амрдиҳандаро оид ба идораи давлатии маҳаллӣ амалӣ менамоянд».

Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия як навъ зуҳуроти амудии идорӣ маҳсуб меёбад ва сатҳу сифати фаъолияти ин зернизоми ҳокимияти иҷроия ба самаранокии идораи давлатӣ таъсири бевосита мерасонад. Идораи маҳаллӣ ҳамчун шакли ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроия-амрдиҳанда барои ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти маҳаллидошта бо назардошти манфиатҳои умумидавлатӣ ва манфиатҳои аҳолии ҳудуди дахлдор арзёбӣ гардида, механизм ва маҳаки муайянкунандаи мавқеъ ва нақши онҳо дар идораи маҳал таснифи мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияи Тоҷикистон дониста мешавад. Тасниф дар маънии умум – ин тақсим намудани зуҳуроти гуногунзот ба гурӯҳҳо бо назардошти аломатҳои муайян фаҳмида мешавад. Маҳз, асосҳои гуногуни таснифот на танҳо барои маърифати дуруст ва ҳаматарафаи вазъи ҳуқуқии сохторҳои иҷроияи маҳаллӣ имкон фароҳам меоранд[176], балки ба ҳалли масъалаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани низоми мақомоти иҷроия, ҷойи сохторҳо ва робитаи байни онҳо мусоидат менамояд.

Таснифи асосноки илмии сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо назардошти аломатҳои муҳимми шабеҳият ва тафовути онҳо бо мақсади муқаррар намудани қонуниятҳои пайдоиш ва рушди сохторҳо, тафовути вазъи ҳуқуқии онҳо, таҳлили хусусияти таъсири ташкилӣ ба объектҳои идора анҷом дода мешавад. Таснифи сохторҳои идора, қоидаҳои фаъолияти онҳо бидуни назардошти муайян намудани таркиби ин мақомот ва таъиноти онҳо, дар

[176] Айтказинов Е.Б. Конституционно - правовые основы системы региональных представительных и исполнительных органов власти Республики Казахстан: автореф. дис… к.ю.н. –М., 2010. – С.9.

умум, дар низоми ҳокимияти иҷроия ғайриимкон аст[177]. Асосҳои гуногуни тафриқагузории сохторҳои сатҳи маҳаллии идора имкон медиҳад, ки хусусиятҳои фарққунандаи зергурӯҳҳои алоҳида ба назар гирифта шуда, барои мустаҳкам намудани вазъи ташкилӣ-ҳуқуқии сохторҳои иҷроия ва такмили минбаъдаи танзими муносибатҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ чораҷуйӣ гардад.

Фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Тоҷикистон як навъ зуҳуроти ба тариқи амудии амалкунандаи маъмурӣ-идоракунӣ буда, ҳамчун зернизоми ягонаи ҳокимияти иҷроия амал мекунад. Бо назардошти он ки дар амалишавии вазифаҳо ва функсияҳои идораи давлатӣ мақомоти иҷроияи маҳаллӣ низ сафарбар карда шуда, бевосита иштирок доранд, онҳо бо теъдоди зиёд ва гуногунии сохторҳо фарқ мекунанд, ки ин ҳолат, бешубҳа, ифодаи табиати ҳокимияти иҷроия мебошад.

Босифат ва самарабахш пиёда шудани ҳокимияти иҷроия бо муассир ва ҳадафмандона амалӣ намудани меъёри қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини кафолатҳои онҳо ва баланд бардоштани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолии махал алоқамандӣ дошта, нишондиҳандаи сатҳу сифати идораи давлатӣ эътироф мешавад[178]. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ба объектҳои идора бештар наздик буда, сатҳи фаъолияти онҳо ба самаранокии идораи давлатӣ таъсири бевосита мерасонад.

Вобаста ба ин ҷиҳати дарёфти роҳи ҳалли масъала таснифоти аз ҷиҳати илмӣ асосноки сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия вобаста ба хусусиятҳои муҳимми шабоҳат ва фарқияти онҳо бо мақсади муқаррар намудани қонуниятҳои пайдоиш ва инкишофи сохторҳо, тафовут дар вазъи ҳуқуқии онҳо, таҳлили хусусиятҳои таъсири ташкилӣ ба объектҳои идора метавонад мусоидат намояд, зеро вазъи ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроия, қоидаҳои фаъолияти онҳо, тавре ки дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид карда мешавад,

---

[177] Афанасьев В. Г. Общество: системность, познание и управление. – М., 1981. – С.81.
[178] Россинский Б.В. Реализация концепций административной реформы // Вестник Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА). 2018. – №1. – С.34.

наметавон бе назардошти таркиби ин мақомот ва таъиноти онҳо дар низом ба дараҷаи зарурӣ, тахассусмандона ба танзим даровварда шавад [179].

Вобаста ба мафҳуми таснифи мақомоти идора, олими россиягӣ М.Ю. Зенков қайд мекунад, ки он ба гурӯҳҳо тақсим кардани сохторҳои идораро вобаста ба аломатҳои умумӣ, аломатҳои асосии шабеҳият ва аломатҳои фарқият дар назар дорад [180]. Тасниф барои аниқ муайян намудани мавқеъ дар низоми дилхоҳ воҳиди ташкилӣ, инчунин, муайян намудани муносибатҳои муҳимтарини байни онҳо имкон медиҳад.

Асосҳои анъанавии тасниф, ки дар илми ҳуқуқи маъмурӣ маъмуланд, вобаста ба ҳудуд, ҳаҷм ва хислати салоҳият, тартиби ташкил ва тобеият, тартиби ҳалли масъалаҳо, сарчашмаи маблағгузорӣ ва ғайра комилан метавон нисбати мақомоти иҷроияи маҳаллӣ истифода карда шаванд. Ҳамин тариқ, бо назардошти ҳудуди фаъолият мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ба мақомоти сатҳи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ тақсим мешаванд. Ба сатҳи вилоятӣ раисони вилоятҳо, яъне Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон, вилояти Суғд ва бо вазъи ба онҳо ҳаммақом – шаҳри Душанбе, инчунин, воҳидҳои сохтории дар ҳамин сатҳ фаъолиятбарандаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия шомил дониста мешаванд. Ба зинаи шаҳрӣ ва ноҳиявии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия раисони шаҳру ноҳияҳо, инчунин, воҳидҳои сохтории дар ҳамин сатҳ фаъолиятбарандаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти ичроия дохил мешаванд.

Вобаста ба ҳаҷм ва хусусияти салоҳият сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия ба мақомоти зерин тақсим мешаванд: а) мақомоти салоҳияти умумӣ, ки аксарияти соҳаҳои идораи давлатиро дар миқёси воҳиди маъмурию ҳудудӣ матраҳ менамоянд – раисони вилоят, шаҳр, ноҳия. Субъектони номбаршуда дар ҳудуди худ дар ҳама ё аксари самтҳо ва соҳаҳои фаъолият аз рӯйи ҳама

[179] Исполнительная власть в России. История и современность, проблемы и перспективы развития // Отв. ред. Н.Ю. Хаманева. –М., 2004. – С.36.

[180] Зенков М.Ю. Основы государственного и муниципального управления. Часть 1. – Новосибирск, 2015. – С.191.

масъалаҳои асосии фаъолият роҳбариро амалӣ мекунанд. Онҳо масъалаҳои умумии рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар ҳудуди дахлдор ҳал карда метавонанд[181]; б) мақомоти салоҳияти соҳавӣ, ки соҳаҳои алоҳидаи идораи давлатӣ ба онҳо вогузор карда шудаанд, идора мекунанд (воҳидҳои сохтории маҳаллии вазорату идораҳо, шуъбаҳо ва раёсатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ); в) мақомот дорои салоҳияти байнисоҳавӣ, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар соҳаи ба онҳо вогузор кардашудаи фаъолият оид ба масъалаҳои хусусияти байнисоҳавидошта амалӣ менамоянд. (воҳидҳои сохтории маҳаллии кумитаҳои давлатӣ, шуъбаҳо ва раёсатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ)[182]. Таснифи мақомоти идора бо чунин хусусиятҳо барои муайян намудани сарчашмаи ҳуқуқии пайдоиши онҳо ва манбаи ваколати онҳо замина муҳайё мекунад[183].

Вобаста ба тартиби таъсис сатҳи маҳаллии мақомоти ҳокимияти иҷроияро ба чунин гурӯҳҳо тақсим намудан мумкин аст: аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ таъсисёбанда (сохторҳои маҳаллии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон); аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ таъсисёбанда (сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия); аз ҷониби раисони вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо таъсисёбанда (раёсатҳо ва шуъбаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ).

Дар адабиёти ҳуқуқӣ аксар вақт ба чунин асосҳои тасниф, яъне тарзи ташкили субъектони идораи давлатӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, ки аз рӯйи онҳо мақомоти интихобшуда ва таъиншударо фарқ мекунанд. Дар баробари ин таъкид шудааст, ки новобаста аз тарзу усул, онҳо бо тартиби давлатӣ-ҳокимиятӣ ташкил карда мешаванд, яъне дар асоси санади мақомоти ваколатдори давлатӣ[184]. Аммо, айни замон, бо сабаби эътирофи аҳаммияти мустақили ҳокимияти иҷроия ва татбиқи пайгиронаи принсипҳои он дар

---

[181] Бахрах Д.Н., Россинский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право. –М., 2008. – С. 206.

[182] Бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз дар замони шуравӣ олими соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ В.Б. Аверянов зимни тавсифи дастгоҳи идораи давлатӣ таснифоти мақомоти гурӯҳи дуюм ва сеюмро мувофиқан “салоҳияти дохилисоҳавӣ” ва “салоҳияти омехта” номида буд. Аверьянов В.Б. Аппарат государственного управления: содержание деятельности и организационная структура. –Киев, 1990. – С.14.

[183] Лазарев Б.М. Компетенция органов управления. –М., 1972. – С.42.

[184] Тихомиров Ю.А. Управление на основе права. –М., 2007. – С.73.

идораи давлатӣ дар санадҳои қонунгузорӣ нисбат ба тарзи ташкили мақомоти ҳокимияти иҷроия тағйироти ҷиддӣ ба амал омад: ҳамаи зинаҳои он бо тартиби таъинӣ ташкил карда мешавад. Ин қоида ба тартиби ҳалли масъалаҳои тобеияти онҳо низ бе таъсир намонд: дар сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар таносуби мақомоти дастаҷамъӣ ва яккасардор мақомоти навъи дуюм бештар мушоҳида мешаванд.

Аз рӯйи сарчашмаи маблағгузорӣ ду зергурӯҳи мақомоти идораи давлатӣ фарқ карда мешаванд: а) аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда; б) аз буҷети маҳаллӣ маблағгузоришаванда. Баробари ташкил ва мустаҳкам шудани асосҳои иқтисодии идораи маҳаллӣ аҳаммияти ин асоси тасниф меафзояд [185]. Қонунгузор ҳамин асоси тасниф, яъне аз рӯйи манбаи маблағгузориро маҳаки тафриқаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ба ду зергурӯҳ қарор додааст: сохторҳои иҷроияи тобеи раиси вилоят, шаҳр, ноҳия ва сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия.

Ба гурӯҳи аввал, яъне аз буҷети маҳаллӣ маблағгузоришаванда, он мақомоти иҷроия шомил дониста мешаванд, ки ба сохтор ва нақшаи идораи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дохил карда нашудаанд ва роҳбарони онҳо бевосита аз ҷониби раисони вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо таъин ё озод карда мешаванд. Гурӯҳи дуюм аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда мебошад, ки ҳамчун воҳидҳои сохтории мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дониста мешаванд ва дар воҳидҳои дахлдори маъмурию ҳудудӣ дар доираи ваколатҳои худ вазифаҳои мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияро иҷро менамоянд[186].

Дар такя ба чунин тафриқагузории қонунгузор Ҳукумати ҷумҳурӣ бо қарори №115 аз 3 марти соли 2011 сохтори намунавии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро тасдиқ кард[187]. Масалан, ба сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд мақомоти зерин дохил

[185] Раззоқов Б.Ҳ. Масоили ҳуқуқии идораи минтақа (дар мисоли Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон). –Душанбе, 1997. – С.56.
[186] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004. –№5. –М.369.
[187] Интернет-портали иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: реҷаи дастрасӣ: portali-huquqi.tj: (санаи муроҷиат: 21.03.2022).

карда шуданд: сарраёсати кишоварзӣ, шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, раёсати рушди иқтисод ва савдо, раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, раёсати стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, раёсати зиддиинҳисорӣ, раёсати маориф, раёсати тандурустӣ, раёсати фарҳанг, раёсати кор бо занон ва оила, раёсати дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, раёсати энергетика ва саноат, раёсати нақлиёт ва коммуникатсия, раёсати сохтмон ва меъморӣ, бахши ҳуқуқи кӯдак, бахши бойгонӣ[188] .

Дар баробари ин зимни омӯзиш маълум гашт, ки мақомоти дар қарори зикргардидаи ҳукуматӣ нисбат ба вилояти Суғд дар як вақт ба сохтор ё нақшаи идоракунии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дохил карда шудаанд, ки ба консепсияи тафриқагузории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии муайян намудани меъёрҳои қонунгузорӣ мувофиқат намекунад. Чунин вазъиятро дар сохтори мақомоти иҷроияи дигар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Илова бар ин, сохторҳои анъанавии ҳокимияти маҳаллӣ, аз қабили мақомоти омор, мақомоти амният, молия, заминсозӣ, корҳои дохилӣ, мақомоти навтаъсиси президентӣ – Агентии хизмати давлатӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Агентии назорати маводи нашъаовар, Кумитаи рушди маҳаллӣ ва як қатор вазорату идораҳои дигар фаъолият пеш мебаранд. Дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №115 онҳо ёдрас нашудаанд ва чунин гумон бурда мешавад, ки онҳо дар доираи нақшаи идораи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия фаро гирифта шудаанд.

Асосҳои гуногуни таснифот на танҳо ба тавсифи дуруст ва ҳамаҷонибаи вазъи ҳуқуқии сохторҳои иҷроияи маҳаллӣ мусоидат мекунанд, балки барои ҳалли масъалаи бунёди аз ҷиҳати илмӣ асосноки низоми мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва воҳидҳои ёрирасони онҳо, алоқаи байни онҳо имкон медиҳад. Мо дар ин ҷо бо андешаи Б.Ҳ. Раззоқов ҳамраъйӣ зоҳир менамоем, ки раисони

[188] Интернет-портали иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: реҷаи дастрасӣ: portalihuquqi.tj (Санаи муроҷиат: 12.05.2022).

вилоят, шаҳр ва ноҳияро субъектони асосии ҳокимияти иҷроия дар сатҳи маҳаллӣ меҳисобад[189]. Андешаи консептуалиии пешниҳоднамудаи ӯ барои тафриқагузории мақомоти иҷроия ва мақомоти идораи давлатӣ метавон дар маҳалҳо низ татбиқ карда шавад.

Ҳангоми омӯзиши вазъи ҳуқуқии сохторҳои маҳаллии ҳокимияти иҷроия мо зергурӯҳи алоҳидаеро муайян намудем, ки танҳо барои амалӣ намудани вазифаҳо ва функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти ҳамном машғул буда, ҳуқуқи мустақил ва истисноӣ, аз ҷумла, дар қабули санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ накши мустақил надоранд. Агар масоилро дар мисоли вилояти Суғд идома диҳем, пас дар низоми идораи маҳаллӣ шомил мешаванд, аз ҷумла, раёсати рушди иқтисод ва савдо, раёсати энергетика ва саноат, шуъбаи нақлиёт ва алоқа, бахши ҳуқуқи кӯдакон, бахши бойгонӣ, сохторҳои минтақавии Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои маҳаллии як қатор мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия.

Боиси қайд аст, ки солҳои зиёд дар танзими ҳуқуқии рушди ташкилӣ дар маҳалҳо як камбудии дигар вуҷуд дорад ва он ба мустаҳкам намудани шакли ташкилии ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ алоқаманд дониста мешавад. Тавре маълум аст, пештар дар қонунгузорӣ ибораи «Ҳукумати маҳаллӣ»-ро мустаҳкам намуда буд, вале баъдтар, қонунгузорӣ аз он даст кашид ва ҳоло ҳамчунон ки дар боло зикр гардид, ба мафҳуми «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» такя мекунад. Мафҳуми интихобшударо бо муваффаққият шуморидан душвор аст, зеро он танҳо мансубияти умумии мақомотро ба ҳокимияти иҷроия нишон медиҳад ва мушкилоти мустаҳкам намудани шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ҳокимияти иҷроия боз дар фазои шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ кушода мемонад. Албатта, тарҳи қаблан амалкарда – «Ҳукумати маҳаллӣ» (ба маънои ҳукумати маҳаллӣ) низ аз мукаммалӣ (комилият) дур буд, зеро аз нигоҳи маънои решагӣ ва андешаҳо (афкор)-и ба таври умум пазируфта шуда дар назарияи ташкилӣ ва илми ҳуқуқи маъмурӣ

[189] Раззоков Б.Х. Организация исполнительной власти Республики Таджикистан: проблемы теории, законодательства, практики. –Душанбе, 2015. –С.231.

истилоҳи «ҳукумат», одатан, фаъолияти мақомоти коллегиалиро ифода менамояд.

Дар бобати ба тартиб даровардан ва мустаҳкам намудани шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар сатҳи зинаи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон ибратбахш ҳисобида мешавад. Ҳамин тариқ, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон аз 23 январи соли 2001 «Дар бораи худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон» (бо тағйироту иловаҳои минбаъда) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимият «Акимат»-и вилоят, шаҳр, ноҳия шуморида мешавад, ки ба онҳо «Аким» роҳбарӣ (сарварӣ) менамояд [190]. Тавре, ки мушоҳида мешавад, дар ин маврид, қонунгузории хориҷӣ шакли ташкилии ҳуқуқии ҳокимияти иҷроияро дар сатҳи маҳаллӣ равшан нигоҳ дошта, вазъ (мавқе)-и ҳуқуқии шахси мансабдори онро муқаррар кардааст.

Ҳамчунин, бояд илова намуд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи кишвар, аз ҷумла Қонуни конститутсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ба шакли шакли ташкилию ҳуқуқии мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ диққати махсус дода, ифодаи онро дар шакли «Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия» эътироф менамояд[191]. Аз ин муқаррарот чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки қонунгузор зимни мустаҳкам намудани шакли ташкилию ҳуқуқии мақомоти намояндагии маҳаллӣ бетарафиро зоҳир накарда, чунин камбудиро, ки ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ алоқаманд аст, бартараф намудааст. Мо чунин мешуморем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд дар сатҳи қонунгузорӣ шакли ташкилию ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мустаҳкам карда шавад ва барои ифодаи он истилоҳи «садорат» қобили қабул ба назар мерасад.

Барои ифодаи роҳбар (сарвар)-и идораи маҳаллӣ номи «садр» (сардор) мувофиқи мақсад шуморида мешавад. Зеро, ки агар ба баёни қатъии истилоҳот

---

[190] Информационно-правовая система нормативных правовых актов Республики Казахстан «Адилет». Реҷаи дастрасӣ: http://adilet.zan.kz/rus (санаи муроҷиат: 20.05.2020).
[191] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004. – № 5.

диққат диҳем, пас мафҳуми «раис» бештар шахси мансабдори интихобшударо нишон медиҳад. Илова бар ин, номҳои пешниҳодшуда ба афкори таърихии аҳолӣ дар бораи ҳокимияти маҳаллӣ ва барандагони он комилан мувофиқ буда, татбиқи онҳо пояҳои илмии сохтори ҳокимияти маҳаллиро тақвият бахшида, қадами навбатии силсилаи тадбирҳои ба низом даровардани унсурҳои он мегардад.

Дар оянда ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки тартиби пешакӣ тасдиқ намудани номзадии сардори мақомоти давлатии маҳаллӣ бо мақомоти намояндагии маҳаллӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад, аввалан, муайян намудани доираи субъектони намояндагии он нисбат ба вилоятҳо ва шаҳри Душанбе (аз ҷумла, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) ба Ҳукумати ҷумҳурӣ, нисбат ба шаҳр ва ноҳияҳои тобеи вилоятҳо бошад, ба роҳбарони мақомоти болоӣ ва дуюм, шахси мансабдори мазкурро аз масъулияти роҳбарии мақомоти намояндагии маҳаллӣ озод намояд.

Ҳамин тариқ, таснифоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия нишон медиҳад, ки низоми мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ боз ҳам ба такмили минбаъда ниёз дорад. Тарҳи идораи маҳаллӣ ҳамчун мафҳуми ташкилии пурра даркнашуда шуморида мешавад. Муносибатҳо дар соҳаи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии идоракунӣ дар сатҳи маҳаллӣ то ҳол ҳамчун расмиёти ниҳоии ҳуқуқӣ нагирифта дониста мешавад. Хусусиятҳои сохтор, номуайянии вазъ (мақом)-и ҳуқуқӣ ва мавқеи амуди (зинави)-и як қатор сохторҳои маҳаллии идораи давлатӣ ҳамкории байни онҳоро душвор мегардонад. Барои ҳалли масъалаҳои ба низом даровардани сохторҳои ташкилӣ дар сатҳи маҳаллӣ метавон тавассути таҳия ва коркарди Нақшаҳои идоракунии маҳаллӣ дар ҳар як сатҳи воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ бо ба он дохил намудани ҳамаи сохторҳои соҳавӣ ва функсионалӣ, ки бевосита ба раис тобеанд ва ё ки ба мақомоти марказии идоракунӣ тобеъ мебошанд, метавонад муосидат намояд.

Бо назардошти масъалаҳои баррасигардида ҷиҳати такмили қонунгузорӣ, баёни дурусти истилоҳотии шакли ташкилии ҳокимияти иҷроия, масъалаҳо оид ба низом даровардани сохторҳои ташкилӣ дар сатҳи маҳаллӣ,

муқаррар кардани мақоми ҳуқуқии маҷмуи мақомоти идораи маҳаллӣ ва мустаҳкам намудани шакли ташкилии ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ пешниҳод карда мешавад:

1) Мавҷудияти ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ аломати калидии мақоми давлатӣ маҳсуб меёбад. Он дар мазмуни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, №233 «Дар бораи хизмати давлатӣ» бевосита ёдрас мегардад. Дар зербанди 2 м.1 Қонуни мазкур чунин таъкид мешавад: «мақоми давлатӣ – ҷузъи таркибии дастгоҳи давлатӣ, ки тибқи салоҳият ва сохтори муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколати давлатию ҳокимиятиро дар шакли ташкилию ҳуқуқии ба худ хос амалӣ менамояд». Гарчанде ки дар таърифи расмии муаррифишуда, тавре аён аст, як қатор аломатҳои номбаршуда ёдрас мешаванд, ҳамзамон, ҷойи пӯшида нест, ки он нопурра баён шудааст.

Аз ин рӯ, дар таҳрири нав баён намудани чунин мафҳуми мақоми давлатиро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» мақсаднок меҳисобем: «Мақоми давлатӣ – навъи махсуси муассисаи оммавӣ, ки дорои ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ, воситаҳои зарурии моддӣ ва сохтори ташкилии дақиқи бо тартиби меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкамшуда мебошад, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад».

2) Масъалаи дигари арзандаи таваҷҷуҳ ба баёни дурусти истилоҳотии шакли ҳокимияти иҷроия дахл дорад. Дар қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон ибораи «мақоми ҳокимияти иҷроияи давлатӣ» васеъ истифода мешавад ва нисбат ба сатҳи маҳаллии идора ибораи «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» роиҷ дониста мешавад. Зимни тавсифи дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, масалан, қонунгузорӣ ё суд аз истилоҳоти монанд истифода намешавад. Дар қисми 6 моддаи 69-и Конститутсияи ҶТ ибораи «мақомоти ҳокимияти иҷроия» истифода мегардад, ки робитаи зотии сохторро бо шохаи алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ дар назар дорад ва маҳз, он бояд дар қонунгузории ҷорӣ ба ҳайси ифодаи истилоҳӣ

қабул гардад. Дар сатҳи маҳаллӣ бошад, мувофиқан, ибораи «мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия» роиҷ дониста мешавад. Бо назардошти таҳлили андешаҳо, мо чунин мафҳуми мақомоти ҳокимияти иҷроияро, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ баён шудааст, ояндабахш меҳисобем: «Ниҳоди мустақили давлат, ки ба мақсади иҷрои қонунҳо фаъолияти иҷроия-амрдиҳандаро дар раванди идораи давлатии соҳаҳои иқтисодиёт, рушди иҷтимоӣ ва маъмурӣ-сиёсии ҳаёти ҷомеа амалӣ менамояд ва тавассути тартиби махсус салоҳияти ҳуқуқмуайянкуни (меъёрэҷодкуни)-ро соҳиб шудааст».

3) Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар сатҳи маҳаллӣ унсури таркибии низоми ягонаи ҳокимияти иҷроияи ҶТ баромад мекунад. Дар моддаи 1-и Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» таърифи зуҳуроти баррасишаванда дар чунин таҳрир баён шудааст: «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – мақомоте, ки дар ҳудуди воҳидҳои маъмурию ҳудуди дахлдор иҷрои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро таъмин менамоянд». Чунин таърифи дар қонунгузорӣ мустаҳкамшуда хислати умумӣ дошта, вижагиҳои хоси мақомоти сатҳи мазкурро дар бар намегирад.

Бо назардошти баёни мавқеи худ пешниҳод дорем, ки меъёри дахлдори Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия – ҷузъи таркибии низоми ягонаи ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар доираи салоҳияти худ фаъолияти иҷроия-амрдиҳандаро оид ба идораи давлатии маҳаллӣ амалӣ менамоянд».

4) Қонунгузор сарчашмаи маблағгузориро ҳамчун асоси тафриқагузории мақомоти маҳаллии идора муқаррар намуда, дар такя ба чунин тафриқагузорӣ Ҳукумати ҷумҳурӣ бо қарори №115 аз 3 марти соли 2011 сохтори намунавии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро тасдиқ кард. Ба сохтори

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд назар афканда, мутаассифона, муайн карда шуд, ки мақомоти дар қарори зикргардидаи ҳукуматӣ нисбат ба вилояти Суғд дар як вакт ба сохтор ё нақшаи идоракунии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дохил карда шудаанд, ки ба ин ҳолат консепсияи тафриқагузории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии муайян намудани меъёрҳои қонунгузорӣ мувофиқат намекунад. Дар баробари ин, чандин мақомоти навтаъсиси дигар дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №115 онҳо ёдрас нашудаанд ва чунин гумон бурда мешавад, ки онҳо дар доираи нақшаи идораи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия фаро гирифта шудаанд.

Зарур шуморида мешавад, ки дар боби 3-юми Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» вазъи ҳуқуқии тамоми сохторҳои идоракунии маҳаллӣ, аз ҷумла, сохторҳои ба низоми мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ дохилшавандаро мустаҳкам намуда, нисбат ба онҳо меъёрҳои қонунгузории маъмурӣ ҷиҳати сохти ташкилӣ мутобиқ сохта шавад.

Ба ҳалли масъалаҳои ба низом даровардани сохторҳои ташкилӣ дар сатҳи маҳаллӣ диққат дода, барои ҳалли он метавон тавассути таҳияи Нақшаҳои идораи маҳаллӣ дар ҳар як сатҳи воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ бо ҷалби тамоми воҳидҳои соҳавӣ ва функсионалии ҳам тобеи бевоситаи раис ва ҳам тобеи мақомоти идораи марказӣ, инчунин, корхонаю ташкилотҳое, ки ба моликияти коммуналӣ дахл доранд, мусоидат намуд. Бинобар ин, мо мувофиқи мақсад мешуморем, ки моддаи 8-уми Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», ки ба ваколатҳои мақомоти намояндагии маҳаллӣ бахшида шудааст, бо меъёри аз ҷониби онҳо тасдиқ намудани ин нақшаҳо бо пешниҳоди раисон илова карда шавад.

5) Боиси қайд аст, ки дар танзими ҳуқуқии рушди ташкилӣ дар маҳалҳо солҳои зиёд як камбудии дигар вуҷуд дорад ва он ба мустаҳкам намудани шакли ташкилии ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ алоқаманд дониста мешавад.

Дар бобати ба тартиб даровардан ва мустаҳкам намудани шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар сатҳи зинаи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон ибратбахш ҳисобида мешавад. Дар ин кишвар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимият «Акимат»-и вилоят, шаҳр, ноҳия шуморида мешавад, ки ба онҳо «Аким» роҳбарӣ (сарварӣ) менамояд. Тавре ки мушоҳида мешавад, дар ин маврид, қонунгузори хориҷӣ шакли ташкилии ҳуқуқии ҳокимияти иҷроияро дар сатҳи маҳаллӣ равшан нигоҳ дошта, вазъ (мавқе)-и ҳуқуқии шахси мансабдори онро муқаррар кардааст.

Мо чунин мешуморем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд дар сатҳи қонунгузорӣ шакли ташкилию ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия мустаҳкам карда шавад ва барои ифодаи он истилоҳи «садорат» қобили қабул ба назар мерасад. Барои ифодаи роҳбар (сарвар)-и идораи маҳаллӣ номи «садр» (сардор) мувофиқи мақсад шуморида мешавад.

## 2.2. Вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия

Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия дар доираи ваколат ва салоҳияти дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинишуда ба амалӣ намудани ҳокимияти иҷроия дар маҳал нақши ҳалкунанда дорад. Раис унсури муайянкунандаи идораи маҳаллӣ маҳсуб ёфта, дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ воҳиди маъмурию ҳудудии дахлдор нақши калидӣ мебозад. Фаъолияти бомароми мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маҳсули роҳбарии раис мебошад. Амалисозии босалоҳонаи ваколатҳо аз ҷониби раис гарави фаъолияти натиҷабахши ҳокимияти иҷроия баромад менамояд, ки ба он Президенти кишвар сарварӣ дорад.

Натиҷаи инкишофи вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии маҳал, ки нишондиҳандаи натиҷаи фаъолияти раис мебошад, маҳз, ба ин мансабдор алоқаманд ҳисобида мешавад. Раис дар доираи салоҳияти худ ба мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сарварӣ менамояд. Аз сабаби он ки дар таҷрибаи давлатдории шуравӣ ва чанд

соли аввали баъди соҳибистиқлолии кишвар чунин шахси мансабдори маҳаллӣ вуҷуд надошт, ин ҳолат боиси душворӣ дар таҳлили илмии вазъи ҳуқуқии ниҳоди мазкур мегардад. Тасаввуроти сатҳии кормандони алоҳидаи амалӣ ва мавҷудияти меъёрҳои духӯраи ҳуқуқӣ, ҳамчунин, ғайрифаъол будани мақоми қонунгузори кишвар дар тафсири қонунҳо боиси нофаҳмиҳо дар амалияи идорӣ мегардад, ки аз ҷумлаи он аз доираи салоҳият баромадани иҷрокунандаи вазифаи раис мебошад. Ин ҳолат, бо дарназардошти ҷамъбасти амалияи идорӣ аз тарафи муаллифон пешниҳодро ҷиҳати дар сатҳи қонунгузорӣ ба таври тафриқавӣ мустаҳкам кардани ваколатҳои раис ва иҷрокунандаи вазифаи раис асоснок менамоянд.

Дар низоми мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ раиси вилоят, шаҳр, ноҳия нақши калидӣ дорад, ки бо доираи васеи салоҳияти ӯ дар масоили идораи маҳаллӣ муайян мегардад. Асосҳои вазъи ҳуқуқии шахси мансабдори мазкур дар боби IV Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда, ваколатҳои он дар санадҳои қонунгузории миллӣ ривоҷ меёбад. Ислоҳоти сеюми конститутсионӣ, ки 22 майи соли 2016 иқдом гардид, аз ҷумла, таҳрири ҷолиброба боби мазкур ворид намуд[192].

Аввалан, унсурҳои ҳокимияти маҳаллӣ тафриқавӣ ёдрас шудаанд, ки дар номгузории боб ифода ёфт. Сониян, моддаи 76-и Конститутсияи ҷумҳурӣ дар мазмуни нав баён шуда, истилоҳи «раис – намояндаи Президент» хориҷ гардид. Бо эътимоди зиёд изҳор намудан мумкин аст, ки иқдоми мазкур паёмади ғайритаҷаммуи минбаъдаи идораи маҳаллӣ мегардад.

Чӣ тавре ки ишора намудем, бинобар сабаби дар таҷрибаи давлатдории шуравӣ ва чанд соли аввали баъди Истиқлоли давлатии ҶТ, чунин мансабдори маҳаллӣ вуҷуд надошт, ба андешаи мо, ин ҳолат боиси душворӣ дар таҳлили илмии вазъи ҳуқуқии мансаби мазкур мегардад. Масалан, дар «Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» зимни тавсифи меъёрҳои дахлдори конститутсионӣ ибораҳои

---

192 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Шарқи озод, 2016. – С.25.

«раиси мақомоти маҳаллӣ» ё «раиси ҳокимияти маҳаллӣ» истифода шудаанд, ки дар матни Конститутсияи ҷумҳурӣ ҷой надоранд[193]. Истифодаи истилоҳоти ихтиёрӣ метавонад нисбат ба низоми идораи давлатии кишвар тасаввуроти ғалат тавлид созад ва ба хулосаҳои баҳснок боис гардад.

Дар мавриди тавсифи қолаби ҳокимияти иҷроия дар маҳал ва бахусус, шарҳи вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия (минбаъд – раис) эҳтиёткор мебояд буд. Кӯшишҳои таҳлили мабдаии вазъи ҳуқуқии раис дар адабиёти ҳуқуқии миллӣ аллакай иқдом шудаанд[194]. Вале вазъи ҳуқуқии ин мансабдори давлатӣ бо назардошти нақш ва аҳаммияти муайянкунанда дар ташкили идораи маҳаллӣ ба таҳлилҳои амиқ ва ҳамаҷониба ниёз дорад.

То тағйиру иловаҳои сеюм ба Конститутсияи мамлакат вазъи раис бо анҷоми се функсияи хизматӣ муайян мегашт: якум, намояндаи Президент дар маҳал, яъне воҳиди маъмурию ҳудудии дахлдор – вилоят, шаҳр ва ноҳия; дуюм, сарварӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; сеюм, роҳбарӣ ба мақоми намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – Маҷлиси вакилони халқи дахлдор.

Ду самти аввал раисро бо ҳокимияти иҷроия пайваст намуда, самти охир ӯро тавъами мақоми намояндагӣ тавсиф медиҳад. Иқдоми пешашуда, ки қисми 1 моддаи 78-и Конститутсияи ҷумҳуриро дар таҳрири нав баён намуд, қадами навбатии устувор дар роҳи бардоштани «парда»-и сиёсӣ аз мансаби раис ва таҷдиди минбаъдаи фаъолияти он дар самти табдил ба мансабдори маҳаллии маъмурию хоҷагӣ арзёбӣ мегардад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳангоми ташкили ҳокимияти умум дар маҳал чунин омилҳо ба монанди вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа, авзои сиёсӣ, таҷрибаи таърихии кишвар ва ғайра ба назар гирифта шуда, тарҳҳои зиёди

---

[193] Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири М.А. Маҳмудов. – Душанбе, 2009. – С.105.

[194] Раззоков Б.Х. Некоторые проблемы в правовом положении председателя области, города, района // Вестник Таджикского национального университета. 2012. – №3/7. – С.69-75.

идоракунии маҳаллӣ ташаккул ёфтаанд. Масалан, дар Федератсияи Россия се вазифаи функсионалиеро, ки дар боло зикр гардид, дар низоми идораи давлатӣ шахсони мансабдори алоҳида амалӣ менамоянд. Тарзи дигари идораи минтақавӣ, ки ба таҷаммуи ваколатҳои ҳокимиятӣ дар як воҳиди мансабӣ асос меёбад, дар Фаронса солиёни зиёд ҷой дошт. Дар ин давлат таҷрибаи фаъолияти префектҳо, ки намояндагони ҳокимияти марказӣ дар маҳал буданд, ба ҳолати ҳуқуқии раисони воҳидҳои марзию маъмурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат шабоҳат дорад. Дар Фаронса ниҳоди мазкур аз соли 1802 то соли 1982 фаъолият кардааст[195] .

Вазъи ҳуқуқии раис бо доираи ваколатҳо муайян мегардад, ки дар маҷмуъ, салоҳияти ӯро дар рушди иктисодию иҷтимоии воҳиди дахлдори маъмурию ҳудудӣ ифода намуда, нақши ин мансабро дар низоми идораи маҳаллӣ нишон медиҳанд. Ба масоили ваколатҳо ва фаъолияти раис бевосита боби 3-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳалллии ҳокимияти давлатӣ» бахшида шудааст[196]. Вале, заминаи ҳуқуқии фаъолияти раис танҳо бо Қонуни конститутсионии мазкур маҳдуд нагардида, он қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро низ дар бар мегирад.

Зимни баррасии салоҳияти раис дар адабиёти ҳуқуқӣ гурӯҳбандии мухталифи ваколатҳои он пешниҳод шудаанд. Давлатшиноси шинохтаи тоҷик А.И. Имомов салоҳияти раисро шартан ба соҳаҳои зерин тақсим менамояд: ташкили кори Маҷлиси дахлдори вакилони халқ; ташкили иҷрои қонунҳо ва таъмини риояи тартиботи ҷамъиятӣ; тартиб додани нақшаи инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии воҳиди маъмурию ҳудудӣ, муносибатҳои буҷетӣ ва молиявӣ; ҳалли масъалаҳои ҷобаҷогузории кадрҳо ва идораи соҳаҳои хоҷагӣ, назорати кори онҳо; ташкил ва барҳам додани сохторҳои мақомоти маҳаллӣ ва дастгоҳи иҷроия; роҳбарӣ ба кори раисони поёнӣ ва

---

[195] Брэбан Г. Французское административное право. –М., 1988. – С.74.

[196] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, –№5, – мод. 399.

сарфароз намудан ба мукофотҳои давлатӣ; намояндагии вилоят, шаҳр, ноҳия дар ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар[197].

Таснифи салоҳияти раис вобаста ба ҷой дар низоми мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ду гурӯҳ – сарварии мақоми намояндагӣ ва роҳбарии мақомоти иҷроия низ ояндабахш мебошад. Масалан, таснифи салоҳияти раис вобаста ба амалисозии ҳокимияти иҷроия дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ пешниҳод шудааст: дар соҳаи ташкили иҷрои қонунҳо, дигар санадҳои ҳуқуқӣ, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ; дар соҳаи таъсис ва таҷдиди сохторҳо; дар соҳаи ҷобаҷогузории кадрҳо ва назорати фаъолияти онҳо; дар соҳаи таҳия ва амалисозии барномаҳо, ободонии воҳиди дахлдор[198]. Ғайр аз ин, нисбат ба тафриқаи салоҳияти раис, ки дар қонунҳо мустаҳкам шудаанд ва дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гаштаанд, низ ибрози андеша мешавад[199] .

Мусаллам аст, ки ҳар кадом аз таснифоти пешниҳодшуда арзандаи таваҷҷуҳ буда, дар таҳлили ҳар чи амиқтари вазъи ҳуқуқӣ ва салоҳияти раис мусоидат мекунанд.

Аҳаммият ва нақши чунин субъекти калидӣ дар маҳал дар он зоҳир мегардад, ки тибқи қонунгузорӣ раиси вилоят, шаҳр, ноҳия дар доираи ваколати худ оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, таъмини амнияти шаҳрвандон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо чораҳо меандешад. Зеро ки тартиботи ҷамъиятӣ вазъи мураттабгаштаи муносибатҳои ҷамъиятиро дар назар дошта, бо тартиботи ҳуқуқӣ зич алоқаманд аст. Ба ҳар ду зуҳурот сатҳи баланди муташаккили хос буда, самарабахшии таъмини онҳо хислати маҷмуӣ дорад. Бидуни тартиботи ҷамъиятӣ тартиботи ҳуқуқӣ вуҷуд надорад ва бидуни тартиботи ҳуқуқии босубот тартиботи ҷамъиятӣ пойдор нахоҳад буд. Аз ин хотир, дар маҷмуи

[197] Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Нашри сеюм. –Душанбе: Эр-граф, 2012. – С. 477.

[198] Раззоқов Б.Ҳ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарвари ҳокимияти иҷроия. –Душанбе: Ирфон, 2010. – С.185.

[199] Абдуллоева Д.Ф. Конституционно-нравовое регулирование деятельности председателя местных исполнительных органов государственной власти в Республике Таджикистан // Право: современные тенденции: материалы II Междунар. науч. конф. – Уфа, 2014. – С.49-52.

омилҳои таҳкимбахшандаи тартиботи ҷамъиятӣ дар сатҳи маҳаллӣ фаъолияти мураттаби ҳама сохторҳои иҷроиявӣ ва бахусус, тамоси ҳамоҳанги мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муҳимму рӯзмара арзёбӣ мегардад, ки ташаббуси самараноки ташкилии раис дар раванди ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал нақши мусбат касб хоҳад намуд. Инчунин, раис ҳангоми рӯй додани офатҳои табиӣ, эпидемия ва дигар ҳолатҳои фавқулода тадбирҳои зарурӣро амалӣ мегардонад. Ӯ иҷрои Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, санадҳои Президент ва Ҳукумати кишвар, мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, Маҷлиси депутатҳои халқи воҳиди дахлдорро таъмин менамояд.

Раис бо тартиби муқарарнамудаи қонун назди роҳбарони мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия оид ба фаъолияти сохторҳои маҳаллии онҳо дар сурати иҷро накардани талаботи қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон, санадҳои худи раис пешниҳод манзур менамояд. Зимнан, қонунгузорӣ кафолати иловагии таъмини ин ваколати раисро пешбинӣ намудааст: дар ҳолати аз ҷониби сохторҳои маҳаллии мақомоти марказӣ бартараф накардани камбудиҳо раис хулосаи худро ба унвони Президент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод мекунад. Ғайр аз ин, раис қабули аҳолиро ба роҳ монда, арзу шикоят ва таклифҳои шаҳрвандонро баррасӣ менамояд, ки ба сифати кафолати давлатии татбиқи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд баромад мекунад.

Бояд илова намуд, ки дар низоми идораи маҳаллӣ, ба ғайр аз раис, мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ низ фаъолият доранд. Душворӣ дар таҳлили вазъи ҳуқуқии ин мақомот аз он иборат аст, ки сохторҳои иҷроияи маҳаллӣ аз танзими анъанавии конститутсионӣ-ҳуқуқӣ берун мондаанд. Ҳарчанд Конститутсияи ҶТ дар масъалаи ташкили ҳокимияти маҳаллии давлатӣ мафҳуми «мақомоти иҷроия»-ро истифода барад ҳам, он танҳо ба вазъи ҳуқуқии раис алоқаманд дониста мешавад. Дар адабиёти илмӣ ба ин камбудӣ ишора шуда, асоснок таъкид мегардад, ки

ҳокимияти иҷроия дар маҳал танҳо бо фаъолияти раис маҳдуд нагашта, бо маҷмуи васеи сохторҳои идора таъмин мегардад. Дар сатҳи маҳаллӣ сохторҳое фаъолият менамоянд, ки шомили ҳокимияти иҷроия буда, вазифаи муайяни функсионалиро ба уҳда доранд. Баъзе аз онҳо низоми хоси ташкилӣ дошта, ба раис мустақиман итоат намекунанд.

Бо ворид намудани тағйиру иловаҳо аз 3-юми декабри соли 2009 ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» тарҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ифодаи равшантар касб намуд. Акнун дар он ду гурӯҳ унсур дақиқ фарқ карда мешаванд: сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раис ва сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия. Ба гурӯҳи аввал сохторҳое шомил дониста мешаванд, ки дар нақшаи идоракунии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия қарор надошта, роҳбарони онҳо бевосита аз ҷониби раис ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд. Сохторҳои гурӯҳи дуюм чун воҳиди мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия тавсиф дода мешаванд, ки дар ҳудуди воҳиди маъмурию ҳудудии дахлдор дар доираи ваколати худ вазифаҳои мақомоти иҷроияи марказиро амалӣ менамоянд.

Сохторҳои баррасишаванда бо сатҳи мустақилияти худ фарқ мекунанд ва аз ин боис, мафҳуми «сохтор» мухторияти маъмурии онҳоро ифода намекунад. Пӯшида нест, ки дар амалияи идора, маҳз, ҳамин номгӯйи мақомоти иҷроия ҳаҷми асосии санадҳои татбиқи ҳуқуқро ирсол намуда, моҳиятан фаъолияти ташкилкунандагии давлатро инъикос мекунанд.

Раис дар моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳалллии ҳокимияти давлатӣ» ҳамчун мақоме тавсиф дода мешавад, ки ҳокимияти иҷроияро дар доираи воҳиди маъмурию ҳудудии дахлдор амалӣ намуда, ба мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ сарварӣ менамояд. Дар тасвиби мазкур нуқсони ҷиддӣ ҷой дорад, зеро

тасаввурот пайдо мешавад, ки ба мақомоти намояндагӣ ва иҷроия дар сатҳи маҳаллӣ боз як мақоми дигар сарварӣ менамояд.

Ин зайл тавсиф ба тарҳи конститутсионии ҳокимияти давлатии маҳаллӣ мувофиқат намекунад. Таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ, муқоисаи ваколатҳои раис ва мақоми намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ошкор месозанд, ки қонунгузорӣ аз мавқеи афзалиятноки Маҷлиси вакилони халқ дар тарҳбандии ҳокимияти маҳаллӣ бармеояд. Аз ҷумла, санадҳои ҳуқуқии нисбатан муҳимми раис ба тасдиқи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод шуда, мақоми намояндагии мазкур ҳуқуқ дорад, ки санадҳои раисро бекор намояд. Вале раис салоҳияти бекор кардан ё боздоштани санадҳои мақоми намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатиро надорад, ӯ танҳо метавонад назди худи мақоми намояндагӣ ё мақоми болоӣ дар ин бора масъалагузорӣ намояд. Аз ин боис, зарурати дар таҳрири нав баён намудани меъёри дахлдори Қонуни конститутсионии дар боло номбурда ҷой дорад.

Масъалаи дигари марбут ба салоҳияти раис, ки ба тавзеҳ ва танзими тафриқавӣ ниёз дорад, бо вазъи ҳуқуқии иҷрокунандаи вазифаи раис рабт дода мешавад. Тавре маълум аст, тибқи талаботи қонунгузорӣ раис, чун қоида, аз ҷумлаи вакилони Маҷлиси вакилони халқи дахлдор таъин карда мешавад. Акси ҳол, шахс иҷрокунандаи вазифаи раис таъин карда шуда, баъди вакил интихоб шуданаш бо тартиби муқарраршуда ба вазифа таъин ва барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад. Ба ибораи дигар, дар ин маврид, нисбат ба шахс ду маротиба фармони дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр мешавад: аввал, дар бораи таъин намудан ба мансаби «иҷрокунандаи вазифаи раис» ва сипас, дар бораи таъин намудан ба мансаби «раис» – баъди вакили маҳаллӣ интихоб шудан.

Дар амалияи идорӣ, баъзан, хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии иҷрокунандаи вазифаи раис ва салоҳияти ӯ сарфи назар карда мешаванд. Аксар кормандони амалӣ дар он андешаанд, ки байни салоҳияти раис ва иҷрокунандаи вазифаи раис ҳеҷ тавофут нест. Ба андешаи мо, чунин мавқеъгирӣ маҳсули шиносоии

рӯякӣ бо қонунгузорӣ ва меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ буда, ба амалҳои аз нигоҳи ҳуқуқӣ баҳснок боис мегардад. Мисоли равшани он аз ҷониби иҷрокунандаи вазифаи раис ирсол шудани қарор дар бораи даъвати иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор шуда метавонад. Дар мавриди вакил набудани иҷрокунандаи вазифаи раис, ӯ ҳуқуқи бевосита даъват намудани мақоми намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатиро надорад. Шояд, нофаҳмӣ аз он боис сар мезанад, ки дар моддаҳои 20 ва 21-и Қонуни конститусионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» (минбаъд – Қонуни конститутсионӣ), ки салоҳияти раисро мустаҳкам мекунанд, нисбат ба ин масъала ишораи алоҳида мавҷуд нест. Вале шиносоӣ бо моддаҳои дигари Қонуни конститутсионии мазкур ва такя ба мантиқи ҳуқуқӣ ба матраҳи дурусти ин масъала имкон медиҳанд.

Аз мазмуни қисми 2 моддаи 12-и Қонуни конститутсионӣ бармеояд, ки иҷлосияҳои Маҷлиси вакилони халқ аз тарафи раис даъват карда мешаванд, вале дар ҳолати набудани ӯ иҷлосияро яке аз муовинонаш, ки вакили Маҷлиси вакилони халқ мебошад, даъват менамояд[200]. Тавре аз мазмуни меъёри мазкур бармеояд, ваколати шахси мансабдори дахлдор бо доштани вазъи ҳуқуқии вакили маҳаллӣ алоқаманд карда шудааст. Ин хулоса нисбати иҷрокунандаи вазифаи раис низ паҳн мешавад, зеро ибораи «набудани онҳо», аз ҷумла, вазъи ҳуқуқии раис надоштани шахсро ҳам дар бар мегирад. Ғайр аз ин, аз нигоҳи мантиқӣ шахсе, ки ҳанӯз худ вакил нест, ба кори Маҷлиси вакилони халқ роҳбарӣ карда наметавонад. Иҷрокунандаи вазифаи раис ваколатҳои дар сархатҳои 1 то 5 қисми 1-уми моддаи 20-и Қонуни конститутсионӣ пешбинишударо амалӣ карда наметавонад. Аз ин рӯ, бахри дуруст ҳидоят намудани амалияи идорӣ ва пешгирӣ аз ҳолатҳои баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ ворид намудани чунин мушаххасот ба қонунгузорӣ муфид арзёбӣ мегардад. Ғайр аз ин, дар заминаи ҷамъбасти

[200] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, –№5, –мод. 399.

таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ фаъол намудани тафсири қонунҳо аз ҷониби мақоми қонунгузори кишвар тақозои замон шуморида мешавад.

Масъалаи дигаре, ки дар амалия боиси нофаҳмиҳо мегардад, бо расмиёти ба мансаб тасдиқ шудани раис дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор алоқаманд мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми баррасии масъалаи мазкур вакилони маҳаллӣ дар расмиёти амали худ душворӣ мекашанд. Барои онҳо норавшан мемонад, ки бояд ба чӣ мазмун санад қабул намоянд: дар бораи тасдиқи фармони дахлдори Президенти ҷумҳурӣ ва ё дар бораи тасдиқи шахсияти мушаххас ба мансаби раис ё дигар?

Ба ин масъала ҳам меъёрҳои конститутсионӣ ва ҳам Қонуни конститутсионӣ дахл менамоянд. Аз ҷумла, дар сархати 5 моддаи 69-и Конститутсияи мамлакат, ки салоҳияти Президенти ҷумҳуриро мустаҳкам мекунад, чунин омадааст: «раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси дахлдори вакилони халқ пешниҳод мекунад»[201]. Бо ҳамин мазмун меъёр дар моддаи 18-и Қонуни конститутсионӣ ҷой дошта, илова мегардад, ки агар Маҷлиси вакилони халқи дахлдор раисро тасдиқ накунад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад ӯро такроран ба Маҷлиси вакилони халқ барои тасдиқ пешниҳод намояд ё шахси дигарро ба ин вазифа таъин намуда, барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқ пешниҳод намояд[202].

Бояд тазаккур дод, ки нисбат ба иштибоҳ будани қаринаи аввал, яъне тасдиқи фармони сардори давлат аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ, дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ асоснок ибрози андеша шудааст[203]. Азбаски таъин ва озод намудани раис пурра ба салоҳияти Президенти ҷумҳурӣ тааллуқ дорад, пешниҳод ба мақоми маҳаллии намояндагӣ танҳо ба хотири раиси Маҷлиси вакилони халқи дахлдор шудани ӯ анҷом дода мешавад. Маҷлиси вакилони

[201] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. – С. 21.

[202] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004. –№5. –М.399.

[203] Раззоқов Б.Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия. –Душанбе, 2007. – С.200.

халқ нисбат ба сарвари нави мақоми намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (раиси Маҷлиси вакилони халқи дахлдор) ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия мавқеи худро муайян менамояд. Бо санади мақоми намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ на шахсияти мушаххас, балки таъин шудан ба мансаби раис тасдиқ мешавад. Аз мансаби раис озод шудан низ бо ҳамин минвол тасдиқ мегардад.

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ нисбат ба такмили минбаъдаи тарҳи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ андешаҳои зиёд баён шудаанд. Гурӯҳе аз олимони соҳаи давлатшиносӣ – А.И. Имомов, А.М. Диноршоев, Д.Ф. Абдуллоева пешниҳод доранд, ки принсипи таҷзияи ҳокимият дар сатҳи маҳаллӣ низ ҷорӣ гашта, раис аз функсияи роҳбарӣ ба мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ озод карда шавад[204]. Намояндагони мактаби маъмурии ҷумҳурӣ низ нисбати ҳамин масъала андешаронӣ намудаанд. Масалан, Б.Ҳ. Раззоқов пешниҳод менамояд, ки ҳамчун қадами ававал раисон на бо фармон, балки бо амри Президенти ҷумҳурӣ ба мансаб таъин гарданд[205]. Ба андешаи олим ин амал баҳри бардоштани «пардаи сиёсӣ» аз мансаби раисон ва табдили минбаъдаи онҳо ба мансабҳои калидии хоҷагидорию менеҷерӣ дар сатҳи идораи маҳаллӣ мусоидат хоҳад кард. Воқеан ҳам, Конститутсияи ҷумҳурӣ таъину озод намудани раисонро ба салоҳияти Президенти мамлакат муттаалиқ дониста (б.5 м.69), шакли ҳуқуқии санадро муайян накардааст ва ин ҳолат имкон медиҳад, ки пешниҳоди мазкур дар доираи қонунгузории ҷорӣ матраҳ гардад.

Ба андешаи мо, тафриқаи функсияҳои раис нисбат ба сарварӣ ба мақоми намояндагии маҳаллӣ самти ояндабахш мебошад, зеро ба баланд бардоштани сатҳи масъулияти ҳомилони ҳокимияти иҷроия, шахсони мансабдор мусоидат менамояд. Вале набояд ба шитобкорӣ роҳ дод. Пеш аз ҳама, таҳкими иқтидори

---

[204] Имомов А.И. Мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2007.– С. 44; Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. –Душанбе, 2007. – С.52; Абдуллоева Д.Ф. Конституционно-правовой статус местных представительных органов государственной власти // Наука и инновация. Серия гуманитарных наук. 2014. –№ 2. – С.86.

[205] Раззоков Б. Х. Проблемы теории и практики организации исполнительной власти Республики Таджикистан: дис… д-ра юрид. наук. –Москва. 2014. – С.241.

зеҳнӣ ва ташкилии Маҷлисҳои вакилони халқ, баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ, фарҳанги муошират ва малакаи идории вакилони маҳаллӣ зарур аст. Акси ҳол, хавфи сар задани дуҳокимиятӣ дар сатҳи маҳаллӣ эҳтимол дорад, ки дар ниҳояти кор ба самаранокӣ ва натиҷабахшии идораи давлатӣ метавонад таъсири манфӣ расонад.

Чун қадами аввал метавон аз таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистон истифода бурд, ки пешбарии иҷлосияи мақоми намояндагии маҳаллӣ ва омодасозии рӯзномаи он ба зиммаи яке аз вакилони маҳаллӣ вогузор мегардад. Ин вазифаро вакилони маҳаллӣ бо навбат – ҳар як даъват ба уҳда гирифта, дар муҳлати он бо нигоҳ доштани музди миёнаи маош аз ҷойи кори асосӣ озод карда мешаванд[206].

Расмиёти таъину озод намудани раис низ ба такмил ниёз дорад. Мо андешаи Б.Ҳ. Раззоқовро нисбати нодуруст будани пешниҳоди фармони Сардори давлат ба манзури мақоми намояндагии маҳаллӣ ҷонибдорӣ менамоем[207]. Ҳамзамон, таклифи Ҷ.Ш. Қодиров нисбати мувофиқасозии қаблии номзад ба мансаби раис бо мақомоти намояндагии маҳаллии дахлдор аз ҷониби субъектони ваколатдор низ арзандаи таваҷҷуҳ мебошад: субъекти пешниҳоди номзад ба мансаби раиси ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – Ҳукумати мамлакат ва ба мансаби раисони шаҳру ноҳияҳо - раисони вилоятҳо ва шаҳри Душанбе[208].

Вале, тартиби пешниҳодшуда чанд муаммои нави ташкилиро ба вуҷуд меорад: аввалан, номуайян аст, ки зимни мувофиқасозии номзад дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ кӣ раисӣ мекунад ва ба санадҳои он имзо мегузорад. Сониян, аниқ нест, ки дар ҳолати рад кардани номзад аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ масъала бо кадом роҳ матраҳ мегардад.

---

[206] Сапаргалаиев Г.С. Конституционное право Республики Казахстан. –Алм-ата, 2001. – С.168.
[207] Раззоқов Б.Ҳ. Идораи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои ҳуқуқии назария ва амалия. –Душанбе, 2007. – С.177.
[208] Кодиров Дж.Ш. Конституционно-правовые основы организации и деятельности местных исполнительных органов государственной власти в Республике Таджикистан: дис.... к.ю.н. –Душанбе, 2021. – С.61.

Дилхоҳ расмиёти иловагӣ танҳо дар мавриди таъсири мусбат ба идораи давлатии маҳаллӣ самара меорад. «Мувофиқасозии қаблӣ» василаи дарёфти таовуни манфиатҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ шуда наметавонад, зеро табиати ҳокимияти иҷроия, ки дар қобилият ва имконияти таъсиррасонӣ ба муносибату равандҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад, бо зудҷараёнӣ фарқ мекунад[209]. Мусаллам аст, ки таклифҳо нисбат ба такмили минбаъдаи ташкили ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ ба хотири баланд бардоштани масъулияти раис ва мақомоти иҷроияи маҳаллӣ дар назди мақоми намояндагии маҳаллӣ ва аҳолӣ садо медиҳанд. Роҳи оқилонаи матраҳи ин масъала дар марҳилаи муосир таҳкими иқтидори ташкилии мақомоти намояндагии маҳаллӣ ва аз ҷониби сатҳи сиёсӣ (Президенти ҷумҳурӣ) мустақиман бидуни мувофиқа таъину озод намудани раисон мебошад.

Ба андешаи мо, дар фаъолияти раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия боз чунин норасоӣ дар самти татбиқи ваколатҳо вуҷуд дорад. Қонунгузории амалкунандаи кишвар дар сатҳи олии ҳокимияти иҷроияи чумҳурӣ, махсусан, дар фаъолияти Ҳукумати мамлакат ба он таҷассуми ҳуқуқӣ додааст. Дар банди 6 моддаи 12-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар шудааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳудуди маблағҳое, ки дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъминоти мақомоти идоракунии давлатӣ муқаррар шуданд, таъсис диҳад ва низомномаи онҳоро тасдиқ намояд[210].

Дар навбати худ, моддаи 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ», ки ба ваколатҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр

---

[209] Бельский К.С. О функциях исполнительной власти // Государство и право. 1997. – №3. – С.70.

[210] Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон"Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 12 майи соли 2001, №28 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 08.04.2023).

ва ноҳия бахшида шуда, ба раис имкони ҳуқуқии «таъсис ва барҳам додани ташкилотҳо, муассисаҳо ва корхонаҳои давлатиеро, ки ба моликияти коммуналии дахлдор асос ёфтаанд», пешбинӣ менамояд ва таъкид менамояд, ки ин амал бояд бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шавад.

Аммо, омӯзиши дар санади қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои ваколатҳои раис дар самти тасдиқи асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ташкилоту муассиса ва корхонаҳо, яъне ҳуҷҷати меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо «низомнома ва оиннома» бидуни танзими ҳуқуқӣ арзёбӣ мешавад.

Қобили зикр аст, ки мавзуи баррасишаванда дар бандҳои 2 ва 3-и моддаи 28-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мустаҳкам шуда, дар он мафҳум ва моҳияти чунин санадҳо оварда шудааст. Тибқи қонуни мазкур, «Низомнома санади меъёрии ҳуқуқиест, ки ба таври дақиқ вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо, ҳамчунин, муносибатҳои мутақобилаи онҳоро бо дигар мақомот, ташкилот, муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян менамояд» ва «Оиннома санади меъёрии ҳуқуқиест, ки вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо, ҳамчунин, муносибати онҳоро бо мақомоти давлатӣ, дигар ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян менамояд»[211].

Дар ин маврид, мавқеи санади қонунгузорӣ асоснок ва дуруст арзёбӣ мегардад, зеро ягон ташкилот, муассиса ё корхонаи давлатие, ки дар сатҳи маҳаллӣ фаъолият мекунанд, наметавонад бидуни санади ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти он амал кунад. Инчунин, маҳз, низомнома ё оиннома шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилот, муассиса ё корхона, муносибатҳоро бо дигар шахсони ҳуқуқӣ ва сохтори онро муайян намуда, вазъи ҳуқуқии кормандони онҳоро муайян менамояд. Бо камоли боварӣ

[211] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, № 1414 "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 08.04.2023).

гуфтан мумкин аст, ки раис дар фаъолияти пайгиронаи худ низомнома ва оинномаҳои ташкилоту муассиса ва корхонаҳоеро, ки дар ҳудуди воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ фаъолият мекунанд, тасдиқ мекунад.

Аз ин рӯ, бо мақсади танзим ва ба таври ҳуқуқӣ мустаҳкам намудани ваколатҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия оид ба тасдиқи низомнома ё оинномаҳои ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳое, ки дар ҳудуди муайян фаъолият мекунанд, ифодаи банди 28-и моддаи 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ» аз 17 майи соли 2004, №28 дар таҳрири зерин мувофиқи мақсад шуморида мешавад: «Ташкилотҳо, муассисаҳо ва корхонаҳои давлатиеро, ки ба моликияти коммуналии дахлдор асос ёфтаанд, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам медиҳад ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «низомнома ва оинномаҳо»-и онҳоро тасдиқ менамояд.

Дар қатори масоили баррасӣ дар доираи мавзуъ самти дигари фаъолияти раис вобаста ба вазифа таъин намудан ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шуда, дар санадҳои қонунгузорӣ баъзе норасоиҳо мушоҳида карда шуд, ки ба назари мо ба такмили минбаъда ниёз дорад. Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» омадааст, ки роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, ки аз буҷети маҳаллии дахлдор маблағгузорӣ мешаванд, аз тарафи раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия бо розигии хаттии роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

Роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, аз тарафи роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ бо розигии хаттии раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд. Дар ҳар маврид, қарорҳои қабулшуда барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод карда мешаванд.

Ба назари мо, ин қонуни конститутсионӣ ду роҳи таъини роҳбарони сохторҳои давлатиро дар маҳалҳо муайян кардааст, ки меъёри асосии он «манбаи маблағгузорӣ» мебошад.

Вобаста ба ин, тибқи талаботи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ишғол намудани мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ бо роҳи озмун сурат мегирад ва Қоидаҳои гузаронидани озмунро Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани «Озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ», ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар мекунад.

Мутобиқи муқаррароти банди 3 ҳамин модда ишғоли мансабҳои категорияи олӣ бе озмун сурат мегирад. Дигар ҳолатҳои бе озмун ишғол намудани мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тибқи «Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» муайян карда мешаванд[212].

Феҳристи мансабҳои давлатӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737 тасдиқ шудааст, дар маҳалҳо ба вазифаҳои сиёсии хизмати давлатӣ вазифаҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раиси вилоят, раиси шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва вазифаи муовини якуми раис, муовини раис ва роҳбари дастгоҳи мақомоти

[212] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ" аз 5 марти соли 2007, № 233 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат:16.05.2023).

иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба гурӯҳи мансабҳои категорияи олӣ мансуб менамояд[213].

Аз таҳлили санадҳои ҳуқуқии соҳа муайян мегардад, ки дар маҳалҳо ба ғайр аз вазифаҳои раис, муовини якум, муовини раис ва роҳбари дастгоҳи раис, вазифаҳои дигар (эҳтимол дорад) бо роҳи озмун ишғол карда мешаванд. Аммо омӯхтани муқаррароти санадҳои ҳуқуқии соҳавӣ, аз ҷумла, «Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ»[214] ва «Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ»[215] барои раис ҷиҳати таъин ва озод кардани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллии дахлдор маблағгузорӣ мешаванд, яъне ба вазифаҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо таъин кардан хусусияти дутарафа дорад (таъин бо розигии хаттӣ) шароит муҳайё менамояд.

Қобили зикр аст, ки низоми амалкунандаи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди президентӣ ва идораҳои наздиҳукуматӣ иборат аст, ки тавассути сохторҳои худ дар маҳалҳо вазифаҳои идоракунии давлатиро ба амал мебароранд. Дар ин замина, бешубҳа, меъёри «манбаи маблағгузорӣ» ҳангоми таъин ва озод кардани роҳбарони ин зумра мақомот, ки аз буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, татбиқ мегардад.

Аммо, сарфи назар аз чунин майдони васеи ҳуқуқӣ, ки қонун барои раис муайян кардааст, дар моддаи 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар номгӯйи

[213] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737 "Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат:16.05.2023).
[214] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 "Оид ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат:16.05.2023).
[215] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014, №694 оид ба тасдиқи «Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат:20.06.2023).

ваколатҳои раис «таъин ва озод кардани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ» меъёрҳои мушаххас вуҷуд надоранд.

Ҳамзамон, истифода аз таҷрибаи қонунгузории ҶҚ ҳамчун намуна арзёбӣ мешавад. Моддаи 29 (салоҳияти раиси вилоят, шаҳри аҳаммияти ҷумҳуриявидошта, пойтахт) Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи ҳокимияти маҳаллӣ ва худидоракунӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон» ба «Аким» дар мавриди мо ба «Раис» ҳуқуқ медиҳад, ки роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро, ки аз буҷети вилоятҳо, шаҳри аҳаммияти ҷумҳуриявидошта, пойтахт маблағгузорӣ мешаванд, таъин ва озод намояд[216].

Аз ин рӯ, дар банди 18 моддаи 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ» ворид намудани тағйироти зеринро бамаврид мешуморем: «Бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳуқуқ дорад роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намояд».

Бо мақсади муайян намудани доираи салоҳияти раис ва ба тариқи тафриқавӣ муайян намудани вазъи ҳуқуқии иҷрокунандаи вазифаи раис, инчунин, мустаҳкам намудани ваколатҳои раис зарур шуморида мешавад:

1) Салоҳияти раис ва вазъи ҳуқуқии иҷрокунандаи вазифаи раис ба яке аз масъалаҳои муҳим рабт дода шуда, ба тавзеҳ ва танзими тафриқавӣ ниёз дорад. Тибқи талаботи қонунгузорӣ раис, чун қоида, аз ҷумлаи вакилони Маҷлиси вакилони халқи дахлдор таъин карда мешавад. Акси ҳол, шахс иҷрокунандаи вазифаи раис таъин карда шуда, баъди вакил интихоб шуданаш бо тартиби муқарраршуда ба вазифа таъин ва барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад. Дар амалияи идорӣ, баъзан, хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии иҷрокунандаи вазифаи раис ва салоҳияти ӯ сарфи назар карда

[216] Закон Республики Казахстан от 23.01.2001 г., №148 «О местном государственном управлении и самоуправлении в Республике Казахстан». Информационно-правовая система нормативных правовых актов Республики Казахстан «Адилет» [Захираи электронӣ]. – манбаи дастрасӣ: http://www.adilet.gov.kz/ru (санаи муроҷиат: 20.06.2023).

мешаванд. Шояд, нофаҳмӣ аз он боис сар мезанад, ки дар моддаҳои 20 ва 21-и Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», ки салоҳияти раисро мустаҳкам мекунанд, нисбат ба ин масъала ишораи алоҳида мавҷуд нест. Иҷрокунандаи вазифаи раис ваколатҳои дар сархатҳои 1 то 5 қисми 1 моддаи 20-и Қонуни конститутсионӣ пешбинишударо амалӣ карда наметавонад. Аз ин рӯ, баҳри дуруст ҳидоят намудани амалияи идорӣ ва пешгирӣ аз ҳолатҳои баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ ворид намудани мушаххасот ба қонунгузорӣ муфид арзёбӣ мегардад.

2) Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» масъалаҳои марбут ба ваколатҳои раис дар робита ба тасдиқи асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ташкилоту муассиса ва корхонаҳо, яъне санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо «низомнома ва оиннома» аз танзими ҳуқуқӣ берун мондаанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар бандҳои 2 ва 3 моддаи 28 мафҳуми «Низомнома» ва «Оиннома»-ро тавсиф дода, он санади асосии ҳуқуқии муайянкунандаи вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онҳо, инчунин, муносибатҳои онҳоро бо мақомоти давлатӣ, дигар ташкилотҳо, муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян мекунад.

Бинобар ин, бо мақсади мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқии ваколатҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия вобаста ба тасдиқи низомнома ё оинномаҳои ташкилоту муассиса ва корхонаҳое, ки дар маҳал фаъолият мекунанд, дар зербанди 28 моддаи 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004, №28 илова намудани чунин мушаххасотро мувофиқи мақсад меҳисобем: «Низомнома ва оинномаҳои онҳоро тасдиқ мекунад».

3) Тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар сатҳи маҳал ба ғайр аз мансаби раис, муовини якум, муовини раис ва роҳбари дастгоҳи раис вазифаҳои дигар (эҳтимол дорад) тибқи озмун ишғол карда мешаванд. Аммо

омӯзиши санадҳои соҳавӣ, аз ҷумла, Низомнома дар бораи тартиби баргузории озмун «Дар бораи ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ» барои таъин ва озод кардани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷети дахлдори маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, заминаи ҳуқуқиро муҳайё менамояд, яъне он вазифаҳое, ки барои онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъинот хусусияти дутарафа (таъинот бо розигии хаттӣ) дошта, ба салоҳияти раис вогузор карда мешавад.

Қобили зикр аст, ки низоми амалкунандаи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, № 12 тасдиқ шуда, аз вазоратҳо, 3 кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президентӣ ва идораҳои наздиҳукуматӣ иборат аст, ки ба воситаи мақомотҳои худ дар маҳалҳо вазифаҳои идоракунии давлатиро ба амал мебароранд. Дар ин замина, меъёри «манбаи маблағгузорӣ» ҳангоми таъин ва озод кардани роҳбарони воҳидҳои маҳаллии ин мақомот татбиқ мегардад. Дар моддаи 20 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар номгӯйи салоҳиятҳои раис «таъин ва озод намудани роҳбарони сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо» меъёри мушаххаси ҳуқуқӣ вуҷуд надоранд.

Бинобар ин, дар зарур мешуморем, ки дар банди 18 моддаи 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» тағйирот дар таҳрири зерин ворид карда шавад: «Бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад».

## 2.3. Санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Санади ҳуқуқӣ ҳуҷҷати расмиест, ки дорои шакли хаттии мушаххас ва меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад ва аз ҷониби шахсони мансабдор – ваколатдори мақомоти дахлдори давлатӣ қабул ва ба тасвиб расонида мешавад. Ин санадҳои ҳуқуқӣ ба танзими соҳаи муайяни ҷамъиятӣ равона шуда, барои қабул ва тасвиби онҳо мавҷудияти асосҳои ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад. Намудҳои гуногуни меъёрҳои ҳуқуқӣ тавассути санадҳои ҳуқуқӣ мавриди амал қарор дода мешаванд. Бинобар ин, нақш ва аҳаммияти санадҳои ҳуқуқӣ, хусусан, санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар амалӣ намудани идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал махсусияти ҳалкунандаро касб менамояд.

Санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия шакли ифодаи фаъолияти мақомоти мазкур ба ҳисоб рафта, ифодакунандаи иродаи субъектони идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал ба шумор меравад. Ҳомилони мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо мақсади иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба зиммаи онҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайянро вогузор менамоянд, санадҳои ҳуқуқиро ба тасвиб мерасонанд ва бо ин воситаи ҳуқуқӣ ба муносибатҳои давлатӣ-ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд. Аз ин хотир, тасвиби санадҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи назаррас дорад.

Санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадаф ва вазифаҳои санадҳои ҳуқуқӣ, амали санадҳо дар воҳиди марзию маъмурӣ ва дар ин замина, нақши раиси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар субъектони идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал – шахсони мансабдори ваколатдори сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия ва сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия бо тасвиби санадҳои ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳокимияти давлатӣ мусбат арзёбӣ гардида, яке аз масъалаҳои мубрам шинохта мешавад.

Ин санадҳои ҳуқуқӣ дар амалӣ намудани идораи давлатии маҳаллӣ нақши ҳамчун шакли махсуси ҳуқуқии зоҳиран ифодаёбии иродаи субъектони идораи ин сатҳ дониста шуда, фаъолияти онҳо дар чунин ҳуҷҷатҳои махсуси ҳуқуқӣ дар шакли санадҳои ҳуқуқӣ таҷассум карда мешавад. Сифат ва нақши чунин санадҳо дар самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва муассир ва ҳадафмандона амалӣ намудани меъёрҳои қонун, татбиқи ҳуқуқи озодӣ ва кафолатҳои манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд аҳаммияти калон дошта, ҳамчун нишондиҳандаи сатҳу сифати амалишавии ин зернизоми ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Таъкид намудан ба маврид аст, ки аҳаммияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун зернизоми ҳокимияти иҷроия дар ҳаёти ҷомеа ва амалигардонии идоракунии давлатӣ дар маҳал назаррас мебошад. Босифат ва самарабахш амалӣ намудани ҳокимияти иҷроия ба муассир ва ҳадафмандона амалӣ намудани меъёрҳои қонунҳо, ки ба татбиқи ҳуқуқу озодиҳо инсон ва шаҳрванд, таъмини кафолатҳои онҳо заминаи ҳуқуқӣ мегузорад, алоқамандӣ дошта, сифати идораи давлатиро таҷассум менамояд. Махсусияти масъала дар он зоҳир мегардад, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ба объектҳои идора бештар наздик буда, сатҳи фаъолияти онҳо ба самаранокии идораи давлатӣ таъсири бевосита мерасонад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар ба мақомоти идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал ҷиҳати амалӣ намудани ваколатҳояшон воситаҳои махсуси ифодакунандаи иродаи хешро пешбинӣ намудааст. Санадҳои ҳуқуқии идораи маҳаллӣ шакли маъмултарини ҳуқуқии татбиқ ва амаликунии вазифаҳо, мақсадҳо ва функсияҳои идоракунӣ буда, сатҳ ва сифати онҳо нишондиҳандаи самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳоқимияти давлатӣ маҳсуб меёбад.

Боиси қайд аст, ки санадҳои ҳуқуқии идораи маҳаллӣ шомили санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ мебошанд. Ниҳоди мазкур дар назарияи ҳуқуқи маъмурӣ нақши муҳим мебозад, зеро дар доираи он вазифаҳо ва масъалаҳои муҳимтарини идораи оммавӣ амалӣ карда мешаванд. Амалҳои мақомоти

дахлдор ва шахсони мансабдори онҳо, чун қоида, дар шакли санадҳои ҳуқуқӣ ба расмият дароварда мешаванд, ки метавонанд хусусияти меъёрӣ ё ғайримеъёрӣ дошта бошанд. Санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ, ки қаблан санадҳои ҳуқуқии идора ёдрас мешуданд, шакли муҳимтарини ҳуқуқии амалисозии мақсаду вазифаҳои идоракунии давлатӣ арзёбӣ мегарданд. Аз ин рӯ, тавре дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ асоснок таъкид мегардад, ташкили илман асосноки фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, тафриқаи муносиби ваколатҳои онҳо, истифодаи оқилонаи технологияҳои муосири идорӣ, аз як тараф, ба сифати санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ таъсири мусбат бахшида, аз тарафи дигар, аз сифати ин зайл санадҳо самаранокии танзими ҳуқуқӣ ва чун натиҷа – муваффақона ба даст овардани мақсадҳои идораи давлатӣ вобаста мебошад[217].

Бо назардошти аҳаммият ва нақши санадҳои ҳуқуқӣ дар амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ аз тарафи олимон дар адабиёти ҳуқуқӣ мулоҳизаҳои гунонун баён карда шудааст. Гурӯҳе аз олимон санадҳои ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроияро, ки истифодаи онҳо дар сатҳи маҳал низ мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад, ҳамчун дастурҳо ва амрҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ яктарафаи ваколатдоркунанда шарҳ дода, илова менамоянд, ки онҳо боиси оқибатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳимдошта гашта, дар як вақт иҷрояшон ҳатмӣ мебошанд. Санадҳои ҳуқуқии идоракунӣ шакли маъмурӣ-ҳуқуқии татбиқи мақсадҳо, вазифаҳо ва функсияҳои идораи давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ мебошанд [218]. Гурӯҳи дигари олимон дар он ақидаанд, ки санадҳои ҳуқуқӣ воситаи асосӣ ва муҳимми татбиқи амалии мақсад ва вазифаҳои ҳокимияти маъмурӣ, шакли асосии фаъолияти иҷроия-амрдиҳанда мебошанд. Онҳо қарорҳое мебошанд, ки субъектҳои ҳокимияти иҷроия дар раванди роҳбарии ҳамарӯза ва бевосита ба соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, маъмурӣ-сиёсии ҳаёти кишвар қабул мекунанд. Фаъолияти маъмурӣ, пеш аз ҳама, санъати қабули қарорҳои муносиб ва маҳорати дар амал татбиқ намудани онҳо мебошад. Илова мегардад, ки санадҳои ҳуқуқӣ

---

[217] Раззоқов Б.Ҳ. Аҳамият ва нақши санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ // Ҳаёт ва қонун. 2019. – №1. – С.41-47.

[218] Бахрах Д. Н., Россинский Б. В., Старилов Ю. Н. Административное право. — М, 2008. – С. 375- 377.

маҳсули асосии идоракунии давлатӣ мебошанд ва намуди аз ҷиҳати ҳаҷм гуногуннавъи нисбатан зиёди санадҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Дар фарқият аз дигар санадҳои сершумори ҳуқуқӣ санадҳои маъмурӣ нисбатан муҳаррик (серҳаракат) буда, тартиби қабули онҳо қиёсан сода мебошад[219].

Мо низ бо ин андешаҳои баёншуда ҳамраъйӣ изҳор менамоем. Дар баробари ин, бояд тазаккур дод, ки моҳият, мақсад, вазифа ва функсияҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо дар санадҳои ҳуқуқии идоракунии дорои хусусият ва мазмуни гуногун амалан татбиқ карда мешаванд. Барои таснифи ин навъи санадҳои ҳуқуқӣ аз рӯйи маҳакҳои гуногун шароитҳои зарурӣ вуҷуд дорад.

Яке аз асосҳои таснифи санадҳои ҳуқуқӣ – вобаста ба хусусияти мазмун мебошад, ки бо назардошти он санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ ва санадҳои ҳуқуқии ғайримеъёрӣ фарқ карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки дар Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тафриқаи мазкур нисбат ба санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ истифода шудааст. Санади меъёрии ҳуқуқии маъмурӣ ҳамчун санади ҳуқуқии маъмурии умумиҳатмие тавсиф меёбад, ки мақомоти маъмурии ваколатдор дар асоси қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқии дар асоси он қабулгардида содир намудааст ва қоидаҳои умумии рафтори доимӣ ё муваққатӣ ва истифодаи бисёркаратаро дар бар мегирад (аз ҷумла, дастурамал, низомнома, оиннома ва ғайра). Санади ғайримеъёрии маъмурӣ ҳамчун санади ҳуқуқии маъмурии инфиродӣ тавсиф дода мешавад, ки мақомоти маъмурӣ дар асоси қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул намудааст ва он ҳуқуқу уҳдадориҳои шахс, ё доираи маҳдуди ашхосро муқаррар мекунад, тағйир ва ё иҷозат медиҳад, ё тасдиқ менамояд. Тибқи муқаррароти қонунгузор қарор дар бораи рад намудани қонеъгардонии дархости аризадиҳанда доир ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти мақомот, инчунин, ҳуҷҷати қабул ё тасдиқнамуда, ки метавонад

[219] Бахрах Д. Н., Татарян В. Г. Административное право России. – М., 2009. – С.509.

боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ гардад (гувоҳнома (сертификат), иҷозатнома, иҷозат ва ғ.) низ санади ҳуқуқии маъмурӣ ҳисобида мешавад [220].

Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии роҳандозишуда масъалаи дигаре, ки арзандаи таваҷҷуҳ мебошад, дарёфти доираи субъектҳои ваколатдори нашри санадҳои ҳуқуқии идораи маҳаллӣ арзёбӣ мегардад. Банди 3, моддаи 3-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти маҳаллӣ» унсурҳои зерини ҳокимияти иҷроия дар сатҳи маҳаллиро чунин номбар мекунад: а) раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия; б) сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия; в) сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия[221].

Тибқи моддаи 19-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти маҳаллӣ» раисони вилоят, шаҳр ва ноҳия дар доираи салоҳияти худ қарор ва амр мебароранд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии онҳо дар шакли қарор қабул карда мешаванд, қарорҳое, ки хусусияти инфиродӣ ва ташкилию маъмурӣ доранд, инчунин, амрҳо санади меъёрии ҳуқуқӣ намебошанд. Санадҳои меъёрии хуқуқии раисони вилоят, шаҳр ва ноҳия барои баҳисобгирии давлатӣ, санҷиш ва бақайдгирӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шаванд. Тартиби интишори расмӣ ва мавриди амал қарор додани санадҳои раисро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Санадҳои раис аз тарафи Президент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ, раиси болоӣ, худи раис, Маҷлиси вакилони халқи дахлдор, инчунин, аз тарафи суд дар сурати ба Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ мувофиқат накардани он пурра ё қисман бекор карда мешавад.

Ҳамин зайл, муқаррарот нисбат ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ аз ҷониби раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” ҷой дорад.

---

[220] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2007. – №3.
[221] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004. –№ 5.

Тибқи моддаи 7 Қонуни мазкур дар баробари мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ба ҳайси субъекти ҳуқуқэҷодкунанда эътироф шудаанд[222].

Аммо, бо таҳқиқоти гузаронида муайян гардид, ки агар нисбат ба қабул ва нашри санадҳои ҳуқуқии яке аз унсурҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия – раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар қонунгузорӣ муайянӣ, ё ки меъёри ҳуқуқӣ ҷой дошта бошад ҳам, дар қисмати ифодаи ҳуқуқии фаъолияти унсурҳои дигари ин низом, ки дар банди 3, моддаи 3-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти маҳаллӣ» ба онҳо ишора мешавад, яъне мансабдорони сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия норавшан боқӣ мемонад. Аниқтараш нисбати санадҳои ҳуқуқии ин унсурҳои идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал муқаррароти ҳуқуқӣ мушоҳида нашуд.

Низоми муосири мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013 тасдиқ карда шудааст, ки айни ҳол, 14 вазорат, 3 кумитаи давлатӣ, 7 мақомоти назди президентӣ ва 29 мақомоти наздиҳукуматиро дар бар мегирад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки мақомоти мазкур тавассути сохторҳои худ дар маҳалҳо вазифаи идораи давлатиро ба амал мебароранд. Ин сохторҳо дар навбати худ тибқи муқарраროти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, аз он ҷумла, қонунҳои соҳавӣ, низомнома ва ғайраҳо бо мақсади ҳалли вазифаҳо ва функсияҳои идоравӣ санадҳои ҳуқуқи қабул ва ба тасвиб мерасонанд.

Бинобар ин, вобаста ба таҳқиқи мавзуъ бо мақсади муайян намудани мавҷудияти меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ оид ба санадҳои ҳуқуқии сохторҳои маҳаллӣ низомномаи баъзе аз мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, аз

[222] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017. – № 5.

ҷумла, низомномаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агенти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Шиносоӣ бо Низомномаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 тасдиқ шудааст, нишон медиҳад, ки вазир бо тартиби муқарраргардида санади меъёрии ҳуқуқӣ ва барои ҳалли масъалаҳои таъҷилӣ ва ҷорӣ санадҳоро дар шакли фармоиш қабул мекунад ва супоришҳо медиҳад.

Дар замимаи 3 Низомномаи мазкур нақшаи идоракунии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Дар он, дар қатори дигар воҳидҳои сохторӣ ба сохтори идоракунии вазорат раёсатҳои адлияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо, идораҳои нотариалии давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо, шуъба-хонаҳои ақди никоҳи шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд, бахшҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар шаҳру ноҳияҳо шомил шудаанд. Аммо, дар Низомномаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021 тасдиқ шудааст, муқаррароти ҳуқуқӣ оид ба шакли ифодаи иродаи сохторҳои вазорат дар сатҳи маҳаллӣ, яъне санадҳои ҳуқуқии сохторҳои маҳаллии вазорат муқаррароти ҳуқуқӣ мушоҳида нашуд.

Дар баробари ин, низомномаи мақомоти наздипрезидентӣ – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Тибқи Низомномаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007 тасдиқ шудааст, директори Агентӣ фармонҳои дорои хусусияти меъёрӣ ва ғайримеъёридоштаро дар доираи салоҳияти худ қабул менамояд.

Бо замимаи 3 ба Низомномаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, № 143 тасдиқ шудааст (Таҳрири

нав бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.08.2022, №435) нақшаи идоракунии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Мутобиқи муқаррароти он, ба нақшаи идоракунии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дастгоҳи марказӣ, раёсати Агентӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раёсати Агентӣ дар вилояти Хатлон, раёсати Агентӣ дар вилояти Суғд, раёсати Агентӣ дар шаҳри Душанбе, шуъбаи Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, шуъбаи Агентӣ дар минтақаи Рашт, шуъбаи минтақавии Агентӣ дар водии Зарафшон, шуъбаи Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор (фармони Президенти ҶТ аз 23.08.2022, №435) шомил дониста шудаанд.

Зимни шиносоӣ, дар Низомномаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, №143 тасдиқ шудааст, оид ба санадҳои ҳуқуқии сохторҳои маҳаллии мақомоти мазкур муқаррароти ҳуқуқӣ ошкор нашуд.

Чунин ҳолат зимни шиносоӣ бо Низомномаи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати ҷумҳурӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2014 тасдиқ шудааст, ба мушоҳида расид. Мувофиқи муқаррароти Низомномаи мазкур Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ ба танзим ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, фаъолияти онҳо дар қисми таъминоти илмию методӣ роҳбарӣ менамояд. Тибқи банди 6-и Низомномаи мазкур Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санади меъёрии худро дар шакли фармоишҳо мебарорад, ки иҷрои онҳо аз ҷониби кормандони дастгоҳи марказии Кумита, инчунин, корхонаҳо ва ташкилотҳои системаи он ҳатмӣ мебошанд, оид ба санади ҳуқуқии сохторҳои маҳаллии он муқаррарот мушоҳида нагашт.

Бояд қайд намуд, ки танзими муносиби ҳуқуқии дилхоҳ муносибати ҷамъиятӣ барои ташкили кор ва самаранокии фаъолият шароити мусоид фароҳам оварда, барои иҷрои босифати вазифаҳои хизматӣ ва пешгирии ҳолатҳои баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ асоси ҳуқуқӣ муҳайё менамояд.

Мусаллам аст, ки сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия ва сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия маъмулан ба қабули санадҳои ғайримеъёрии ҳуқуқӣ ваколатдор мебошанд, ки бо қонунгузории соҳавӣ муайян мегардад. Санади ғайримеъёрии ҳуқуқӣ – санади ҳуқуқии шакли муайян кардашуда, ки бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби мақомоти ваколатдор бароварда, ба тасвиб расонида шудааст, дорои дастурҳои инфиродӣ мебошад ва барои истифодаи яккарата пешниҳод шуда, ба шахси мушаххас равона шуда, дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

– оид ба масъалаҳои ташкилию маъмурӣ бо мақсади ичрои санадҳои эътибори қонунии бештардошта нашр мешавад;

– аз ҷониби мақом (мақомот)-и ваколатдор (шахсони мансабдор) бо ташаббуси худ қабул шудаанд, бинобар ин яктарафа мебошанд;

– шакли санади ҳуқуқӣ бо санади дорои қувваи бештари ҳуқуқӣ мукаррар шуда бошад ё муайян нашуда бошад;

– характери инфиродӣ (шахсӣ) дорад. Дастурҳои дар санад зикршуда ба муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони алоҳида нигаронида шудаанд;

– супоришҳои ваколатдоркунанда барои иҷрои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки ин санади ҳуқуқӣ ба онҳо равона шудааст, ҳатмист;

– амали санади ғайримеъёрӣ бо истифодаи як маротиба (ичрои як мартиба)-и он маҳдуд мешавад.

Ҳамин тавр, нақши санадҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ назаррас буда, тавассути чунин санадҳо доираи салоҳияти мақомоти

давлатӣ ва шахсони мансабдори он муайян ва аниқ карда мешавад. Тавассути санадҳои ҳуқуқӣ ҳама гуна амалҳои мақомоти давлатӣ ва мансабдорони он, ки аз майдони ҳуқуқӣ берун мешаванд, пешгирӣ карда мешаванд. Ин санадҳои ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ дар раванди идораи давлатӣ ва танзими равандҳои гуногун дар ҷомеа аҳаммияти хос доранд.

Санадҳои ҳуқуқии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ санадҳои аввалия набуда, санадҳои маҳсулӣ, яъне ҳамеша ҳамчун санадҳои дуюмдараҷа ҳисобида мешаванд. Онҳо санадҳое мебошанд, ки ҳангоми таҳия ва иҷрои санадҳои меъёрии қаблан батасвибрасида ва амалкунанда баровarда мешаванд. Моҳияти ҳуқуқии онҳо дар он аст, ки ин санадҳо дар байни субъектҳои мушаххас муносибатҳои нави ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд ва ин санадҳо нисбат ба иштирокдорони ин муносибатҳо, аниқтараш, дар доираи воҳидҳои муайяни маъмурию ҳудудии дахлдор паҳн мешаванд.

Ҷойи санадҳои ҳуқуқии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи идораи давлатӣ ва иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо он муайян карда мешавад, ки онҳо санадҳое мебошанд, ки танҳо дар як воҳиди муайяни маъмурию ҳудудӣ амал мекунанд ва мутаносибан муносибатҳоеро, ки дар ҳудуди мақомоти маҳаллӣ мавҷуд аст, танзим мекунанд ва ба татбиқи Конститутсия, қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии Президент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона карда шудаанд.

Бо мақсади дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани санадҳои ҳуқуқии субъектони идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал пешниҳод карда мешавад:

1) Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ доираи субъектони нашри санадҳои ҳуқуқии ҳомилони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, муайян карда шуд, ки барои қабул ва нашри санадҳои ҳуқуқӣ аз тарафи раисони вилоят, шаҳр, ноҳия дар қонунгузории амалкунанда муайянӣ ҷой дорад. Аммо, дар қисмати ифодаи ҳуқуқии фаъолияти унсурҳои дигари ин низом, ки

дар м.3 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ба онҳо ишора мешавад, норавшан боқӣ мемонад. Мусаллам аст, ки сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия ва сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия маъмулан ба қабули санадҳои ғайримеъёрии ҳуқуқӣ ваколатдор мебошанд, ки бо қонунгузории соҳавӣ муайян мегардад.

Аз омӯзиши низомномаи баъзе мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия муайян гашт, ки дар онҳо оид ба шакли ифодаи иродаи сохторҳои ин мақомот дар сатҳи маҳаллӣ, яъне санадҳои ҳуқуқии сохторҳои маҳаллӣ муқаррарот мушоҳида нашуд. Бинобар ин, дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани санадҳои ҳуқуқии ин субъектони идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад.

## 2.4. Самтҳои такмили ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия

Дар ҳаёти ҷомеа ва амалигардонии идоракунии давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамчун зернизоми ҳокимияти иҷроия мусбат ва назаррас арзёбӣ мегардад. Маҳз, натиҷаи босифат ва самарабахш амалӣ намудани ҳокимияти иҷроия ба муассир ва ҳадафмандона амалӣ намудани меъёрҳои қонунҳо, татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини кафолатҳои онҳо алоқамандӣ дошта, нишондиҳандаи сифати идораи давлатӣ эътироф мешавад. Зеро ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ба объектҳои идора бештар наздик буда, сатҳи фаъолияти онҳо ба самаранокии идораи давлатӣ таъсири бевосита мерасонад. Он дар навбати худ ҳамчун нишондиҳандаи сатҳ ва сифати идораи давлат дониста мешавад.

Идораи маҳаллӣ ҳамчун шакли ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроия-амрдиҳанда барои ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти маҳаллидошта бо назардошти манфиатҳои умумидавлатӣ ва манфиатҳои аҳолии ҳудуди дахлдор буда, нақши он дар рушд ва инкишофи вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии маҳал аз

салоҳиятнокӣ ва соҳиби касбият будани ҳомилони ин сатҳи ҳокимияти давлатӣ шаҳодат медиҳад.

Бо дар назар доштани ривоҷ ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурати танзими давлатии онҳо ба миён омада, раванди мазкур бо ба эътибор гирифтани шароити инкишофи ҷомеаи муосир бояд ба танзими ҳуқуқӣ фаро гирифта шавад. Ин масъала дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ аллакай аз тарафи мутахассисони соҳавӣ мавриди омӯзиш ва баррасии илмӣ қарор дода шудааст. Тавре мутахассисон қайд менамоянд, “идораи ҷамеаи муосир дар асри маълумот ва технологияи пешрафтаи иттилоотӣ танҳо дар заминаи муҷаҳҳазсозии замонавии ҳокимияти иҷроия ва танзими саҳеҳи ҳуқуқии ҳаматарафаи сохторҳои он имконпазир дониста мешавад”[223].

Масоили асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимиятӣ давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мадди назари илми ҳуқуқшиносии ватанӣ қарор доранд.

Ба ин мавзуъ дар доираи таҳқиқоти махсуси соҳавии худ вобаста ба масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионии Тоҷикистон, хусусан, асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз тарафи Ҷ.Ш. Қодиров диққат дода шудааст. Номбурда асоснок ва сари вақт қайд менамояд, ки «Ташаккул ва рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иҷтимоӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохтори давлатӣ ва ба шароити имрӯза мутобиқ намудани он гузаронидани ислоҳоти сохториро тақозо менамояд. Гузаронидани ислоҳоти сохторӣ роҳҳои нави ҷудо намудан ва танзимнамоии меъёрии вазифа ва ваколати байни ҳама мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракуниро дар назар дорад. Дар чунин шароит, масъалаи ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи

[223] Раззоков Б.Х. Организация исполнительной власти Республики Таджикистан: проблемы теории, законодательства, практики. –Душанбе, 2015. – С.3.

маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамчун мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки ба аҳолӣ алоқамандии наздик доранд, аҳаммияти махсус пайдо менамояд»[224].

Ташкили сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, саҳеҳ ва муайян кардани салоҳияти мақомоти мазкур, такмили сохтор, рушди заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомот ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва танзими ҳуқуқии он мувофиқи талаботи замон ба ҳисоб рафта, ҳамчун ифодаи ҳадафҳо ва таъиноти иҷтимоии он баромад менамояд, ки дар навбати худ ба фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои қонунии шаҳрвандон равона шудааст.

Бинобар ин, такмили асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тақозои замон шуморида мешавад. Бо ишора ба донишҳои андӯхта ва таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, барои такмили ташкили ҳуқуқӣ ва фаъолияти мақомоти иҷроия дар сатҳи маҳал саривақт ва айни муддао мебошад. Ин раванд ба сатҳ ва сифати идораи давлатӣ дар зинаи маҳаллӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда, барои инкишофи рушди маҳал мусоидат мекунад.

**С**амтҳои такмили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроияро ба ҷанбаҳои ҳуқуқии ташкил ва ҳамкорӣ дар сатҳи идораи маҳаллӣ алоқаманд дониста, дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда масъалаҳоро вобаста ба ҷанбаҳои ҳуқуқии ташкил ва ҳамкорӣ дар сатҳи идораи маҳаллӣ ва бо мақсади дар оянда мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва ҳомилони он, пешниҳодҳо роҳандозӣ мегарданд.

***1. Танзими ҳуқуқии масоил оид ба ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.*** Дар қатори масъалаи баррасишаванда омӯхтани масъалаҳои ҳуқуқии сохтори ташкилии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои ҶТ ба маврид шуморида мешавад. Зеро мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти

[224] Қодиров Ҷ.Ш. Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимиятӣ давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. дис....н.и.ҳ. –Душанбе, 2021. – С.9.

давлатӣ унсури муҳимми низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, онҳо дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ амал карда, ифодаи ташкилии хосиятҳои ҳокимияти иҷроия мебошанд. Боби VI Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосҳои вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро муқаррар менамояд, дар моддаи 78 ишора менамояд: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия роҳбарӣ менамояд[225]. Мақомоти намояндагӣ ва иҷроияро дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ раис сарварӣ мекунад.

Ҳарчанд ҷузъи калидии сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Тоҷикистон, тавре ки дар адабиёти илмӣ дуруст қайд шудааст, мансаби раис шуморида мешавад[226], механизми татбиқи он дар маҳалҳо аз ҷониби доираи васеи сохторҳои хусусияти иҷроиявидошта, ки бо қонунгузории навшуда «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» номида мешавад, таъмин карда мешавад[227]. Дар баробари ин, хотиррасон кардан ба маврид аст, ки дар адабиёти ҳуқуқии миллӣ ба камбудии методологии моддаи дар боло зикргардидаи Конститутсия таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст[228]. Боиси хушнудист, ки сатҳи сиёсӣ эроди оқилонаро ба назар гирифта, дар тағйироти навбатӣ (сеюм) дар таҳрири нави он бо мазмуни зайл пешниҳод гардид: «Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ роҳбарӣ мекунад»[229].

Мутобиқи меъёрҳои санади қонунгузории қаблӣ сохторҳои иҷроияи маҳаллиро (раёсатҳо, кумитаҳо, идораҳо ва ғайра), дар маҷмуъ, мафҳуми «Ҳукумати маҳаллӣ» ба таври дастаҷамъӣ муттаҳид мекард. Тартиби ташкил ва фаъолияти сохторҳои охиринро низомномаи дахлдори тасдиқнамудаи Ҳукумати ҷумҳурӣ муайян мекард. Сохтор ва шумораи кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби раис дар мувофиқа бо

---

[225] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. – С.21.
[226] Раззоков Б.Х. Некоторые проблемы в правовом положении председателя области, города, района // Вестник Таджикского национального университета. 2012. –№ 3/7. – С. 69-75.
[227] Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2004. – №5. – М.339.
[228] Раззоков Б.Х. Ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дастури илми-методӣ. –Душанбе, 2006. – С.100.
[229] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, –2016.

Ҳукумати ҷумҳурӣ дар доираи маблағҳои ҷудошудаи буҷети маҳаллӣ муқаррар ва тағйир дода мешуд. Бо ҳамин тартиб, раис дар мувофиқа бо мақомоти болоӣ роҳбарони сохторҳои ҳукуматҳои маҳаллиро ба вазифа таъин ва озод карда, дар ин бора қарор барои тасдиқ ба мақоми намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – Маҷлиси вакилони халқи сатҳи дахлдор пешниҳод карда мешуд.

Ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004, №28 «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар самти ташкили сохторҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва муносибати онҳо бо раис тағйироти ҷиддӣ ворид шуд. Дар таҳрири куҳнаи моддаи 3-и Қонуни конститутсионии мазкур пешбинӣ шуда буд, ки ба низоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҷуз раис, сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дохил мешаванд[230]. Дар баробари ин, охирин вобаста ба усул ва тарзи маблағгузорӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешуд:

1) маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ;

2) маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ.

Ҳангоми таъини роҳбарони сохторҳои гурӯҳи якум раис бояд розигии хаттии роҳбарони мақомоти дахлдори марказии ҳокимияти иҷроияро гирад. Нисбат ба роҳбарони сохторҳои гурӯҳи дуюм, тартиби дигар пешбинӣ шудааст: раис ба роҳбарони мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия барои таъин ва озод кардани онҳо розигии хаттӣ медиҳад.

То ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии мазкур аз 3 декабри соли 2009 ташкили ҳокимияти иҷроия дар маҳал расман чунин тавсиф мешуд: а) раиси вилоят, шаҳр, ноҳия; б) идораҳо, кумитаҳо, шуъбаҳо ва дигар сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ. Таҳлили минбаъдаи амалияи ташкилии гузаронидашудаи олимони соҳавӣ нишон дод, ки як қатор сохторҳои маҳаллии идоракунӣ, ки бевосита шомили таркиби дастгоҳи раис намебошанд ва ба низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дохил намешуданд, заминаи ҳуқуқии фаъолияти

230 Ахбор Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004. –№5. –М.339.

худро аз даст медиҳанд[231]. Бо ворид намудани тағйиру иловаҳо аз 3-юми декабри соли 2009 муҳтавои Қонуни конститутсионӣ нисбат ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ифодаи равшану шаффоф пайдо кард. Акнун, муқаррароти он имкон медиҳад, ки ду гурӯҳи сохторҳо фарқ карда шавад: сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раис ва сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия. Қонунгузорӣ ба гурӯҳи якум сохторҳое шомил менамояд, ки «ба сохтор ва нақшаи идоракунии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дохил намешавад, роҳбарони онҳоро раис бевосита ба вазифа таъин ё озод мекунад». Гурӯҳи дуюмро воҳидҳои мақомоти иҷроияи марказии иҷроия ташкил медиҳанд, ки «дар воҳидҳои дахлдори маъмурию ҳудудӣ дар доираи ваколатҳои худ вазифаҳои мақомоти иҷроияи марказиро иҷро менамоянд»[232].

Бояд иқрор шуд, ки ташаббусҳои қонунгузор оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳои навбатӣ камбудиҳои танзими ҳуқуқии рушди ташкилиро дар сатҳи маҳаллӣ танҳо қисман бартараф намуданд. Ҳамин тариқ, тибқи таҳрири нави моддаҳои дахлдори Қонуни конститутсионӣ, раис аз ин баъд дар доираи шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ҳам сохтор ва ҳам воҳидҳои дастгоҳи раис, инчунин, ҷадвали воҳиди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, тасдиқ мекунад. Дар баробари ин, Қонуни конститутсионии мазкур саволҳои марбут ба тасдиқи низомномаи дастгоҳи раис, инчунин, низомнома ва сохтори охиринро кушода мегузорад. Илова бар ин, дар моддае, ки салоҳияти раисро муқаррар кардааст, ҳуқуқи раисро оид ба таъин ва озод кардани роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии тобеаш (ба ғайр аз кормандони дастгоҳи раис) инъикос накардааст.

Ин мақомот дорои хусусияти ташкилӣ-ҳуқуқии хоси зерин мебошанд. Якум, муносибатҳои ташкилии онҳо бо мақомоти марказии идоракунӣ маънои онро надорад, ки онҳо бо раис робитаи тобеиятӣ надоранд.

---

[231] Раззоков Б.Х. Исполнительная власть Таджикистана: правовые проблемы институционального реформирования. –Душанбе, 2013. – С.105-106.

[232] Ахбор Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. –№12. –М.814.

Мутобиқи моддаи 18-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» охирон ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ роҳбарӣ мекунад. Гузашта аз ин, тибқи равиши мантиқии қонунгузорӣ сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ҳам ба мақоми марказии ҳокимияти давлатии ҳамном ва ҳам ба раиси дахлдор дар тобеияти дутарафа қарор доранд. Дувум, онҳо ба низоми идораи маҳал шомил мешаванд, зеро сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия тибқи моддаи 3 Қонуни конститутсионии номбаршуда дар қатори «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» номбар шудаанд. Сеюм, таъсиси онҳо, чун қоида, дар нақшаи идоракунии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия пешбинӣ шудааст. Ин маънои онро дорад, ки онҳо барои таъсиси сохторҳои маҳаллӣ озодии комил надоранд ва расман барои ин иҷозати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро талаб мекунад. Чорум, масъалаҳои таъминоти ташкилию ҳуқуқии фаъолияти онҳо, чун қоида, аз ҷониби мақомоти марказии давлатии ҳамном ҳал карда мешаванд. Дуруст аст, ки дар худи Қонуни конститутсонии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар ин бора чизе гуфта нашудааст ва ин масъалаҳо дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқии маъмурӣ ҳал шудаанд.

Ҳамин тариқ, Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки Вазорат дар фаъолияти худ идора, ҳамоҳангсозӣ ва назорат, аз ҷумла, фаъолияти мақомоти ҳудудии тобеи он, ки дар Нақшаи идоракунии Вазорат сарраёсатҳои молиявии вилоятҳо, инчунин, раёсатҳо ва шуъбаҳоро дар шаҳрҳо ва ноҳияҳо амалӣ менамояд. Ба салоҳияти вазир, масалан, таъини роҳбарон ва муовинони роҳбарони мақомоти ҳудудӣ ва тасдиқи низомномаи мақомоти ҳудудӣ дохил мешаванд[233] .

Дар баробари ин, дар ин муқаррарот камбудиҳо дар мавриди тасдиқи сохтор ва шумораи воҳидҳои кории мақомоти «ҳудуди»-и вазорати мазкур ошкор шудааст. Тавре ки дар боло зикр гардид, ба раис ҳуқуқи тасдиқи

[233] Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2006. дек. – М. 588.

воҳидҳои кории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор карда мешавад, вале танҳо ҳамоне, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешавад. Дар мисоли Вазорати молия, тибқи банди 14 Низомномаи он маблағгузории хароҷоти нигоҳдории мақоме, ки ба Нақшаи идоракунии он дохил карда шудаанд, аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ амалӣ карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки раис барои тасдиқ намудани воҳидҳои мақомоти молиявии маҳаллӣ ваколат надоранд. Ба ин савол посух нест, ба монанди дарёфт нашудани посух дар бораи тасдиқи сохтори охирин дар Низомномаи Вазорати молия. Ҳамин гуна вазъиятро дар аксар вазорату идораҳои ҷумҳурӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки ин аз набудани муттасилӣ дар меъёрэҷодкунии маъмурӣ шаҳодат медиҳад.

Боз як мулоҳиза дар мавриди номгузорӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии маъмурӣ алоқаманд аст, ки ба доираҳои мақомоти мавриди баррасӣ қарордошта дахл дорад. Ҳамин тавр, дар низомномаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар муассисаҳои марказӣ онҳо бештар «сохторҳои минтақавӣ» номида мешаванд. Дар пасманзари худсарона тартиб додани чунин меъёрэҷодкунии маъмурӣ нофаҳмӣ бо номи баъзе мақомоти идораи маҳаллӣ зоҳир мегардад. Масалан, дар болои бинои охирин – «мақомоти ВКД дар шаҳри Қурғонтеппа» ё «Шуъбаи маорифи шаҳри Душанбеи Вазорати маориф» ва ғайра лавҳаҳои мудаввар пайдо шуданд.

Дар ҳамин ҳол, қонунгузории конститутсионӣ ба мафҳумҳои «мақомоти иҷроияи маҳаллӣ», «сохтори маҳаллии мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ» ишора мекунад. Дар ин маврид, мавқеи қонунгузор комилан мантиқист ва он аз ягонагии низоми мақомоти идораи маҳаллӣ бармеояд. Мафҳуми калидӣ дар ин ҳолат ба истилоҳи "маҳаллӣ" тааллуқ дорад, ки таъинот ва мавқеи онҳоро дар низоми амуди (иерархия)-и идоракунӣ нишон медиҳад. Сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия» сарфи назар аз он ки таҳти роҳбарии бевоситаи мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ фаъолият намуда, манфиатҳои онҳоро дар воҳиди маъмурию ҳудудии дахлдор намояндагӣ мекунанд, бо раис дар муносибатҳои ташкилӣ қарор

доранд ва дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолият ва амал мекунанд. Аз ин рӯ, истифодаи истилоҳи «мақомоти ҳудудӣ» ё «мақомот дар…», «мақомоти….» нисбат ба онҳо тасаввуротро дар бораи «мустақилияти идоравӣ – маъмури»-и муайяни онҳо ба вуҷуд меорад, ки дар ниҳоят тарҳи сохтори давлатиии Тоҷикистонро ҳамчун давлати ягона таҳриф мекунад.

Тибқи тағйироту иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2009 минбаъд вазифа ва сохтори намунавии дастгоҳи раисро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад[234] ва раис бошад, дар навбати худ, мутобиқи ин санади намунавии ҳукумат, вазифа, сохтор ва воҳидҳои дастгоҳи раисро тасдиқ мекунад. Бо қарори №115 аз 3 марти соли 2011 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохторҳои намунавии ҳам дастгоҳи раис ва ҳам мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда шуд[235] .

Омӯзиши қарори ҳукуматӣ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз баъзе пешрафтҳо дар танзими сохторҳои идораи маҳаллӣ, он ҳадди ақал ду нокомии ташкилиро нишон медиҳад. Аввалан, дар сохтори дастгоҳи раис то ҳол воҳидҳое мавҷуданд, ки аз ҳадафҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дуранд. Масалан, аз 15 шуъбае, ки дар дастгоҳи раиси шаҳри Душанбе пешбинӣ шудааст: рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа; иқтисод, молия ва таҳлил; нақлиёт ва саноат; сохтмон, истифодабарии роҳҳо ва ободонӣ; коммуналӣ ва муҳандисӣ, ки якҷоя 40 фоизи воҳидҳои таркибии онро ташкил медиҳанд. Ин манзара қисман натиҷаи дар сиёсати ташкилӣ дуруст инъикос наёфтани талабу эҳтиёҷоти амалияи идоракунӣ мебошад. Ва дуюм, Ҳукумати ҷумҳурӣ шумораи воҳидҳоро на танҳо барои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти иҷроия, балки барои ҳар як воҳиди дастгоҳи раис муқаррар кардааст, ки ин ба назари мо, аз эҳтимолияти нодурусти дарки иродаи қонунгузор шаҳодат медиҳад.

---

[234] Ахбор Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. –№12. – Ст.814.

[235] Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2011. –№3. Қ.2. – С.212.

Тибқи моддаи 33 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми майи соли 2001, №28 «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ҳукумати ҷумҳурӣ муваззаф шудааст, ки ҳадди шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатиро муқаррар намояд[236]. Вобаста ба дастгоҳи раис, он аз муайян кардани шумораи умумии охирин бидуни ба шуъбаҳо тақсим кардан иборат аст, ки онро дар асоси шароити маҳал ва талаботи амалияи роҳбарикунанда бояд худи раис пурра намояд. Муносибати давлатӣ-ҳукуматӣ мустақилияти ташкилии раисро инкор мекунад, ки ин ба табиати динамикии идоракунӣ мухолиф аст, зеро дар он ҷо фаъолияти иҷроиявӣ-маъмурию оммавӣ муқоисаи доимии сохторҳои ташкилиро бо талаботи амалия талаб мекунад. Оид ба мавҷудияти мушкилоти ҷиддӣ дар таъмини ташкилии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маводди курси такмили ихтисоси раисони шаҳру ноҳияҳо, ки аз ҷониби Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ аз 9 то 14-уми марти соли 2009 гузаронида шудааст, шаҳодат медиҳад[237].

Ҳукумати ҷумҳуриро мебоист мувофиқи талаби қонун танҳо бо тасдиқи «ҳадди ниҳоии шумораи хизматчиёни давлати»-и ҳамаи мақомоти иҷроияи маҳаллӣ маҳдуд мешуд. Дар қонунгузорӣ меъёре мавҷуд нест, ки Ҳукуматро ба тасдиқи сохтори охирин вазифадор (уҳдадор) намояд, он танҳо ба сохтори дастгоҳи раис ишора мекунад, ки ин як чиз нест. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад мебуд, ки қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 3 марти соли 2011, №115 дар мавриди тағйир додани сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ такмил дода шавад. Дар баробари ин, бо мақсади танзим ва ба тартиб даровардани сохторҳои маҳаллии ҳокимияти иҷроия мавқеи қонунгузорро дар мавриди тафриқаи онҳо вобаста ба манбаъҳои маблағгузорӣ ба асос гирифтан мумкин буд. Ин равиш вазифаи ба низом даровардани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро хеле осон мекунад, зеро он ба Ҳукумат имкон медиҳад, ки аз рӯйи ду маҳаки калидии асосии буҷетӣ – муқаррар намудани

---

236 Ахбор Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2001. –№4. –М.215.
237 Вестник Института повышения квалификации государственных служащих Республики Таджикистан. 2009. –№1. – С.-83.

шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатӣ ва ҳаҷми маблағгузории мақомоти иҷроияи маҳаллиро муайян намояд. Тамоми масъалаҳои дигари таъминоти ташкилию ҳуқуқии фаъолияти онҳо (тасдиқи низомнома, сохтор, ҷадвали воҳиди корӣ, дигар нишондиҳандаҳои фаъолияти онҳо) бояд мутаносибан ба ихтиёри мақомоти марказии роҳбарикунанда ё раисон вогузор карда шаванд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, № 115 «Дар бораи тасдиқи сохтори намунавии дастгоҳи раис ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» то ҳол натавонистааст амалияи «парокандаги»-и сунъии низоми ягонаи мақомоти иҷроияи маҳаллиро рафъ намояд. Ҳамин тариқ, Ҳукумати кишвар бо ин қарор, ҳамзамон, «Сохтори намунавии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»-ро барои вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ тасдиқ кард, ки дар он феҳристи мушаххаси мақомоти идораи маҳаллӣ пешбинӣ шудааст. Шиносоӣ бо охирин нишон медиҳад, ки на ҳама мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар он ҷой доранд. Агар дар мисоли шаҳри Душанбе назар афканем, пас дар сохтори намунавӣ чунин мақомоти идоракунӣ пешбинӣ шудааст: сарраёсати меъморӣ ва ободонӣ; раёсати рушди иқтисод ва савдо; сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ; раёсати маориф; раёсати тандурустӣ; шуъбаи фарҳанг; шуъбаи кор бо занон ва оила; шуъба оид ба корҳои динӣ; шуъбаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; шуъбаи зиддиинҳисорӣ; бахши ҳуқуқи кӯдак. Барои ҳар яке аз ин сохторҳо Ҳукумат шумораи ниҳоии воҳидҳои кориро низ муайян кардааст, ки дар маҷмуъ, 102 ададро ташкил медиҳад.

Аммо, дар ин қарори ҳукумат сохторҳои анъанавии идораи маҳаллӣ, аз қабили омор, амният, молия, заминсозӣ ва корҳои дохилӣ ворид карда нашудаанд. Сохторҳои як қатор мақомоти марказии идораи навтаъсис, масалан, мақомоти президентӣ (Агентии хизмати давлатӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Агентии назорати маводди нашъаовар), дигар вазорату идораҳо, ки мавҷудияти сохторҳои маҳаллӣ бевосита дар нақшаи идоракунии онҳо пешбинӣ шудааст: Вазорати адлияи

ҷумҳурӣ, Кумитаи андози назди Ҳукумати ҷумҳурӣ, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҷумҳурӣ ва ғайра.

Фақат тахмин кардан мумкин аст, ки дар ин санади меъёрии ҳуқуқии ҳукумат ба чунин муносибати интихобӣ чӣ сабаб шудааст. Агар дар айни замон, манбаи маблағгузорӣ ба асос гирифта шуда бошад, пас мавқеъ комилан мувофиқ нест, зеро ба сохтори намунавӣ мақомоти маҳаллӣ, ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ маблағгузорӣ мешаванд, низ дохил мешаванд. Агар омилҳои дигар, масалан, принсипҳои сохтмон ва фаъолияти сохтор ҳамчун меъёр хизмат карда бошанд, пас, чунин муносибат боз хилофи муқаррароти конститутсионӣ ва қонунгузорие мебошад, ки низоми ягонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро муқаррар мекунанд.

Ҳамин тариқ, танзими маъмурию ҳуқуқии ташкили мақомоти идораи маҳаллӣ ҳанӯз аз мукаммалӣ (комилият) дур буда, ба сохтори муқарраркардаи конститутсионӣ пурра мувофиқат намекунад. Муносибатҳои соҳаи фаъолияти иҷроия ва маъмурӣ дар маҳалҳо, шаклҳои ташкилию ҳуқуқии амалигардонии он ҳанӯз ҳам инкишофнаёфта دониста шуда, ҳамчун шакли ниҳоии сиёсию ҳуқуқӣ нагирифта шинохта мешаванд. Мушкилот бештар ба нуқсони конститутсионӣ дар муқаррар кардани мақоми ҳуқуқии маҷмуи мақомоти идораи маҳаллӣ алоқаманд аст, аммо дар доираи қонунгузории ҷорӣ ислоҳоти дахлдор имконпазир аст. Ҳамин тариқ, дар боби 3-юми Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» зарур аст, ки вазъи ҳуқуқии тамоми сохторҳои идоракунии маҳаллӣ, аз ҷумла, сохторҳои ба низоми мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ дохилшавандаро мустаҳкам намуда, нисбати онҳо меъёрҳои қонунгузории маъмуриро ҷиҳати сохти ташкилӣ мутобиқ намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Кӯшишҳои порчавӣ мустаҳкам намудани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар муносибатҳои идорӣ номутаносибӣ ба вуҷуд оварда, дар фаъолияти раисон дар идоракунии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ мушкилоти ташкилӣ ба вуҷуд меорад. Мавҷудияти тамоюлҳои манфие, ки бо тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ

таҳрик ёфтаанд, ба ташаккули низоми самараноки ҳокимияти маҳаллӣ, таҳкими мавқеъ ва таҳкими ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ халал мерасонад.

Хусусиятҳои сохтор, номуайянии мақоми ҳуқуқӣ ва мавқеи амуди (зернизоми)-и як қатор сохторҳои маҳаллии идораи давлатӣ фаъолияти мутақобилаи онҳоро душвор мегардонад ва ба меъёрҳои конститутсионии муайянкунандаи ягонагии низоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки ба он раиси вилоят, шаҳр, ноҳия сарварӣ мекунанд, мухолифат мекунад.

Ба ҳалли масъалаҳои ба низом даровардани сохторҳои ташкилӣ дар сатҳи маҳаллӣ метавон тавассути таҳияи Нақшаҳои идораи маҳаллӣ дар ҳар як сатҳи воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ бо ҷалби тамоми воҳидҳои соҳавӣ ва функсионалии ҳам тобеи бевоситаи раис ва ҳам тобеи мақомоти идораи марказӣ, инчунин, корхонаю ташкилотҳое, ки ба моликияти коммуналӣ дахл доранд, мусоидат намояд. Бинобар ин, мо мувофиқи мақсад мешуморем, ки моддаи 8-уми Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», ки ба ваколатҳои мақомоти намояндагии маҳаллӣ бахшида шудааст, бо меъёри аз ҷониби онҳо тасдиқ намудани ин нақшаҳо бо пешниҳоди раисон илова карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки танзими ҳуқуқии ваколати ҳомилони идораи давлатӣ чи дар сатҳи марказ ва чи дар сатҳи маҳаллӣ муҳим мебошад. Маҳз, чунин танзими ҳуқуқӣ доираи ваколатҳои шахсони мансабдорро муайян намуда, барои суйиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ ва дигар амалҳои зиддиҳуқуқӣ заминаи ҳуқуқӣ муҳайё менамояд.

***2. Масъалаҳои ҳуқуқии тамоси мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.*** Боби VI Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои вазъи ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мустаҳкам намуда, меъёрҳои конститутсонӣ тахти истилоҳи «ҳокимияти

маҳаллӣ» ду намуд мақомоти маҳаллиро муқаррар менамояд: мақомоти намояндагӣ ва мақомоти иҷроия.

Масъалаҳо оид ба ташкили ҳокимияти маҳаллӣ бо қонунгузории ҷории ҷумҳурӣ, аз ҷумла, Қонуни конститутсониии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» танзим меёбад, ки аз 17 майи соли 2004 амал мекунад[238]. Моддаи 3 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» (минбаъд – Қонуни конститутсионӣ) мазмуни меъёрҳои конститутсиониро ривоҷ дода, тарҳи ҳокимияти иҷроияро дар маҳал мушаххас кард: раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия; сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия; сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия.

Натиҷанокии ташкили ҳокимияти маҳаллӣ аз бисёр ҷиҳат бо муносибати самарабахши тарафайни мақомоти намояндагӣ ва иҷроия ва сатҳи танзими ҳуқуқии он муайян мегардад. Қонунгузор тарҳи ҳамкорӣ ва мувофиқасозиро дар фаъолияти унсурҳои пешбари ҳокимияти маҳаллӣ мустаҳкам намудааст. Вобаста ба ҳаҷми салоҳият якчанд шаклҳои ҳамкории мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро ҷудо намудан мумкин аст:

а) ҳамкорӣ ҳангоми амалисозии танзими давлатӣ;

б) ҳамкории ташкилӣ, ки дар иштироки тарафайн ҷиҳати таъсиси сохторҳои маҳаллии давлатӣ ифода меёбад;

в) ҳамкорӣ ҳангоми таҳия ва нашри санадҳои ҳуқуқӣ;

г) ба амал баровардани назорати тарафайн.

Ҳамкории мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми амалисозии танзими давлатӣ аз моддаҳои 8 ва 20 Қонуни конститутсионӣ бармеояд. Тибқи моддаи 8 маҷлиси вакилони халқ буҷети маҳаллиро қабул мекунад, ҳангоми зарурат ба он тағйиру иловаҳо ворид намуда, иҷрои онро назорат мебарад ва ҳисоботи онро тасдиқ мекунад. Ба ин

[238] Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ.2004. –№5. –М.339.

салоҳияти мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ уҳдадории раиси вилоят, шаҳр, ноҳия мухобирот мегирад, ки тибқи моддаи 20 ба пешниҳоди лоиҳаи буҷети маҳаллӣ (вилоят, шаҳр, ноҳия) ба баррасӣ ва қабули Маҷлиси вакилони халқ, таъмини иҷро ва манзури ҳисоботи он мувазҳаф аст. Мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ роҳҳои инкишофи иқтисодию иҷтимоии маҳалро муайян намуда, барномаҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаи далхдорро тасдиқ ва иҷрои онҳоро назорат мекунанд. Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия дар навбати худ барномаҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа ва барномаҳои мақсадноки минтақавиро барои тасдиқи Маҷлиси вакилони халқ пешниҳод менамояд ва оид ба иҷрои онҳо дар иҷлосия ҳисобот медиҳад. Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, инчунин, нақшаи ташкилотҳои комплексӣ-ҳудудии вилоят, шаҳр ва ноҳия, нақшаи генералии сохтмони маркази вилоят, шаҳр ва ноҳияро таҳия намуда, ба баррасии Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамояд. Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия вазифадор аст, ки дар давоми сол на камтар аз як маротиба ба Маҷлиси вакилони халқ дар бораи иҷрои барномаҳои тараққиёти иҷтимою иқтисодии ҳудуди дахлдор, барномаҳои мақсадноки минтақавӣ, ҳолати хоҷагидорӣ, истифода ва идораи объектҳои моликияти коммуналӣ ҳисобот диҳад.

Ҳамкории ташкилӣ дар иштироки Маҷлиси вакилони халқи дахлдор дар ташаккули ҳайати субъективии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зоҳир мегардад. Қонунгузории қаблӣ мақомоти ҳокимияти иҷроияро дар маҳал зери мафҳуми «ҳукумати маҳаллӣ» гирд оварда буд. Дар он таъкид мегардид, ки ҳукумати маҳаллӣ аз мудириятҳо, шуъбаҳо ва дигар воҳидҳо иборатанд[239]. Қонуни конститутсионӣ аз ин истилоҳ даст кашида, мафҳуми нав ворид намуд: «Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ». Дар моддаи 3 унсурҳои таркибии он чунин мустаҳкам шудаанд: раис; сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раис; сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия.

[239] Ҳамон ҷо. 1994. –№23-24. –М.144.

Тибқи моддаи 8 Қонуни конститутсонии мазкур Маҷлиси вакилони халқ қарорҳои раисро дар бораи ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани муовини якум ва муовинони раис, роҳбари дастгоҳи раис, роҳбарони дахлдори сохторҳои маҳаллии мақомоти ҳокимияти иҷроия тасдиқ менамояд. Зимнан, бо ворид намудани тағйироту иловаҳо аз 22 июли соли 2013 ба Қонуни конститутсонӣ дар бораи «Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» қонунгузор тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро мушаххас гардонид: онҳо вобаста ба сарчашмаи маблағгузорӣ – маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ тафриқа мегарданд. Роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки аз буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, аз тарафи раис бо розигии хаттии роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд. Роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, аз тарафи роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ бо розигии хаттии раис ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд. Вале дар ҳар ду маврид ҳам тибқи талаботи қонунгузорӣ қарорҳои қабулшуда барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод мегардад.

Ҳамкорӣ ҳангоми таҳия ва нашри санадҳои ҳуқуқӣ дар он ифода мегардад, ки Маҷлиси вакилони халқи дахлдор мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои раисро тасдиқ ё бекор мекунад. Ғайр аз ин, мақоми намояндагӣ Дастури Маҷлиси вакилони халқро қабул ва ба он тағйиру иловаҳо ворид менамояд, тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаеро муайян менамояд, ки барои вайрон намудани он ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст. Табиист, ки ҳамаи ин салоҳиятҳоро Маҷлиси вакилони халқ тавассути муросилоти зич бо раис ва сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ анҷом медиҳад.

Ба амал баровардани назорати тарафайн ҷанбаи нисбатан ҷолиб ва муҳимми ҳамкории мақомоти маҳаллии намояндагӣ ва иҷроия эътироф намудан мумкин аст. Аввалан, Маҷлиси вакилони халқ номзадии раисро, ки

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудааст, тасдиқ мекунад. Сониян, Маҷлиси вакилони халқ метавонад ба раис нобоварӣ изҳор намуда, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои озод намудани ӯ масъала гузорад. Баъдан, Маҷлиси вакилони халқ ҳисоботи роҳбарони сохтори маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия ва ташкилотҳои дахлдорро оид ба масъалаҳои дорои салоҳият баррасӣ менамояд ва ҳангоми зарурат ба мақомоти дахлдор дар хусуси ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдори онҳо пешниҳод ирсол менамояд. Ва ниҳоят, Маҷлиси вакилони халқи дахлдор аз ҷумлаи субъектҳое ёдрас мегардад, ки метавонанд санадҳои раисро дар сурати ба Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накардани онҳо пурра ё қисман бекор намояд.

Ҳарчанд қонунгузории кишвар аз афзалияти мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ бароянд ҳам, дар таъмини фаъолияти самараноки унсурҳои ҳокимияти маҳаллӣ нақши калидӣ ба раиси вилоят, шаҳр, ноҳия (минбаъд – раис) нисбат дода мешавад. Фаъолияти Маҷлиси вакилони халқи дахлдор бевосита таҳти роҳбарии раис пеш бурда мешавад. Раис иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқро даъват менамояд ва ба он раисӣ мекунад, ба корҳои тайёрии гузаронидани иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ роҳбарӣ мекунад, рӯзномаи иҷлосияро тартиб медиҳад, риояи дастури Маҷлиси вакилони халқро таъмин менамояд, фаъолияти комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқро ҳамоҳанг месозад, ба қарорҳо, протоколҳо ва санадҳои дигари Маҷлиси вакилони халқ имзо мегузорад.

Бо такмили мазмуни Қонуни конститутсионии номбурда тавассути тағйиру иловаҳои минбаъда танзими ҷанбаҳои мухталифи муносибати мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муяссар гардид[240]. Ба иқдомҳои арзанда нигоҳ накарда, дар фаъолияти мақомоти маҳаллӣ ҳанӯз ҳам норасоиҳо дар қонунгузорӣ мушоҳида мешавад. Масалан, тавре дар боло зикр гардид, Маҷлиси вакилони халқ ҳуқуқи изҳори нобоварӣ нисбат ба раисро дорад.

[240] АМО ҶТ. 2009. –№ 12. –М.814; 2010. –№12.Қ.1. –М.800.

Барои амалисозии ин ваколат ду шарт пешбинӣ мегардад: мавҷуд будани асос ва овоздиҳии пинҳонӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон. Вале дар қонунгузорӣ механизми татбиқи ин ваколат ҷой надорад, зеро раис на танҳо ба қарорҳо, протоколҳо ва санадҳои дигари Маҷлиси вакилони халқ имзо мегузорад, балки ба иҷлосияҳои он раисӣ мекунад. Табиист, ки раис ба иҷлосия дар мавриди ба рӯзномаи он ворид карда шудани масъалаи нобоварӣ ба ӯ, имзои қарорҳоро дар ин бора анҷом дода наметавонад.

Ба ҳамин монанд, ҳолат дар мавриди пешниҳоди номзадии раис ба мақомоти болоӣ, масалан, ба узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад. Дар амалия ҳангоми баррасии ин масъала на танҳо ба иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ роҳбарӣ мекунад, балки ба қарори он нисбат ба пешниҳоди номзадии худ имзо мегузорад. Чунин намунаи матраҳ гардидани масъала нишонаҳои бархурди манфиатҳоро дорад ва бояд ба тариқи вориди тағйиру иловаҳои матлуб бартараф карда шавад.

Дар ин мавридˌ истифодаи қиёси қонун қобили қабул аст. Тибқи тағйиру иловаҳое, ки аз 29 декабри соли 2010 ба Қонуни конститутсонӣ ворид карда шуданд, субъектҳои даъвати иҷлосия васеъ гашт: яке аз муовинони раис, ки вакили ҳамин Маҷлиси вакилони халқ мебошад (дар ҳолати набудани раис) ё на камтар аз се як ҳиссаи шумораи умумии вакилон[241]. Бо тағйиру иловаҳо аз 3 декабри соли 2009 ба Қонуни конститутсонӣ дар ҳолати вакил набудани иҷрокунандаи вазифаи раис ва муовинони ӯ, иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқро вакили синну солаш калонтарин мекушояд ва то интихоб шудани раиси Маҷлиси вакилони халқ дар кори он раисӣ мекунад[242] .

Ҳамин муқаррароти қонунгузориро нисбат ба қазияи изҳори нобоварӣ ба раис ва пешниҳоди номзадии ӯ истифода бурдан мақсаднок арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, пешниҳод дорем, ки ба моддаи 13 Қонуни конститутсионӣ қисми нав бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Ҳангоми баррасии масъалаи изҳори нобоварӣ ба раис ё ин ки пешниҳоди номзадии раис ба мақомоти болоӣ

---
[241] Ҳамон ҷо.
[242] Ҳамон ҷо. 2009. –№12. –М.814.

ба кори иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ вакили синну солаш калонтарин роҳбарӣ мекунад ва ба санадҳои он имзо мегузорад».

Ҳамин тавр, дар шароити муосир барои Тоҷикистон ташкили ҳамкории муфиди мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамчун омили таъмини самарабахшии идораи давлатӣ баромад намуда, ба танзими минбаъдаи ҳуқуқии шаклу сохтор ниёз дорад. Маҳз, бо назардошти аҳаммияти бебаҳси масъала барои рушди давлатдорӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2015, №522 Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 тасдиқ гардид, ки ба ташаккули низоми муосири идоракунии маҳал нигаронида шудааст. Дар назар дошта мешавад, ки Консепсияи мазкур асоси ташкилию сиёсӣ ва методологиро барои пешбурди азнавсозӣ дар сатҳи маҳал фароҳам оварда, ба таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими функсияҳо, ташкил ва сохтори идоракунии маҳал муосидат хоҳад кард. Амалисозии мазмун ва муҳтавои ин санади сиёсии дарозмуҳлат танҳо дар заминаи таъмини сатҳи матлуби илмии чорабиниҳои пешбинишаванда имконпазир мебошад.

***3. Масъалаҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва масоили вобаста ба интиқоли ваколат дар сатҳи идораи маҳаллӣ.*** Масъалаҳои ҳуқуқии ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо мақомоти худидоракунӣ яке аз ҷанбаҳои муҳим дар идораи маҳаллӣ шуморида мешавад. Ба фароҳам оварда шудани шароити мусоиди ҳуқуқӣ нигоҳ накарда, дар санадҳои қонунгузорӣ нисбат ба интиқоли ваколат духӯрагӣ ҷой дорад, ки ба ташкили самарабахши ҳамкорӣ дар низоми идораи иҷтимоӣ монеъ мегарданд. Ин ҳолат, албатта такмили минбаъдаи қонунгузории миллӣ ва дар ин замина, бартарафсозии камбудиҳоро талаб менамояд.

Масоили тамоси мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, шаклҳои ҳамкории онҳо дар мадди назари илми ҳуқуқшиносии ватанӣ қарор доранд. Ба ин мавзуъ дар доираи таҳқиқоти махсуси соҳавии худ вобаста ба ташаккули

ниҳоди худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон ва таҳкими асосҳои ҳуқуқии он К.Т. Мухторов, Б.С. Аминҷонов, Д.А. Олимзода диққат додаанд[243].

Дар адабиёти илмӣ дар фаҳмиши умум ҳамкорӣ ҳамчун фаъолияти якҷояи ба тарафайн муфид тавсиф меёбад, ки натиҷаи он робитаи устувор ва алоқамандии зич мегардад. Олими рус Г.Ф. Скрипкин, ки дар ҳамин масъала таҳқиқоти густурда анҷом додаст, ишора менамояд, ки хислати ҳамкорӣ дар ин маврид бо назардошти сатҳи фаъолнокии тарафҳо гуногун шуда метавонад. Дар ин масир ӯ таснифоти шаклҳои ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро низ пешниҳод намудааст[244].

Бахри танзими муносибатҳо оид ба ташкил, ваколат ва фаъолияти унсурҳои идораи маҳаллӣ Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2004 «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2009 «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» амал менамоянд. Дар санадҳои номбурдаи қонунгузорӣ меъёрҳои алоҳида марбут ба тамоси мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мавҷуд мебошанд, ки аз ташаккули механизми ҳуқуқии ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Бо назардошти муқарраароти қонунгузорӣ чунин унсурҳои ташкилии ин механизми ҳуқуқиро номбар намудан мумкин аст:

– тартиби ташкили Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот;

– ширкати бевоситаи раиси шаҳр, ноҳия дар ташкили ҳайати роҳбарикунандаи ҷамоатҳои шаҳраку деҳот;

[243] Аминджанов Б.С. Становление и развитие органов местного самоуправления в Республике Таджикистан: автореф. дис...к.ю.н. – М., 2009; Мухторов К.Т. Конституционно-правовые основы организации местного самоуправления в Республике Таджикистан: автореф. дис...к.ю.н. – М., 2012; Олимзода Д.А. Худидораи маҳаллӣ ҳамчун шакли ҳокимияти халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ: дис....н.и.ҳ. –Душанбе, 2021.

[244] Скрипкин.Г.Ф. Взаимодействие органов государственной власти и местного самоуправления. –М., 2008. –176 с.

– иштироки раисони Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ё муовинони онҳо дар машваратҳои кории назди раиси ноҳия (шаҳр);

– таъсиси мақомоти муштараки ҳамоҳангсозӣ ва машваратӣ;

– дастгирии молиявӣ, моддӣ ва методии мақомоти худидоракунии маҳалӣ;

– мубодилаи иттилоотӣ байни мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;

– принсипҳое, ки ҳамгироии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ба онҳо асос ёфтааст;

– меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро танзим менамоянд;

– доираи салоҳияте, ки ҳамчун мавзуи ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ баромад карда метавонад.

Дар байни унсурҳои ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот нақши муайянкунанда, ба андешаи мо, ба интиқоли ваколат тааллуқ дорад. Ин шакли ҳамкорӣ барои ғайримутамарказгардонии идораи давлатӣ ва рушди васеи худидоракунии маҳаллӣ заминаи ташкилӣ-ҳуқуқии мусоид фароҳам меорад. Масалан, моддаи 6-и Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» муқаррар менамояд, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо мусоидат менамоянд, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо кумакҳои молиявию иқтисодӣ мерасонанд ва метавонанд татбиқи баъзе ваколатҳои худро ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузоранд[245].

Дар Қонун «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» пешбинӣ мегардад, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ташкил, инкишоф ва фаъолияти самараноки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот шароити

[245] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004. –№5. –М.339.

зарурии ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддӣ, молиявӣ муҳайё намуда, барои амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба худидоракунии маҳал мусоидат мекунанд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонад татбиқи ваколатҳои алоҳидаи худро ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар асоси шартнома ва бо маблағгузории ин ваколатҳо вогузоранд. Дар моддаи 14 Қонуни мазкур чунин ваколатҳои алоҳидаи вогузоршавандаи давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот пешбинӣ шудаанд:

– мусоидат дар мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ;

– назорати иҷрои қоидаҳои низоми шиносномавӣ ва мутобиқи тартиби муқаррааргардида бақайдгирӣ ва аз қайдбарории шаҳрвандон;

– баҳисобгирии оилаҳои камбизоат ва ташкили дастгирии иҷтимоии онҳо;

– сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ мутобиқи қонунгузорӣ;

– анҷом додани амалиёти алоҳидаи нотариалӣ мутобиқи меъёрҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ»;

– ба шаҳрвандон додани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҷойи зист, вазъи оилавӣ ва ҳолатҳои дигар;

– мусоидат дар ташкили даъват ба хизмати ҳарбӣ ва дигар чорабиниҳои ҳарбӣ;

– таъмини чораҳои зарурӣ барои ҳифзи зироатҳои кишоварзӣ, пешгирии бемориҳои ҳайвонот, муҳофизати ҷангал ва буттазорҳо;

–таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба муҳофизати муҳити зист;

– мусоидат ба ҷамъоварии андоз ва дигар пардохтҳо;

– мусоидат ба таъмини ҳимояи ҳуқуқии истеъмолкунандагон;

– дигар ваколатҳое, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вогузошта шудаанд[246].

---

[246] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. –№7-8. –М.503.

Аз таҳлили меъёрҳои санадҳои дар боло номбурдаи қонунгузорӣ бармеояд, ки ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот дар ду самт ҷой дошта метавонад: амалисозии ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар масоили аҳаммияти маҳаллидошта (ба ғайр аз ваколати истисноӣ) ва амалисозии ваколатҳои алоҳидаи вогузоршавандаи давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот. Ҳамзамон, дар қонунгузорӣ ифодаи раванди баръакс, яъне вогузори (гузашт)-и ваколати алоҳидаи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ба мақомоти ҳокимияти иҷроияи сатҳи ноҳияву шаҳр низ муфид арзёбӣ мегардад. Тибқи маълумоти оморӣ то санаи 1 январи соли 2018 дар ҷумҳурӣ 75 шаҳру ноҳия мавҷуд буданд (бидуни инобати шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он), ки 627 ҷамоати шаҳрак ва деҳотро муттаҳид намуданд[247].

Меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба функсияҳои идораи давлатӣ ҷалб гаштани ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ишора менамоянд, ки аксари онҳо хислати хизматрасонӣ доранд. Воқеан ҳам, давлат ба сатҳу сифати фаъолияти ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ҳамчун мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бетараф буда наметавонад, зеро ниҳоди мазкур дар тамоси байни давлат ва ҷомеа мавқеи меҳварӣ дорад. Маҳз, бо ҳамин сабаб, дар адабиёти ҳуқуқӣ нақши калидии худидоракунии маҳаллӣ дар таъмини бардавомӣ ва таҳкими давлатдорӣ эътироф мегардад[248].

Бо назардошти ҳамин омил вогузории ваколатҳои дар боло номбурдаро ба уҳдаи ҷамоатҳо қонунгузор бо шартномаи тарафҳо, яъне байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, инчунин, таъмини маблағгузории ин ваколатҳо аз ҷониби сохторҳои марбутаи идораи давлатӣ алоқаманд намудааст. Дар қонунгузорӣ таъкид мегардад, ки иҷрои босифати шартнома ваколат ва масъулияти тарафҳо мебошад[249].

[247] Захираи электронӣ: реҷаи дастрасӣ: http://stat.ww.tj/publications/ (санаи муроҷиат: 01.12.2021).
[248] Политико-правовые ценности; история и современность / Под ред. В.С.Нерсесянца. –М., 2000.
[249] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2012. –№4. –М.278.

Афзалияти шакли шартномавии танзими интиқол ё худ вогузории ваколат хислати ихтиёрии изҳори иродаи тарафҳо мебошад, ки тибқи он мақомоти худидоркунии маҳаллӣ бо ташаббуси худ ва розигии мақомоти марбутаи давлатӣ иҷрои салоҳияти муайяни онҳоро ба уҳда мегиранд. Аз ин рӯ, ваколати давлатӣ бояд бо назардошти сатҳи омодагии ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ба иҷрои сифатноки онҳо вогузор шавад. Чунин гузориши масъала барои амалияи маъмурии кишвар аҳаммияти инқилобӣ дорад, зеро дар таъсиси речаи эътимод байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳо ҳиссагузор гашта, ба самаранокии идораи давлатӣ таъсири мусбат хоҳад дошт.

Шакле, ки ба ваколатҳои вогузоршаванда пардаи расмӣ мебахшад, танҳо «шартномаи маъмурӣ» шуда метавонад, чунки мавзуи он аз «аҳди гражданӣ» тавофутҳои ҷиддӣ зоҳир менамояд. Ҳарчанд дар илми ҳуқуқшиносии миллӣ ин падида ба таври матлуб омӯхта нашудааст, дар моддаи 20-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012 «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» имконоти бастани шартномаи маъмурӣ зимни вогузории функсияҳо пешбинӣ мегардад. Дар Қонуни мазкур шартномаи маъмурӣ ҳамчун санади ҳуқуқие тавсиф дода мешавад, ки «дар асоси он мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи талабот ва шартҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои ҳокимияти давлатиро (ба истисноӣ функсияҳои назоратӣ) ба зиммаи мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳо вогузор менамояд» [250]. Ворид намудани меъёр бо ҳамин мазмун ба санадҳои қонунгузории ташкили ҳокимияти маҳаллӣ мақсаднок арзёбӣ мегардад.

Бастани шартномаҳо байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ шакли муҳим ва ояндабахши рушди муносибати онҳо эътироф мегардад. Вале боиси таассуф аст, ки ба амали тулонии Қонун «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» нигоҳ накарда, ягон амсоли

[250] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2012. –№4.–М.278.

назарраси интиқоли ваколат аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба сатҳи худидоракунии маҳаллӣ то ҳанӯз ҷой надорад. Чунин вазъ аз он шаҳодат медиҳад, ки ташкили иҷрои муқаррароти Қонун аз тарафи мақомоти марбутаи ваколатдор дар сатҳи номатлуб қарор дорад. Омили дигари рушд наёфтани интиқоли ваколатро дар низоми идораи давлатӣ олимони шинохтаи миллӣ ба мушаххас нашудани номгӯйи «ваколатҳои вогузоршаванда» ва «ваколатҳои истисноӣ» дар қонунгузорӣ рабт медиҳанд[251].

Ҳамкорӣ ва ҳамгироии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ самтҳои мухталифи идораи давлатиро дар бар гирифта, ба таъмини низоми ягонаи ҳокимияти умум нигаронида шудааст, то ин ки ҷамоатҳои шаҳраку деҳот хизматрасонии самарабахш ва хушсифатро ба аҳолӣ анҷом диҳанд. Сохтори механизми ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ унсурҳои мухталифро дар бар мегирад, ки байни онҳо вогузории ваколат калидӣ маҳсуб меёбад. Вале, бинобар ҷой доштани духӯрагӣ дар қонунгузорӣ нисбат ба вогузории ваколат ва аз нигоҳи методӣ таъмин набудани бастани шартномаҳо ин ниҳоди ояндабахш то ҳанӯз дар ҳолати ҷанин қарор дорад. Чунин вазъ зарурати ворид намудани тасҳеҳ ба санадҳои қонунгузорӣ ва пурзӯр намудани таъмини ташкилию методии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳотро тақозо менамояд, ки бояд таввассути роҳандозии лоиҳаҳои махсус ва муайян намудани мақоми ваколатдори ҳамоҳангсози иҷрои онҳо таъмин гардад, ки тавсиф ва баррасии мавзуии ҷанбаҳои онро саривақтӣ меҳисобем.

Дигар масъала, ки метавонад ба раванди такмили ташкил ва фаъолияти самаранокии мақомоти идора дар сатҳи маҳал мусоидат намояд, ба масъалаҳои ҳуқуқии интиқоли салоҳият дар сатҳи идоракунии маҳаллӣ алоқаманд додниста мешавад, ки оид ба баъзе мушкилотҳо аллакай ишора намудем.

---

[251] Раззоков Б.Х. Организация исполнительной власти Республики Таджикистан: проблемы теории, законодательства, практики. – Душанбе, 2015. С.– 215-216.

Боиси қайд аст, ки сатҳу сифати идораи давлатӣ аз бисёр ҷиҳат бо ташкили самарабахши идораи маҳал муайян мегардад, ки ҳалли вазифаҳои аҳаммияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла, давлатиро дар назар дошта, дар ҳудуди муайяни мамлакат (воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ) амалӣ мегардад. Ин сатҳи идора дар давлатҳои муосир, чун қоида, бо ду тарз ба роҳ монда мешавад:

а) тавассути мақомоти намояндагӣ ва иҷроия, ки аҳолӣ интихоб мекунад;

б) тавассути мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдоре, ки сардори давлат ё ҳукумати марказӣ таъин менамоянд.

Тарзи аввал маъмулан худидоракунии маҳаллиро ифода намуда, берун аз низоми давлатӣ фаъолият мебарад ва дар тарзи дуюм бошад, мақомоти маҳаллӣ шомили ҳокимияти давлатӣ мебошанд. Вале, дар ҳар ду тарз ҳам идораи маҳаллӣ шомили низоми идораи давлатӣ маҳсуб меёбад.

Дар Тоҷикистон ташкили идораи маҳаллӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Он ташкил ва фаъолияти сохторҳои иҷроияро дар доираи воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ – вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо дар назар дошта, ду унсури ба ҳам зич алоқамандро дар бар мегирад:

а) сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия;

б) сохтори иҷроияи ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот.

Ин тарҳи идора ҷузъи таркибии идораи мутамаркази президентӣ маҳсуб меёбад. Чунин сохтори ташкилӣ, тавре дар адабиёти илмӣ қайд гардидааст, «дар таҷрибаи навини давлатдории Тоҷикистон муфид ва мувофиқи мақсад будани худро собит намуда, имкон дод, ки дар кишвар дар муҳлати кӯтоҳи таърихӣ риштаи бо сабабҳои маълум гусастаи идора дубора пайваст гардад»[252]

Дар низоми идораи маҳаллӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ нақши муҳим мебозад. Ин зернизоми ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ба объектҳои идора бештар наздик буда, сатҳ ва сифати фаъолияти он ба самаранокии идораи давлатӣ таъсири бевосита мерасонад. Тибқи таҳрири нави моддаи 78-и Конститутсияи ҶТ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти

[252] Раззоқов Б.Ҳ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сардори ҳокимияти иҷроия. –Душанбе, 2010. – С.178.

давлатиро раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия роҳбарӣ менамояд. Ҳамзамон, ӯ ба мақомоти намояндагии маҳаллӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳия, ки Маҷлиси вакилони халқ эътироф шудааст, роҳбарӣ мекунад. Раиси вилоят, шаҳр, ноҳияро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамояд. Раиси вилоят, шаҳр, ноҳия сардори ҳам мақоми намояндагӣ ва ҳам мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар воҳиди дахлдори маъмурию ҳудудии ҷумҳурӣ баромад мекунад[253] .

Масъалаҳои ташкил ва фаъолияти ҳокимияти маҳаллӣ бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» танзим гардида, Қонуни конститутсионии мазкур бори нахуст дар таҷрибаи сохтмони маъмурӣ нигоҳи низомнокро мустаҳкам намуда, дар таҳрири минбаъда аз 3-юми декабри соли 2009 унсурҳои ҳокимияти иҷроияро дар сатҳи маҳаллӣ чунин номбар кард:

– раиси вилоят, шаҳр, ноҳия;

– сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия;

– сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия[254] .

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо мусоидат менамоянд ва тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо кумакҳои молиявӣ ва иқтисодӣ мерасонанд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд татбиқи баъзе ваколатҳои худро ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузор намоянд.

Дар моддаи 78-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид мегардад, ки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷамоат аст, ки тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти онро қонун танзим менамояд. Бахри танзими

---

[253] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004. –№5. –М.339; 2009. –№12. М.814. – С.-26.
[254] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004. – №5. – М.339; 2009. – №12. – М.814.

муносибатҳои ҷамъиятӣ марбут ба ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аз 5 августи соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» амал мекунад[255].

Тибқи Қонуни мазкур худидоракунии шаҳрак ва деҳот фаъолияти аҳолии шаҳрак ва деҳот мебошад, ки бевосита ё ба воситаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот таҳти масъулияти худ барои ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии аҳаммияти маҳаллидошта, бо назардошти манфиатҳои умумиҷамъиятӣ, анъанаҳои миллӣ ва хусусиятҳои маҳаллӣ амалӣ мегардад. Мақоми худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҷониби интихобкунандагони шаҳрак ва деҳот интихоб шуда, масъалаҳои дорои аҳаммияти маҳаллиро дар доираи ваколатҳои худ ҳал мекунад. Ҷамоати шаҳрак ва деҳот дар амалӣ гардонидани ҳуқуқи шаҳрвандон ҷиҳати иштирок дар идораи корҳои ҷамъият ва давлат ёрӣ мерасонанд, онҳоро барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ ва хоҷагии қаламрави худ, ҳалли масъалаҳои муҳимме, ки бевосита ба манфиати аҳолӣ дахл доранд, муттаҳид месозанд, ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар иҷрои талаботи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Президент, Маҷлиси Олӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Маҷлиси дахлдори вакилони халқ ва раисони онҳо мусоидат мекунанд.

Аз таҳлили қонунгузорӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идораи маҳаллӣ ду мафҳумро дар бар мегирад:

а) идоракунии давлатии маҳаллӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо амалӣ мегардад;

б) худидоракунии маҳаллӣ, ки аз ҷониби ҷамоатҳои дар назди аҳолӣ масъул амалӣ мешавад.

Вале, дар қонунгузории мамлакат мафҳуми «худидоракунии маҳаллӣ» мустаҳкам шуда, тавсифи «идораи маҳаллӣ» ё худ «идоракунии маҳаллӣ» то ҳанӯз дода нашудааст, ки норасоӣ дар танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

[255] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. – №7-8. – М.503.

мебошад. Мусаллам аст, ки идоракунии маҳаллии давлатӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатиро дар маҳал, яъне сатҳи вилоят, шаҳр ва ноҳия дар назар дорад.

Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки 11 июли соли 2015 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» тасдиқ шудааст, ки дар он ибораҳои «идоракунии маҳаллӣ» ва «идоракунии маҳаллии давлатӣ» фаровон истифода мешаванд. Мақсади Консепсияи мазкур ташаккули самтҳои асосӣ ва заминаи сиёсию ташкилӣ ва ҳуқуқии идоракунии рушди маҳал, вазифаҳо барои такмили идоракунии рушди маҳал мебошад. Дар он чунин самтҳои такмили идоракунии рушди маҳал муайян шудаанд:

– мушаххассозӣ ва мутаносибгардонии функсия ва ваколатҳо байни сатҳҳои идоракунии марказӣ ва маҳаллии давлатӣ, инчунин, худидоракунии маҳаллӣ бо азнавтақсимкунии захираҳои моддӣ ва молиявӣ;

– дар сатҳи ҳудудӣ ва маҳаллии идоракунӣ ташаккул додани низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки ба принсипҳои бунёдии идоракунии самараноки давлатӣ мувофиқ буда, барои рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар шароити зарурӣ фароҳам меорад;

– ҷорӣ намудани механизмҳое, ки ҳамбастагии нисбатан зичи стратегияи дарозмуҳлатро бо раванди банақшагирӣ ва иҷрои буҷети давлатӣ, инчунин, нақша ва стратегияҳои ҳарсолаи рушди соҳаҳо ва барномаҳои сармоягузорӣ дар сатҳи маҳаллӣ таъмин менамояд;

– ноил гардидан ба тақсими нисбатан дақиқи функсияҳо, вазифаҳо ва ваколатҳо оид ба пешкаш намудани хизматрасонӣ ба аҳолӣ, беҳтар намудани сифат ва дастрасии он;

– ҷорӣ намудани механизмҳои самараноки назорат ва ҳисоботдиҳии мақомоти идоракунии маҳаллӣ ва роҳбарони онҳо[256] .

---

[256] Портали ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: portalihuquqi.tj (санаи мароҷиат: 12.11.2020).

Амалӣ гаштани самтҳои номбурда баҳри мутобиқ гардонидани ваколатҳо, низоми ниҳодӣ ва усулҳои фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ ба вазифаҳои зудтағйирёбандаи стратегии рушд ва идоракунии минтақавӣ мусоидат намуда, ба мақомоти маҳаллӣ имкон медиҳад, ки дар заминаи муносибати маҷмуӣ иқтидори худро ба таҳия ва татбиқи барномаю нақшаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии маҳал равона созанд. Ташаккули чунин тарҳ аз бисёр ҷиҳат бо фаъолияти тавъам ва ҳамоҳанги мақомоти идоракунии давлатии маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ вобаста мебошад.

Қонунгузорӣ тарҳи ҳамкориро дар сатҳи идораи маҳаллӣ пешбинӣ намудааст. Аз ҷумла, тибқи моддаи 6 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо мусоидат менамоянд ва тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо кумакҳои молиявӣ ва иқтисодӣ мерасонанд. Дар қисми 2-юми ҳамин модда таъкид мешавад, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд татбиқи баъзе ваколатҳои худро ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузоранд [257]. Ба ҳамин мазмун, диспозитсия дар моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», ки «Дастгирии давлатии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» номида шудааст, ҷой дорад. Тибқи он мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ташкил, инкишоф ва фаъолияти самараноки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот шароити зарурии ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддӣ, молиявӣ муҳайё намуда, барои амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба худидоракунии маҳаллӣ мусоидат мекунанд. Ҳамчунин, дар қисми дуюми моддаи дар болозикр махсус ишора мешавад, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонад татбиқи ваколатҳои алоҳидаи худро ба

[257] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2004. – №5. – М.339; 2009. – №12. – М.814.

мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар асоси шартнома ва бо маблағгузории ин ваколатҳо вогузор намояд[258] .

Тавре аён мегардад, санадҳои қонунгузорӣ дар соҳаи ташкили ҳокимияти маҳаллӣ як навъ тарҳи ғайримутамарказгардониро пешбинӣ намудаанд, ки дар асоси интиқоли ваколат сурат гирифта, ба ҳамкории мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ дар шахсияти раисони шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар шахсияти ҷамоатҳои шаҳраку деҳот нигаронида шудааст. Вале он то ҳанӯз дар амалияи идорӣ муваффақ нест, ки бо чанд омил муайян мегардад.

Ба андешаи мо, санадҳои қонунгузорӣ тарҳи интиқоли ваколатро муқаррар намуда, номгӯйи ин зайл ваколат ё худ доираи ваколатҳои истиноии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатиро, мушаххас накардаанд. Масалан, дар моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» нисбат ба мафҳуми ваколатҳои истисноӣ чунин қайд мешавад: «ваколате, ки тибқи қонун ба мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тааллуқ дорад ва барои иҷрои он танҳо ин мақомот масъул мебошанд». Ҳамзамон, моддаҳои 8 ва 20 мувофиқан салоҳияти Маҷлиси вакилони халқ ва раиси вилоят, шаҳр, ноҳияро мустаҳкам менамоянд. Аз чунин тасвиб номуайян мемонад, ки кадоме аз ин номгӯйи ваколатҳо дар сатҳи маҳаллӣ «истисноӣ» мебошанд. Ислоҳи вазъ зарурати мушаххас намудани доираи ин зайл ваколатҳоро дар қонунгузорӣ тақозо менамояд.

Меъёрҳои ҷолиби диққат нисбат ба масъалаи мавриди назар дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012 «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ ҷой доранд. Дар моддаи 1-и Қонуни мазкур тавсифи шартномаи маъмурӣ дода шуда, он ҳамчун санади ҳуқуқие баррасӣ мегардад, ки дар асоси он мақоми иҷроияи марказии

---

[258] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. – №7-8. – М.503.

ҳокимияти давлатӣ мутобиқи талабот ва шартҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ функсияҳои ҳокимияти давлатиро (ба истисноӣ функсияҳои назоратӣ) ба зиммаи мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳо вогузор менамояд [259] .

Моддаи 20-и ҳамин Қонун ба вогузории функсияҳои ҳокимияти иҷроия бахшида шудааст. Тибқи он мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ метавонанд дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон функсияҳои дорои хусусияти ёрирасон ё функсияи хизматрасонӣ ба аҳолиро ба зиммаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо вогузор намоянд. Вогузории чунин функсияҳо, ки дар асоси шартномаи маъмурӣ анҷом дода мешавад, дар ҳолатҳои зайл амалӣ мегардад:

–агар чунин имконият тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ ва танзим шуда бошад;

– агар вогузории функсияҳо аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок бошад;

– агар ҳангоми иҷрои функсияи мазкур сифати он халалдор нагардад ва ба манфиатҳои оммавӣ зиён наоварад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби вогузор намудани функсияҳо, ба имзо расонидани шартномаи маъмурӣ ва амалӣ намудани онро тасдиқ намудааст.

Айни ҳол, ин механизми дар қонунгузорӣ пешбинишуда фаъол нест ва ба тадбирҳои иловагии ташкилӣ-ҳуқуқӣ эҳтиёҷ дорад, зеро худидоракунии маҳаллӣ нуқтаи буриши ҳамаи маҷмуи манфиатҳои сокинони маҳаллӣ ва манфиатҳои давлат мебошад. Қадами аввал бо мушаххас гардонидани номгӯйи ваколатҳои истисноӣ рабт дошта, қадами дигар аз мусоидати методию машваратӣ ба мақомоти маҳаллӣ вобаста мебошад.

Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо дигаргунсозиҳои мураккаби барномавӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва таъминоти ҳаётии кишвар алоқаманд аст, тағйироти ниҳодӣ,

---

[259] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2012. –№4. –М.169.

тақсимоти дақиқи вазифаҳо ва ҳамоҳангсозии сифатноки фаъолияти мақомоти маҳаллии идоракуниро тақозо менамояд. Дар ин раванд, мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот нақши муҳим бозида, натиҷанокии ҳадафу афзалиятҳои гузошташуда бо самаранокии фаъолият ва сатҳи ҳамгироии онҳо алоқаманд дониста мешавад. Баҳри расидан ба ин мақсад ҳама монеаҳои сунъӣ бояд бартараф шуда, фазои мусоиди ташкилию ҳуқуқӣ фароҳам оварда шавад.

Бо мақсади танзими ҳуқуқии ҷанбаҳои мухталифи муносибати мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, танзими ҳуқуқӣ ва тарҳи ҳамкорӣ дар сатҳи маҳал ворид намудани чунин тағйирот ва мушаххасот ба санадҳои ҳуқуқии амалкунанда зарур шуморида мешавад:

1) Тибқи Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» Маҷлиси вакилони халқ ҳуқуқи изҳори нобоварӣ нисбат ба раисро дорад. Барои амалисозии ин ваколат ду шарт пешбинӣ мегардад: мавҷуд будани асос ва овоздиҳии пинҳонӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон. Инчунин, масъалаи дигар, ин ба пешниҳоди номзадии раис ба мақомоти болоӣ, масалан, ба узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ алоқаманд дониста мешавад.

Вале дар қонунгузорӣ механизми татбиқи ин ваколатҳо ҷой надорад, зеро раис дар ҳар ду раванд, на танҳо ба қарорҳо, протоколҳо ва санадҳои дигари Маҷлиси вакилони халқ имзо мегузорад, балки ба иҷлосияҳои он раисӣ мекунад. Аз ин рӯ, пешниҳод дорем, ки ба моддаи 13-и Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», қисми нав бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Ҳангоми баррасии масъалаи изҳори нобоварӣ ба раис ё ин ки пешниҳоди номзадии раис ба мақомоти болоӣ ба кори иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ вакили синну солаш калонтарин роҳбарӣ мекунад ва ба санадҳои он имзо мегузорад».

2) Масъалаи дигари баррасишаванда дар рисола ин танзими ҳуқуқӣ ва тарҳи ҳамкорӣ дар сатҳи идораи маҳалро дар бар мегирад. Тибқи санади

қонунгузорӣ мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбиқи баъзе ваколатҳои худро дар асоси шартнома ва бо маблағгузории ин ваколатҳо ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузор менамояд.

